Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# ТАЪРИХИ ҶАҲОН

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 7-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст

Нашри нав

**Тошканд – 2022**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 94(100)(075.3)
КБК 63.3(0)я72
Т 27

**МУАЛЛИФОН:**

**Турсун Салимов, Лазиз Насруллаев**
**Нурҳаёт Ҳакимов, Санҷар Кушбеков, Баҳодир Маҳмудбоев**

**ТАҚРИЗЧИЁН:**

**Ш. Эргашев** – ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи таърихи ФУ Ӯзбекистон, номзади илмҳои таърих;

**Д. Ураков** – мудири кафедраи таърихи ҷаҳони факултети таърихи ДМӮз, доктори илмҳои таърих;

**Й. Тайронов** – мудири кафедраи таърихи ҷаҳони факултети таърихи ДДПТ, номзади илмҳои таърих;

**А. Бийкузиев** – омӯзгори кафедраи таърихи ҷаҳони факултети таърихи ДМӮз, доктори фалсафа оиди илмҳои таърих (PhD);

**А. Исмаилов** – котиби илмии осорхонаи давлатии Пажӯҳишгоҳи таърихи ФУ Ӯзбекистон, доктори фалсафа оиди илмҳои педагогӣ (PhD), дотсент;

**Ч. Мустафоев** – омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими таърихи ДДПН;

**З. Бозоров** – омӯзгори тоифаи якуми фанни таърихи МДТУИ рақами 5-уми ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд.

**АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:**

 – шумо донистa мегиред.

 – ба дафтарчаи паҳлӯии таърихатон дохил кунед!

 – ба хотир оред!

 – тадқиқотҳои таърихии ман.

 – мушоҳидаи таърихӣ!

 – барои пурдонҳо.

 – инро дар хотир нигоҳ доред!

 – шарҳи истилоҳҳо.

 – фикр карда, хулоса бароред!

 – савол ва супоришҳо.

*Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби Республика чоп шудааст.*

*Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби Маркази таълими Республика коркард шудааст.*

ISBN 978-9943-8373-9-3
© Маркази таълими Республика, 2022



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУҚАДДИМА

Донишомӯзи азиз, Шумо дар синфи 6-ум таърихи бостонии халқҳои ҷаҳон ва Ӯзбекистонро, ки ҳазорсолаҳо идома доштанд, хонда омӯхтед. Таърихи инсоният аз рӯйи тамоили даврабандӣ дар таърихи ҷаҳонӣ бо пошхӯрии империяи Рими Ғарбӣ даври асрҳои миёна оғоз меёбад. Ин давра аз охири асри V то охири асри XV давом мекунад. Сухан дар бораи чӣ тавр ба вуҷуд омадани ҷамъияти заминдорӣ, чӣ тавр инкишоф ёфтани он, тарзи ҳаёти халқҳо, муносибатҳои меҳнатӣ, мубориза барои озодӣ, инчунин истило ва юришҳои ғоратгарӣ меравад.

Дар асрҳои миёна, ки даҳ аср давом кард, дар қитъаҳои Европа, Осиё, Африка ва Америка бисёр воқеаҳои муҳим ба амал омада, дар тараққиёти маданият комёбиҳои беназир ба даст оварда шудааст. Ба вуҷуд омадани давлатҳои калони марказонидашуда ба коркарди маҳсулоти ҳунармандӣ, савдо, илму фан ва маданият мусоидат кард. Халқҳои Шарқ ва Ғарб бо воситаи алоқаҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва маданӣ Халқҳои Шарқ ва Ғарб бо воситаи алоқаҳои аз комёбиҳои саноат, илму фан ва маданият баҳра бурданд. Дар ҳудудҳои гуногуни ҷаҳон тамаддунҳои хоси асримиёнагӣ ба вуҷуд омада. Дини христианӣ асосан дар Европа, динҳои ислом ва буддоӣ дар Осиё паҳн шуданд, ки ба инкишофи ҷамъият, илм ва маданият таъсири калон расонданд.

Муносибатҳои заминдорие, ки дар асрҳои миёна ташаккул ёфта буданд дар таърихи башарият роли муҳим бозида, дар Европа *ҷамъияти феодалӣ* ва дар Осиё *ҷамъияти заминдорӣ* номида мешавад. Дар натиҷаи ба хешу табор, амалдорон ва рӯҳониён додани замин – мулкҳо, аз ҷониби ҳукуматдорон муносибатҳои заминдорӣ ба вуҷуд омада, аҳолӣ ба тоифаҳои феодалҳо (заминдорони калон) ва деҳқонони тобеи он ҷудо мешаванд. Ба моликияти меросӣ табдил додани заминҳои инъомшуда боиси мустаҳкам шудани ҳокимияти феодалӣ гардид, ки ин дар навбати худ боиси пошхӯрии мамлакат ва парокандагии сиёсӣ мегардад.

Донишомӯзи азиз, мо маълумотҳои таърихи асрҳои миёнаро тавассути сарчашмаҳои моддӣ ва хаттӣ мегирем. Ба сарчашмаҳои моддӣ меҳнат ва аслиҳаи ҷангӣ дар осорхонаҳои таърихӣ, либосу ҷавоҳирот, тангаҳо, ҳайкалҳо, расмҳо, инчунин хонаву ҷойҳо, саройҳо, қасрҳо, ибодатхонаҳо дохил мешаванд. Ба сарчашмаҳои хаттӣ солномаҳои таърихӣ, андоз, ҷарима, суд, хариду фурӯш, ҳуҷҷатҳои оид марбут ба ӯҳдадориҳои қарзӣ, фармону фармоишҳои императорон, подшоҳон ва султонҳо, рӯзномаҳои олимони сайёҳ ва сафирон, асари муаррихон мисол мешаванд, ки онҳо ба мо барои гирифтани маълумоти дақиқ дар бораи ҷараёнҳои таърихӣ ва воқеаҳо имкон медиҳанд. Дар асрҳои миёна даставвал ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва китобҳоро хаттотҳо навиштаанд, дар асри XI дар Чин ва дар миёнаҳои асри XV дар Европа офаридани дастгоҳҳои китобчопкунӣ боиси якбора афзудани шумораи сарчашмаҳои хаттӣ гардид. Ин имкон дод, ки дар бораи таърихи асрҳои миёна бештар маълумот гирем.

Бо назардошти воқеаҳои муҳими рӯйдодаи ин давра ба ин китоби дарсии дар дастатон буда, таърихи асрҳои V–XIII даври асрҳои миёна дохил карда шудааст. Шумо дар бораи воқеаҳои муҳиме, ки дар давраҳои минбаъдаи таърихи асрҳои миёна ба амал омадаанд, дар китоби дарсии таърихи ҷаҳони синфи 8 соҳиби маълумотҳо мегардед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## БО КИТОБИ ДАРСӢ КОР МЕКУНЕМ

Донишомӯзони азиз! Ҳар як мавзӯи китоби дарсӣ аз бахшҳои ба монанди “Шумо дониста мегиред”, “Ба хотир оред!”, матни асосии мавзӯъ ва “Савол ва супоришҳо” иборат аст. Аз ҷумла, дар бахши “Шумо дониста мегиред” бо мафҳумҳои такягоҳии оиди мавзӯъ шинос мешавед. Бахши “Ба хотир оред!” маълумоти дарсҳои гузаштаро такрор мекунад ва ба шумо барои аз худ кардани донишҳои нав вазъияти зарурӣ фароҳам меорад.

Ба матни асосии мавзӯъ бахшҳои “ Ба дафтарчаи паҳлӯии таърихатон дохил кунед!” ва “Тадқиқотҳои таърихии ман” илова карда мешаванд. Бахши “Ба дафтарчаи паҳлӯии таърихатон дохил кунед!”, маълумоти иловагии ҷолибро дар бар мегирад. Дар бахши “Тадқиқотҳои таърихии ман” шумо таҳлил, муқоиса ва шарҳи рӯйдодҳои таърихии кишварҳои гуногунро меомӯзед.

Дар матни асосии мавзӯъҳо бахши “Мушоҳидаи таърихӣ” низ дучор меояд. Он муҳимтарин маълумотҳои ҷузъиёти мавзӯъ ва инчунин воқеа ва ҳодисаҳои муҳимро таъкид мекунад, ки шумо бояд ба онҳо диққат диҳед.

Дар охири ҳар як мавзӯъ “Савол ва супоришҳо” мавҷуд аст, ки шумо метавонед дар баробари иҷро кардани онҳо мавзӯи навро то чӣ андоза хуб аз худ кардаед бифаҳмед.

Дар ин бахш аввал ғоя ва хулосаҳои муҳимро пешниҳод мекунанд. Барои ҷавоб додан ба саволҳо на танҳо матни китоби дарсӣ, балки ҳамчунин аз маълумоти иловагӣ, масалан, маълумотҳои интернетӣ, сарчашмаҳои хаттӣ, асарҳои илмию оммавӣ ва рисолаҳо низ истифода бурдан лозим аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE





# БОБИ I

# ХАЛҚҲОИ ЕВРОПА ДАР АСРҲОИ МИЁНА (АСРҲОИ V–XIII)





Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 1-ум

# Қабилаҳои германӣ ва империяи Рим



*Қабилаҳои германӣ дар майдони ҷанг*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **дар бораи қабилаҳои германӣ, ҷойгиршавӣ ва хоҷагии онҳо;**
- **дар бораи ба вуҷуд омадани анъанаҳои авлодӣ-қабилавӣ, эътиқодҳои динӣ, иттифоқи қабилавӣ;**
- **ба ду тақсим шудани империяи Рим, ба инқироз рӯ ниҳодан ва сабабҳои он;**
- **дар бораи ҳуҷуми қабилаҳои германӣ ба ҳудудҳои империяи Рим ва оқибатҳои он.**

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ЁДОВАРӢ НАМОЕД!**

- **Империяи Рим кай ва чӣ тавр ба авҷи қудрати худ соҳиб гардид?**
- **Кадом империяҳои дунёи қадимро медонед?**

## ҚАБИЛАҲОИ ГЕРМАНӢ

Муҳоҷирати қабилаҳои германие, ки дар сарҳадҳои шимолии империяи Рим зиндагӣ мекарданд (асрҳои IV–VI мелодӣ) яке аз муҳимтарин воқеаҳои таърихи Европа гардид. Нахустин сабтҳои хаттии ин қабилаҳо дар асарҳои “Хотираҳо дар бораи ҷанги Галлия”-и Юлий Сезар ва “Германия”-и муаррихи римӣ Корнелий Татсит оварда шудааст.

Қабилаҳои германӣ дар шимоли Аврупо ва дар ҳудудҳои аз Рейн то дарёи Элба зиндагӣ мекарданд. Онҳо бо қадбаландӣ, чашмони кабуд, мӯйҳои сурхтоб, рӯҳи ҷангӣ ва шуҷоати худ аз халқҳои ҷануб фарқ мекарданд. Германиҳо деҳаҳои мустаҳкам ва ба ҳамдигар наздик сохташуда надоштанд. Ҳар як оила дар хоҷагии алоҳида дар иҳотаи марғзорҳо ва боғҳо зиндагӣ мекарданд, ба деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Германиҳое, ки дар дараҷаи ҷамоаҳои авлодӣ зиндагӣ мекарданд, дар замин моликияти ҷамоавӣ доштанд ва ҷамоаҳои авлодӣ бо ҳамкорӣ дар беша дарахтонро бурида, заминҳои нав кушодаанд. Заминро

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE



*Ҳаёти қабилаҳои германӣ*



аввал бо ёрии омочи оддии чӯбин шудгор мекарданд, ба замин пору намеандохтанд. Баъдтар ба усули киштгардон ва аз омоч ба плуги оҳанин гузаштан боиси баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва ҳосил гардид. Онҳо аз пӯсти ҳайвонот либос дӯхта мепӯшиданд, бо шамшеру сипар, табару найза мусаллаҳ буданд ва ҷангу шикорро дӯст медоштанд. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз нон бештар шир, панир ва гӯштро истеъмол мекарданд. Дар ҳунармандӣ асосан силоҳу аслиҳа, асбобу ускунаҳо, сару либос ва зарфҳо истеҳсол мекарданд. Ҳамин тавр, дар онҳо соҳаҳои кулолгарӣ, бофандагӣ, заргарӣ, коркарди чарм ва чӯб инкишоф ёфтааст. Онҳо инчунин истихроҷи оҳан, тилло, нуқра, мис ва сурбро низ медонистанд. Савдо бо Рими Қадим дар ҳаёти қабилаҳои германӣ роли муҳим бозидааст. Дар ҳоле ки онҳо румиёнро бо ғуломон, чорво, пӯст ва қаҳрабо таъмин мекарданд, румиён онҳоро бо сафол, шиша, зарфҳои биринҷӣ, ҷавоҳироти тилло ва нуқра, силоҳҳо ва матоъҳои қиматбаҳо таъмин мекарданд.

Ҷамоаи германӣ пеш аз таъсиси давлат марҳилаи авлодиро аз сар гузаронидааст. Аз ин рӯ, асоси сохтори сиёсиро қабила ташкил медод, ки қабиларо **конунгҳо** (ашрофзодагон), ки дар маҷлиси халқӣ интихоб гардидаанд, идора мекарданд. Онҳо ҳамқабилаҳои худро на бо фармонфармоӣ, балки бо намунаи шахсӣ, бовар кунонида, идора кардаанд. **Маҷлиси халқие**, ки дар он ҳамаи намояндагони озоди мусаллаҳи қабила иштирок мекарданд, органи ҳокимияти олӣ ҳисобида мешуд. Маҷлиси халқиро гоҳ-гоҳ даъват мекарданд, то ки масъалаҳои муҳимтарин:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE








интихоби сардори қабила, бартараф намудани низоҳои дохили қабила, барҳам додани ихтилофҳо, эълони ҷанг ва сулҳро ҳал мекарданд. Дар маҷлиси қабилаҳо масъалаи ба ҷойҳои нав кӯчонидани қабила низ ҳал карда мешуд.

Торафт дар ҷамъияти германӣ қисмҳои ҳарбӣ (дружина) ва саркардаи онҳо обрӯю эътибори воло пайдо карданд. Дар ин раванд пурзӯр шудани табақабандии моликият (асрҳои IV–V), афзудани ҷангҳои дохилию хориҷӣ нақши асосиро мебозад. Дар натиҷа дар сохти сиёсӣ ҳам тағйиротҳо оғоз шуда, дар асрҳои IV–V иттифоқҳои калони қабилаҳои алеманн, гот ва франкҳо ташаккул ёфтаанд.

Дар дини германиҳои қадим коҳинҳо сазовори эътибори алоҳида набуданд, ибодатхонаҳои боҳашамат, маросимҳои пурдабдаба вуҷуд надоштанд. Онҳо қувваҳои табиат – осмон, раъду барқ, шамол ва заминро илоҳӣ кардаанд. Дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсии қабилаҳои германӣ, инчунин алоқаи доимии онҳо бо империяи Рим боиси тағйир ёфтани эътиқоди динии онҳо гардид. Тавассути тарғибот дар байни қабилаҳо паҳн шудани дини насронӣ пешрафти иҷтимоии онҳоро боз ҳам тезонид.

*Ҷанговарони германӣ*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на UZEDU.ONLINE



## ҲУҶУМИ ГЕРМАНИҲО БА ИМПЕРИЯИ РИМИ ҒАРБӢ

Аз асри IV империяи Рим қудрати қаблии худро аз даст медиҳад. Ин ҷараён як қатор сабабҳо дошта, муҳимтарини онҳо сатҳи пасти меҳнати ғуломон буд. Аз таърих маълум аст, ки ғуломҳо аз афзоиши суръати истеҳсолот манфиатдор набуданд. Бӯҳрони империя ва набудани ҷангҳои истилои хориҷӣ, ки дар афзоиши шумораи ғуломон нақши муҳим мебозид, муаммоворо боз ҳам шадидтар кард.

Зарурати бо озуқа, сару либос ва яроқу аслиҳа таъмин намудани ҳокимияти идоракунӣ ва қӯшун боиси ҳар сол афзудани андоз мегардад. Ин бошад, табъи эътирозро дар байни шаҳриён ва деҳқонон низ пурзӯр мекунад. Инқироз соли 395 бо тақсимшавии империя ба ду қисм: Ғарбӣ ва Шарқӣ ба охир мерасад. Ҳамлаҳои қабилаҳои германӣ: вандалҳо, вестготҳо (готҳои ғарбӣ), остготҳо(готҳои шарқӣ), англҳо, саксҳо, франкҳо ва ғайра ба империяи Ғарбӣ, ки бӯҳрони шадидро аз сар мегузаронд, торафт авҷ мегирад.



*Ҷанговарони румӣ*

Муҳоҷирати бузурги халқҳоро қабилаҳои бодиянишини хунн, ки аз шарқ ба Европа ҳуҷум карданро сар карданд, тезонид. Вестготҳои ба ҳудуди империяи Рим воридшуда, қӯшунҳои империяро торумор мекунанд. Баъди ин мағлубият империя барқарор шуда натавонист. Бинобар ин соли 410 вестготҳо бо роҳбарии саркарда Аларих Римро, ки номи "шаҳри абадӣ"-ро гирифта буд, забт карданд. Вестготҳо шаҳрро се рӯз ғорат карданд. Муқобилияти аҳолӣ инчунин, тамомшавии захираҳои хӯроквории варварҳоро маҷбур намуд, ки шаҳрро партофта ба Галлияи ҷанубӣ раванд. Маҳз вестготҳо соли 418 дар ҷанубу ғарби Галлия аввалин шоҳигарии вестготиро ташкил карданд. Дере нагузашта қабилаҳои вандал ва алан дар Африкаи Шимолӣ, остготҳо дар Италия, франкҳо дар Галлия ва англосаксҳо дар ҷазираҳои Британия давлатҳои худро барпо мекунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Ҳуҷуми қабилаҳои германӣ ба империяи Рим*

## БАРОИ ПУРДОНҲО

*Яке аз саркардаи ҳарбии Империяи Рими Ғарбӣ Одоакр дар соли 476 бо қӯшуни худ исён бардошта императори охирин – Ромул Августулро аз тахт сарнагун карда, ба дайр мефиристонад. Ӯ фармон медиҳад, ки нишонҳои император ба Константинопол фиристода шаванд. Ин сана оғози гузаштан дар Европа аз ҷамъияти ғуломдорӣ ба муносибатҳои заминдорӣ (ҷамъияти феодалӣ) мебошад.*

Остготҳо дар Италия шоҳигарии пурқудрате ташкил карданд, ки пойтахти он Равенна буд. Подшоҳи онҳо Теодорих мақсад дошт, ки фарҳанги қадимиро нигоҳ дошта, Римро аз нав барқарор кунад. Сарвазири он ашрофи римӣ, файласуфи бузург Боэтсӣ буд. Ҳарчанд Боэтсӣ кӯшиш кард, ки ҷангҳои дохилиро қатъ кунад, аммо ҳалли ихтилофи байни остготҳо ва римиён имкон надошт. Ин зиддиятҳо на аз он сабаб буд, ки остготҳо заминҳои хуброи ишғол мекарданд, балки пеш аз ҳама аз фарқи дин, урфу одатҳо ва забон буд. Ихтилофҳои байни остготҳо ва римиён, истилоҳои Византия дар миёнаҳои асри VI боиси сарнагун шудани шоҳигарии остготҳо гардид. Аммо, дар муддати наздик ба Италияи Шимолӣ як қабилаи дигари германӣ – лангобардҳо ҳамла карданд. Онҳо шоҳигарии Лангобардро ташкил карданд.

## ШАРҲИ ИСТИЛОҲҲО

**Конунг – сардори қабила, намояндаи олии ашрофон.**

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Дар бораи қабилаҳои германӣ чӣ гуна тасаввурот пайдо кардед? Дар бораи онҳо киҳо маълумот навиштаанд?**
2. **Кадом омилҳо ба заифшавии империяи Рим сабаб шуданд?**
3. **Фикр кунед: чаро қабилаҳои германӣ маданияти бойи империяи Римро вайрон карданд?**
4. **Қабилаҳои германӣ давлати худро дар куҷоҳо таъсис доданд?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯъҳои 2–3-юм

# Давлати Франкҳо: аз шоҳигарӣ ба империя



*Қабилаи франкҳо*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **қабилаҳои франкӣ, ташкилёбии шоҳигарӣ ва шоҳ Хлодвиг;**
- **идораи давлатӣ ва қабули дини насронӣ;**
- **ислоҳотҳои даври Карл Мартелл ва Пипин Пакана;**
- **юришҳои ҳарбии Карли Кабир, забт кардани ҳудудҳои васеъ ва ба империя асос гузоштани он;**
- **парокандашавии “Империяи Нави Рим” ва дар бораи сулолаи Капетингҳо.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мутеъ кардани қабилаҳо аз тарафи Карли Кабир

**ЁДОВАРӢ НАМОЕД!**

- **Муҳоҷирати бузурги халқҳо чӣ гуна оғоз ёфт?**
- **Шоҳигариҳои германиҳо дар куҷо ва чӣ гуна ташкил карда шуданд?**
- **Истилоҳи “империя” чӣ маъно дорад?**

## ҚАБИЛАҲОИ ФРАНКҲО

Дар байни давлатҳои аз қабилаҳои германӣ барпошуда, шоҳигарии франкҳо тавонотарин ва дарозумртарин давлат буд. Қабилаҳои франкҳо дар ибтидо дар поёноби дарёи Рейн зиндагӣ мекарданд. Мисли дигар қабилаҳои германӣ, онҳо дар сохти авлодӣ зиндагӣ карда бо деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул мешуданд. Ҷангҳои ғоратгарӣ ҳам ба табақаҳо ҷудошавии франкҳоро тезонида, таъсири ашрофони ҳарбӣ ва дружинаҳоро пурзӯр намуд.



Тангаи франкҳо



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Ворисони Хлодвиг*

## ШОҲИГАРИИ ФРАНКҲО

Аз миёнаҳои асри V таҳдидҳои франкҳо ба ҳудудҳои ҳамсояи империяи Рим – ҳавзаҳои дарёҳои Сена ва Луара зиёд шуданд. Дар Галлияи Шимолӣ давлати Франкҳо барпо гардид. Асосгузори он мансуби авлоди Меровейҳои франкҳо, роҳнамои франкҳои Салӣ **Хлодвиг** буд. Қӯшунҳои ӯ соли 486 дар наздикии шаҳри Суассон қӯшуни Римро торумор карда, баъд вестготҳоро тобеъ намуда, Галлияи Ҷанубиро ишғол мекунад.

Набераи Меровей, Хлодвиг, аввалин салтанати франкҳо, сулолаи Меровийиҳоро таъсис дод. Вай ҳамаи довталабони тахтро аз байн мебарад ва ҷамъомадҳои халқиро даъват намекунад. Қасри шоҳ маркази идоракунӣ ба ҳисоб мерафт. Қудрати ҳарбии подшоҳӣ дружинаи сершумор буд. Идоракунии вилоятҳо дар зиммаи графҳо буд.

Вақте ки франкҳо ба Галлия ҳамла карданд, онҳо ба моликияти замини ашрофони маҳаллии римиҳо-галлҳо даст нарасонданд. Ба франкҳои камшумор заминҳои мансуби императори Рим ва бекорхобидаро тақсим карда медиҳанд. Дар натиҷа ашрофони маҳаллӣ ҳукмронии франкҳоро эътироф намуда, ба Хлодвиг дар ҳукмронии кишвар ёрӣ расониданд ва тадриҷан бо ашрофони франкӣ муттаҳид шудаанд. Дар франкҳо аҳолии давлат бо забони лотинӣ – немисӣ омехта сухан меронданд, ки баъдтар асоси забони французӣ гардид. Барои навиштан фақат забони лотиниро истифода мебурданд.

### МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Бо фармони Хлодвиг одату қонунҳои кӯҳнаи франкҳои Сали ҷамъ шуда бо забони лотинӣ "Ҳақиқати Сали" навишта мешавад. Дар он гуфта мешавад, ки замину мулк танҳо аз ҷониби мардон аз насл ба насл ҳамчун мерос гузаштааст, вобаста ба намудҳои ҷиноят ҷарима ва ҷазоҳои гуногунро истифода бурдаанд. Дар қонунҳо нобаробарии иҷтимоӣ акси худро ёфта, барои ҷиноятҳои содиркардаашон аз ашрофон, франкҳои озод, шахсони тобеъ ёки ғуломон ҷаримаҳои гуногун ситонида мешуданд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҚАБУЛ НАМУДАНИ ДИНИ НАСРОНӢ

Ба франкҳо динҳои маҷусӣ (бисёрхудоӣ) барои ҳукмронии онҳо дар Галлия қариб ёрӣ надодааст. Калисои насронӣ дар байни аҳолӣ нуфуз ва таъсири калон дошт, фаҳмидаанд, ки ба пешсафони Франкҳо ёрии калон расонда метавонад. Ақидаи калисо, ки ҳама гуна ҳокимият аз ҷониби Худост, ба шоҳ низ мақбул омадааст. Хлодвиг фаҳмид, ки бо қабули дини нав мумкин аст, дар идоракунии давлатӣ аҳолии римиҳо-галлҳоро муттаҳид созад. Шоҳ соли 496 тибқи тартибҳои калисои Рим дини насрониро қабул мекунад. Баъд дружинаи подшоҳӣ ва франкҳои оддӣ низ қабул мекунанд. Ин тадбир таҳти роҳбарии ҳокимияти шоҳ ва папаи Рим (сардори калисои католикӣ) иттифоқи калисои ғарбиро таъмин мекунад.

Хлодвиг таълимоти дини насрониро фаҳмида қабул кардааст ва диндори намунавӣ гуфтан мушкил аст. Аммо ба амал ҷорӣ шудани ин тадбир барои хидмат ба оянда пешбинӣ шуда буд. Минбаъд франкҳо ва римиҳо-галҳо тадриҷан ба ҳамдигар наздик шуда, ба як халқ мубаддал гаштанд. Шиносоӣ бо дини насронӣ ба франкҳо имкон дод, ки соҳаҳои гуногуни маданият ва тарзи ҳаёти Римиҳоро аз худ кунанд.

Ба писаронаш тақсим карда додани ҳудудҳои мамлакат аз тарафи Хлодвиг боиси пароканда шудани давлат мегардад.

**ИНРО ДАР ХОТИР НИГОҲ ДОРЕД!**

*Давлате, ки аз ҷониби франкҳо таъсис дода шуда буд, аввал ба номи сулолаҳое, ки дар он ҳукмронӣ мекарданд, номгузорӣ карда шуд. Дар асри X пойтахт аз номи вилоятҳои атрофи Париж - Ил-де-Франс пайдо шуда ва Франсия номида шуд. Дар гузашта дар мамлакатамон онро Фарангистон ва сокинони онро фарангҳо меноми данд.*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Карл Мартелл дар ҷанги Пуате*

## КАРЛ МАРТЕЛЛ

Дар даври ҳукмронии Карл Мартелл ихтилофҳое, ки ба шоҳигарии Франкҳо таҳдид мекарданд, бартараф карда мешаванд. Ҳамлаи қӯшунҳои Хилофати Араб дар паси Пиреней дар қаламравҳои франкҳо оғоз мешавад.

Дар ҷанги Пуате соли 732, ки ҳафт рӯз давом кард, қӯшунҳои савораи Карл ба боздории ҳуҷуми арабҳо муяссар шуд. Ба шарафи ин ғалаба ба Карл лақаби “Мартелл” (Болға) дода шуд.

Барои баргардондани ҳамлаҳои душманони беруна, франкҳо маҷбур шуданд,ки лашкарро ислоҳ карда қӯшуни пурзӯри савора ташкил кунанд. Азбаски қӯшунҳои савора дар майдонҳои ҷанг нақши муҳим мебозиданд, лашкарони пиёда дар ҷанг дар ҷойи баъдина меистоданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ИСЛОҲОТИ БЕНЕФИТСИЙ

Барои ба вуҷуд овардани қўшуни савора ба ҷанг, Карл Мартелл ҳамеша шумораи аскарони ҳарбиеро, ки ба вай хизмат мекунанд, зиёд мекунад. Вай ба ҷанговарони қўшуни савора замини иҷоравӣ ёки майдонҳои замини ҷамоавӣ, ки деҳқонҳо истифода мебурданд, тақсим карда медиҳад. Заминҳои барои хизмати ҳарбӣ додашуда ***бенефитсий*** (“эҳсон”, “некӣ”) – дар аввали асрҳои миёна дар Европаи Ғарбӣ аз тарафи шоҳ ё феодали калон замин ба вассал барои иҷрои кори муайян, аксаран бо шарти иҷрои хизмати ҳарбӣ заминҳои инъом кардашуда номида мешуд. Чунин заминҳо мерос набуда, балки барои иҷрои муддати хизмати ҳарбӣ дода мешуданд. Агар ҷанговар хизмати ҳарбиро иҷро карда натавонад, бенефитсий гирифта мешуд.

Ҳама шарту шартҳои марбут барои гирифтани феод дар асоси шартномаи байни тақдимкунанда ва гиранда мустаҳкам карда мешуд. Соҳибони феодро ***феодал*** гуфтан одат шудааст. Дар натиҷаи ислоҳоти бенефитсий бо мурури замон тоифаи феодалҳо ташаккул ёфт ва асосҳои ритсарии асримиёнагӣ бунёд шуд.

### МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Бо гузашти вақт бенефитсий бо шарти иҷрои хизмати ҳарбӣ ба мерос гузаронида мешавад. Дар натиҷа дар асри X бенефитсий ба **феод** – мувофиқи шарти адои хизмати ҳарбӣ ва дигар ӯҳдадориҳои додашуда, замини меросӣ – ба мулк табдил меёбад.*

### ТАДҚИҚОТИ ТАЪРИХИИ МАН

1. **Мақсад ва сабабҳои ислоҳоти бенефитсийро муайян кунед.**
2. **Мазмуни ислоҳотро тавсиф кунед.**
3. **Натиҷаҳоро дар шакли ҷадвал ба дафтарчаи паҳлӯии таърихи худ ворид кунед.**

Писари Карл Мартелл Пипини Пакана сиёсати падараш дар бораи мусодираи заминҳои калисо даст кашидан қарор кард ва сиёсати наздикшавиро ба калисо пеш гирифт. Чунки Меровинг барои сарнагун кардани шоҳон ва худи шоҳ шудан ба кўмаки папаҳо ниёз дошт. Ниҳоят, Пипини Пакана ба мақсади худ мерасад: аз тахти охирини сулолаи Меровингҳо барканор карда, ба папаи калисои католикии Рим хабар медиҳад, ки ӯ мехоҳад шоҳ шавад ва аз ӯ дастгирӣ дархост мекунад. Соли 751 дар маҷлиси ашрофони франк дар Суассон Пипини шоҳи франкҳо эълон карда шуд. Ҳамин тавр, сулолаи Каролингҳо расман ба ҳукмронӣ шурӯъ намуд (солҳои 751–987). Гарчанде ки асосгузори сулола аслан Пипини Пакана буд, бо гузашти давр таърихшиносон ин сулоларо ба номи Карл, маъруфтарин намояндаи ин авлод *сулолаи Каролингҳо* номидаанд.

Дере нагузашта, қабилаҳои лангобарди германиҳо баъди муҳосира кардани Рим, папа ба Пипин кўмак пурсида муроҷиат мекунад. Пипин ба Италия юриш карда, шоҳи лангобардро маҷбур кард, ки шаҳрҳои аз ин пеш ишғолшуда ва Италияи марказиро ба ихтиёри папа диҳад. Дар соли 756 давлати дунявии папа (ҳоло Ватикан) ташкил ёфт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**БАРОИ ПУРДОНҲО**

*Франкҳо Пипинро “пакана” меномиданд, қади у дар ҳақиқат паст (135 см) буд, вале мегӯянд, ки подшоҳ аз ҷиҳати ҷисмонӣ тавоно буд ва шамшерри дарозро моҳирона ба кор мебурд.*



*Маросими тоҷ пӯшидани Карли Кабир*

## КАРЛИ КАБИР

Карли Кабир писари Пипин буда, давлати Франкҳоро (768–814) 46 сол идора кардааст. Карл марди тавоно ва устувор буд. Дар асрҳои миёна дар бораи Карли Кабир бисёр ривояту сурудҳо навишта шудаанд. Адиб ва солноманависон ҷасоратҳои ҳарбӣ, адолат ва донишмандии ӯро мадҳ намудаанд. Ҳукмдорони кишварҳои аврупоӣ аз рӯйи номи лотинии ӯ (Каролус) худро *король* (шоҳ) меномиданд. Таърихшиносон ба Карл номи “Кабир”-ро барои роҳбарӣ кардан ба юришҳои зиёди ҳарбӣ, таъсиси империяҳои бузург, таҳияи қонунҳои нав дар кишвар ва сарпарастии маориф ва фарҳанг гузоштаанд.

Дар солҳои ҳукмронии Карл 53-то юришҳои ҳарбӣ гузаронида шуд. Вай бо қӯшуни калон юришҳои тӯлонӣ анҷом дода, ду маротиба кӯҳҳои Алпро убур кард ва ба Италия ҳамла кард, то ба папа кӯмак кунад. Карл лангобардҳоро мағлуб карда, шоҳи онҳоро асир мегирад. Қисми зиёди Италия моликияти давлати Франкҳо мегардад. Карл ба Испания, ки зери ҳукмронии арабҳо буд, якчанд маротиба юришҳо мекунад. Дар ҳудудҳои хурди ишғолшуда маркази испаниро ташкил мекунад.

Ҷангҳои тӯлонӣ ва вазнинтарини қӯшунҳои франкҳо ба муқобили қабилаҳои саксҳо (772–804), ки дар байни дарёҳои Рейн ва Элба зиндагӣ мекарданд, бурда шудааст. Карл ба андозаи муайян ба саксҳо бераҳмона муносибат кард



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE



ва муяссар шуд, ки дини насрониро қабул ва ҳокимияти ӯро эътироф кунанд. Саксонияро ба якчанд графиҳо тақсим карда, ба идоракунии онҳо ашрофони франкҳо ва саксҳоро таъин мекунад. Ашрофон, епископҳо ва дайрҳо дар заминҳои забтшуда соҳиби мулкҳои калон мешуданд.

## ИМПЕРИЯИ КАРОЛИНГҲО

Дар солҳои охири ҳукмронии Карли Кабир, шоҳигарии Франкҳоро бо ҳудудҳои империяи собиқи Рим муқоиса кардан мумкин буд. Ин боиси ба вуҷуд омадани ғоя дар байни мушовирони Карл шуд, ки ӯро бо тақлид ба римиҳои қадим император эълон кунанд. Ин хел имконият соли 800, вақте ки ашрофони маҳаллии Рим бар зидди папа Леви III исён мебардорад, пайдо шуд. Папае, ки ба ҳамлаи римиён дучор шуд, маҷбур шуд ба қасри Карл, ки садоқати худро ба калисои католикӣ нишон дода буд, сарпаноҳ ҷустуҷӯ карда равад. Вай аз Карли Кабир ёрӣ мепурсад. Карл ба талаби папа розӣ шуда, қӯшун фиристода исёнро пахш мекунад.

Папаи Рим, ба сифати миннатдорӣ, дар декабри соли 800 ба Карл, ки вориди Рим шуда буд, дар ибодатхонаи Пётри авлиё тоҷи императорро мепӯшонад. Ҳамин тариқ, “Империяи нави Рим”, ки дар мӯҳри Карл тасвир шудааст, ташкил меёбад, маркази он дар шаҳри Ахен буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана представлена на сайте UZEDU.ONLINE



## ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ

Хизматчиёни дарбори Карл дар айни вақт вазифаи вазиронро иҷро мекарданд. Дар байни мансабҳои баланди қасри шоҳ молия, андоз, соҳаи ҳарбӣ, ошхона, аспхона ва ғайра буданд. Қабилаҳои калонро *герсогҳо* (немисӣ, “сарвари интихобии ҳарбӣ”, баъд сарвари меросии қабила) идора мекарданд.

Бо гузаштани даврҳо, герсог ба унвони баланд табдил ёфт. Карл бо мақсади мустаҳкам намудани сарҳадҳои давлати худ маркаҳо (немисӣ, вилояти сарҳадӣ) ташкил карда онҳоро маркграфҳо (немисӣ, “ҳокими вилояти сарҳадӣ”) идора менамуданд.

Карл бо аъёнҳои қасри худ дар саросари кишвар сафар карда, вазъияти воқеиро дар ҷойҳо мушоҳида мекард ва ба ин васила давлатро роҳбарӣ мекард. Император соле ду маротиба Шӯрои Олии ашрофони дунёвӣ ва илмиро даъват карда, бо розигии онҳо фармонҳо баровардааст. Дар ҷойҳо ҳукмронии графҳои маҳаллӣ идома дошт, аммо ӯ ба тамоми ҳудудҳои империя барои назорат кардани онҳо шахсони боваринокии худ – “вакилони ҳукмдор”-ро мефиристод. Қӯшуни асосии империяро қӯшуни савора ташкил мекард.

Епископҳо, аббатҳои дайрҳои калон дар ҷойҳо барои ба амал ҷоришавии фармонҳои император ғайрат нишон додаанд. Карл ҳангоми сафарҳои худ фаъолияти графҳо ва епископҳоро шахсан тафтиш мекард. Агар ҳолатҳои суистеъмол ошкор карда шавад, ҷавобгар дарҳол аз лавозим озод карда мешуд. Беҳад калон будани ҳудуди империя мунтазам назорат карданро душвор мегардонд. Илова бар ин, графҳо дар вилоятҳо барои яккаҳукмронӣ барпо кардан ва ё ба авлод мерос гузоштани мансабҳои худ кӯшиш мекарданд. Ин ҷараён бо гузаштани давр боиси суст шудани идораи марказонидашуда, таназзули империя ва парокандашавии он мегардад.

Дар байни ҳукмдорони Европа Карл мавқеи баланд дошт. Ба қасри вай сафирони мамлакатҳои дуру наздик меомаданд. Бинобар аз рӯи таъкиди солномаҳои таърихӣ, халифаи араб Ҳорун ар-Рашид ба воситаи сафиронаш ба Карл ҳадяҳои қиматбаҳо ва инчунин заминеро дар Қуддус, ки дар он қабри Исо пайғамбар буд, дода будааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ПАРОКАНДАШАВИИ ИМПЕРИЯ

Империяи нави Рими Карли Кабир, ки тавассути истилоҳо бунёд гардида буд, аз қабилаҳои дорои дараҷаҳои гуногуни рушд иборат буд, дар он ҳукмронии дарозмуддат душвор буд. Чанде пас аз марги Карл, империя ба парокандашавӣ шурӯъ кард. Дар даври ҳукмронии набераҳои ӯ мувофиқи шартномаи соли 843, ки дар шаҳри Верден баста шуд, империя ба се қисм тақсим шуда, дар асоси он се давлат – Франсия, Германия ва Италия ташкил ёфтанд. Пас аз шартномаи Верден, қисми ғарбии империяи Каролингҳо ба набераи Карли Кабир дода шуд, ки дар натиҷа шоҳигарии Франки Ғарбӣ ба вуҷуд омад. Азбаски қисми зиёди аҳолии ҳудуд аз римиҳо-галлҳои шимолӣ, ки бо забони романӣ сухан ронанда, иборат буд, ташаккули халқи франсуз суръат гирифт ва ин ҳудуд ба ҷойи Галлия ҳамчун Франсия ("мамлакати Франкҳо") номбар шуд. Заифии ҳукумати Каролингҳо дар ин давра ба дигар халқҳо имкон дод, ки беамон ҳамла кунанд. Дар натиҷа феодалҳои бузург муттаҳид шуда, барои муҳофизати мамлакат аз истилогарон шурӯъ карданд. Пас аз марги охирин намояндаи каролингҳо Людовики V, ашрофон ва рӯҳониён граф Гугои Капетро, ки аз оилаи Робертинҳо буд, дар соли 987 подшоҳи Франсия эълон карданд. Ҳамин тавр дар Франсия сулолаи Капетингҳо барпо карда шуд. Аммо ҳокимияти капетингҳо даставвал пуриқудрат набуда, шоҳигарӣ ҳанӯз дар асрҳои IX ва X ба як қатор мулкҳои мустақил – герсогиҳои Нормандия, Аквитания, Бургундия, ба графиҳои Тулуза, Шампан, Фландрия ҷудо шуда меравад. Ҳар кадоми онҳо мустақил буда, гоҳо лашкари аз шоҳ пурзӯртар ва мулкҳои калони заминӣ доштанд. Шоҳ дар домени (мулки заминӣ) худ – фақат дар герсогии *Ил-де-Франс* ҳукмронӣ мекард, ки танҳо шаҳрҳои Париж ва Орлеанро дар бар мегирифт.

Дар асрҳои X–XI дар Франсия хоҷагии қишлоқ, ҳунармандӣ ва савдо ба ривоҷ оғоз мекунад. Баробари афзудани тақсимоти меҳнат дар ҳоли худ зиндагӣ кардани вилоятҳо ба охир мерасад. Хариду фурӯш онҳоро бо ҳам мепайвандад. Зарурати инкишоф додани алоқаҳои иқтисодӣ байни вилоятҳо ба охир расидани парокандагии феодалиро тақозо мекунад. Дар натиҷаи дастгирӣ кардани аҳолии шаҳр, ки аз худсаронагии калисо ва феодалҳо ҷабр мекашид, қудрати шоҳ торафт меафзояд. Капетингҳои ба ин қувваҳо такя намуда дар аввалҳои асри XII дар домени худ тартиб ҷорӣ карда, мулкашонро зиёд карданд ва оҳиста-оҳиста Франсияро муттаҳид сохтанд. Шоҳ Людовики VI муваффақ шуд,ки қалъаҳои баронҳое, ки дар замини шоҳигарӣ вуҷуд доштанд, ба худ тобеъ гардонад. Писараш Людовики VII (1108–1137) бошад, меросхӯри герсоги Аквитания ба – Элеонора хонадор шуда домени худро боз ҳам васеъ мекунад. Дар ибтидои асри XIII ҳукмронии Филиппи II қариб дар тамоми ҳудуди Франсия барқарор шуда, ҳокимияти шоҳӣ хеле мустаҳкам гардид.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Ҷараёни ташкилёбии шоҳигарии Франкро гуфта диҳед.**
2. **Дини насрониро қабул кардани франкҳоро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**
3. **Сабаби дуру дароз умр надидани империяи Рими Нав дар чист, чӣ фикр доред?**
4. **Баъди шартномаи Верден чи гуна тағйироти сиёсӣ ба амал омад?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 4-ум



# Аз Британия то Англия



*Англосаксҳо*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **аҳолии таҳҷойии Британия;**
- **Англосаксҳо: аз ҳимоятгарӣ ба истилогарӣ;**
- **ҳуҷуми норманнҳо ва мубориза зидди онҳо;**
- **шоҳ Алфред ва фаъолияти ӯ;**
- **дар бораи истилоҳои нормандҳо дар асри XI.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ДАР БОРАИ АҲОЛИИ ТАҲҶОЙИИ БРИТАНИЯ

Британияи Кабир дар қисми шимолу ғарби Европа ҷойгир шудааст. Дар ин ҳудуд дар ҳазораи якуми пеш аз милод қабилаҳои келт–бриттҳо зиндагӣ мекарданд. Аз соли 43-юми милодӣ, қисми калони ҷазираҳои Британияро румиён забт карда мегиранд ва ҳукмронии тақрибан 400-солаи худро бар Британияи Ҷанубӣ оғоз карданд. Дар он замоне, ки империяи Рим ҷазираҳои Британияро забт намуд, дар қисми ҷанубии ҷазира келтҳо, бриттҳо дар шимол, дар Ирландия ва Шотландияи имрӯза қабилаҳои скотҳо ва пиктҳо умр ба сар мебурданд.

**БА ДАФТАРЧАИ ПАХЛӮИИ ТАЪРИХАТОН ДОХИЛ КУНЕД!**

*Лондон дар соли 43-юми милодӣ баъди истилои ҷазира аз ҷониби империяи Рим дар соҳили дарёи Темза барпо гардидааст ва қариб чор аср шаҳри асосии румиён буд.*

## ҲУҶУМИ АНГЛОСАКСҲО

Пас аз он ки легионҳои Британия соли 407 ба Италия баргаштанд, аҳолии румии ҷазира ҳам низ ба қитъа бармегарданд. Аз ҷангҳои байниҳамдигарии бритт ва келтҳо истифода бурда, қабилаҳои пикт ва скотт, ки дар шимол зиндагӣ мекарданд, ба зидди онҳо ҳуҷум карданд. Бриттҳо барои ҳимоя кардани худ аз қабилаҳои англ, сакс, ют ва фриз (номи умумиашон англосаксҳо), ки дар қисми



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дохилии Германия (шимолӣ) ҷойгир шуда буданд, кӯмак пурсидаанд. Германҳо аввал бо се киштӣ меоянд. Англосаксҳо аз заифии ҳарбии аҳолии маҳаллӣ истифода карда, садҳо ва ҳазорон ҳамқабилаҳои худро ташвиқ карданд, ки аз “муҳофизон” ба “истилогарон” табдил ёбанд.

## ШОҲ АРТУР





*Ритсарҳои мизи мудаввар*

Охирин намояндаи римиён дар ҷазира Амвросий Аврелиан, дар аввалҳои асри VI бриттҳоро муттаҳид карда, бар зидди англосаксҳо тақрибан ним аср мубориза мебарад. Маълумотҳо дар бораи ин ғалабаҳо дар тӯли асрҳо дар хотироти қабилаҳои келтҳо нигоҳ дошта мешавад. Аммо дар ривоятҳо номи қаҳрамоне, ки ба истилогарон зарба мезанад, тағйир ёфтааст. Достонсароён ӯро Арториус ё Артур номидаанд.

## АВВАЛИН ДАВЛАТҲОИ ФЕОДАЛӢ

Баъд аз Амвросий Аврелиан, бриттҳо пешвои муносиб надоштанд, ин ба англосаксҳо имкон медиҳад, ки қисми калони ҷазираро забт кунанд. Қабилаҳои англосаксҳои дар ҷазира ҷойгиршуда бошанд, дар асрҳои V–VI қисмҳои боқимондаи бриттҳои маҳаллиро тобеъ карда, аввалин шоҳигарии феодалии худро ташкил намуданд. Бриттҳои маҳаллиро ба қисми шимоли – ғарбии ҷазира меронанд. Бисёре аз бриттҳо ва келтҳо аз тарси ҳуҷум ба вилояти Арморикаи давлати Франкҳо кӯчиданд ва ба он ҷо номи Бретанро медиҳанд. Як қисми бриттҳо дар ҷанг ҳалок мешаванд, боқимондаҳояшон баъдтар бо германҳо омехта мешаванд. Дар Британия на забонҳои келт ва бритт, балки *забони истилогари англҳо* бартарӣ пайдо мекунад. Онҳо бо лаҳҷаҳои гуногун ҳарф мезаданд, аммо бо гузашти солҳо шеваи Мерсия, ки англҳо зиндагӣ мекарданд, торафт васеъ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

чебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




истифода мешуд. Аз ин боис баъдтар забони муоширати истилогарон англисӣ, мамлакат Англия номида мешавад. Аксар қабилаҳои истилогарон ва қисми боқимондаи аҳолии истилошуда ба халқи ягона муттаҳид шуданд. Дар таърих онҳо номи англосаксҳоро гирифтанд.

## ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ

Гарчанде ки шоҳигариҳои англосаксҳо давлатҳои монархӣ буданд, дар онҳо ҳокимияти шоҳӣ заиф буд. Шоҳ ба "Шӯрои хирадмандон", ки аз ашрофон иборат, тобеъ буд. Шӯро қонунҳоро тасдиқ мекард ва органи олии судии мамлакат буд. Шӯро ҳатто метавонист, шоҳро интихоб кунад ва ӯро аз тахти худ маҳрум кунад. Дар кишвар графиҳо таъсис ёфта, онҳоро вакили шоҳ-шерифҳо идора мекарданд. Ҳамин тариқ, ҷамъияти англисӣ тадриҷан характери феодалӣ мегирад. Шоҳигариҳои нав ташкил кардашуда доимо ба ҳамдигар ихтилоф доштанд. Дар соли 829 ҳукмдори Уессекс Экберт худро шоҳ эълон карда, аҳолии тамоми шоҳигариҳои ҷазираро ба як давлати ягона муттаҳид кард. Ҳамин тариқ, дар ибтидои асри IX давлатҳои англосаксҳо муттаҳид шуданд ва кишвар бо номи умумӣ **"Англия"** номида шуд.

### БАРОИ ПУРДОНҲО

### АФСОНАИ МИЗИ МУДАВВАР

*Тибқи афсона, шоҳ Артур дар маҷлисҳо иштирокчиён то ки дар бораи ҷойи хуб баҳс накунанд ва худро баробар ҳис кунанд, мизи мудавварро ихтироъ кардааст. Зеро дар байни феодалҳо барои нишастан дар курсии баланд тез-тез баҳсу мунозира ба амал меомад, ки ин ҳатто ба задухӯрди мусаллаҳона табдил меёфт. Мизи мудаввар дар калонтарин толори қалъаи Камелот баргузор буд. Гуфта мешавад, ки ритсарҳои гирду атрофи ӯ ритсарҳое ҳастанд, ки бо ҷасорати худ ба давраи инсонҳои ҳалол ва оличаноб дохил шуданро ба даст овардаанд ва ба баландтарин унвони ритсарӣ мушарраф шудаанд. Дар сарчашмаҳо шумораи ритсарҳо фарқ мекунанд, дар аксарияти онҳо 24-то буданашон навишта шудааст.*

*Дар Винчестер то ҳол бо иштироки 24 нафар аъзоёни он як мизи мудаввар баргузор мешавад, ки ин анъана садҳо сол боз давом дорад.*

*Шоҳ Артур бо ритсарҳо дар мизи мудаввар масъалаҳои муҳим, аз қабили идораи давлатӣ, юришҳои ҳарбӣ, таъмини амнияти кишвар, ҳифзи шаҳрвандон аз истилогаронро муҳокима кардааст.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ НОРМАННҲО

Баробари ташкил кардани шоҳигарии муттаҳида англосаксҳо маҷбур мешаванд, ки ба муқобили норманнҳо муборизаи шадид шурӯъ намоянд. Пешвои норманнҳо бо ҷангарагии худ ҷудо шуда меистод.



### ИНРО ДАР ХОТИР НИГОҲ ДОРЕД!

***Викингҳо*** *дар охири асри VIII ва миёнаҳои асри XI дар Европа тавассути роҳи баҳрӣ тиҷорат мекарданд, онҳо скандинавиягиҳое мебошанд, ки ҷангҳои ғоратгарӣ ва тороҷгарӣ бурдаанд.*

*Онҳо дар ҳудудҳои Дания, Норвегия зиндагӣ мекарданд. Онҳоро дар Европаи Ғарбӣ* ***норманнҳо****, дар Рус* ***варягҳо*** *меномиданд.*

Дар соли 838 Экберт тавонист, яке аз ҳамлаҳои истилогаронро ба Англия баргардонад. Аммо шоҳигариҳои англосаксҳо, ки дар натиҷаи низоҳои дохилӣ заиф шуда буданд, истилогаронро боздошта натавонистанд. Дар натиҷа, норманнҳо дар соли 842 Лондонро забт карданд, ғорат карданд ва сӯзонданд. Баъд аз ин дар шимолу шарқи Англия бисёр скандинавиён маскан гирифтанд, ки ин ба тараққиёти мамлакат таъсир расонд. Даниягиҳо хеле зич ҷойгир шуда буданд, ҳудудҳое, ки онҳо омада маскан гирифтаанд, дар давоми асрҳои миёна бо номи *минтақаи мансуби Дания* номида мешуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на UZEDU.ONLINE



*Ҳуҷуми викингҳо ба Англия*

## ШОҲ АЛФРЕДИ БУЗУРГ

Дар даври шоҳ Алфреди Бузург (871–900) ҳуҷуми норманнҳо баргардонида мешавад. Вай бисёр қалъаҳо бунёд карда, сарҳадҳоро мустаҳкам мекунад, аз киштиҳои баҳрӣ флоти ҳарбӣ барпо карда, қӯшунҳояшро ислоҳ мекунад. Вай лашкари халқиро бо ҷанговарони хуб тайёрӣ дидае, ки ба муқобили норманнҳо тоб оварда метавонад, иваз мекунад. Аввалин маротиба дар Англия андози доимии алоҳидаро ҷорӣ мекунад, ин андоз *пули даниягиҳо,* яъне барои мубориза бар зидди даниягиҳо андози ҷамъшаванда номбурда мешуд. Шоҳ Алфред дар соли 879 норманнҳоро маҷбур кард, ки дахлнопазирии заминҳои Англияро, ки дар зери ҳукмронии онҳо буданд, эътироф карда шартнома банданд. Дар заминҳои Англия дар даври ҳукмронии шоҳ Алфред сулҳу осоиш қарор мегирад, илму фан тараққӣ мекунад, болоравии маданӣ оғоз меёбад.

Шоҳ Алфред одами хеле донишманд ва бомаърифат буд, ба илму маърифат сарпарастӣ мекард. Дар даври ӯ дар назди монастирҳо мактабҳои нав таъсис дода шуданд, то рӯҳониёни босаводро тайёр кунанд. Инчунин, *“Солномаи англосаксон” низ* тартиб дода шуда, воқеаҳои муҳим сол то сол ба қайд гирифта шудааст. Агар ин солномаи 250-сола намебуд, муаррихон дар бораи таърихи асримиёнагии Англия ба маълумоти маҳдуд соҳиб мешуданд. Алфред фармон медиҳад, ки қонунҳои қадимии шоҳигариҳои англосаксҳоро дар як маҷмӯа ҷамъ оварда бароранд. Баъдтар ба он номи *“Ҳақиқати Алфред”* дода мешавад. Алфред ҳукмдоре буд, ки асарҳои муаллифони лотиниро ба забони англосаксонӣ тарҷума кунонида кӯшиш мекард, ки мардуми кишварашро босавод намояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




## БАРГАРДОНИДАНИ ДЕНЛО

Пас аз марги шоҳ Алфред, ворисони ӯ ба Денло (вилоятҳои қонунҳои Дания) ҳуҷум мекунанд ва онро ҳамроҳ карда мегиранд. Ба ин давра омада даниягиҳои муқими Денло бо аҳолии маҳаллӣ наздик шуда омезиш ёфта буданд. Баъдтар дар Англия низоъҳои дохилӣ сар шуда, давлат заиф мегардад. Дар ин давра шоҳигарии Дания босуръат ривоҷ мекард.

## ШОҲИГАРИИ МУТТАҲИДА

Дар ибтидои асри XI норманнҳо боз ба Англия ҳуҷум сар мекунанд. Шоҳи Дания Канут дар соли 1013 ба соҳили англис қӯшун фуровард ва онро бидуни душвории зиёд забт кард. Канут ҳамон вақт шоҳи Англия эълон карда мешавад. Якҷоя бо Англия давлати калонеро ташкил медиҳад, ки Шотландия, Норвегия ва Шветсияро дар бар мегирифт. Аммо баъд аз маргаш давлати бузурги ташкилкардааш пароканда мешавад. Баъд аз он ба тахти Англия Эдуард меояд ва ҳукмронии англосаксҳоро барқарор мекунад.



*Шоҳ Вилгелми I*

## ВИЛГЕЛМИ ИСТИЛОГАР

Соли 1066 герсоги Нормандия Вилгелми I, ки дар қисми шимолии Франсия ҷойгир шуда буд, бо ритсарҳои иборат аз норманд ва франсузҳо ба соҳилҳои Англия мефарояд. Гарчанде ки ӯ изҳор дошт, ки мехоҳад англосаксҳоро аз Дания озод кунад, дар асл вай кӯшиш мекард Англияро забт кунад. Аз ин рӯ вай аз тарафи папа, ки дар калисои англис таъсири худро васеъ намуданро орзу мекард, дастгирӣ карда мешавад, қӯшунҳои англосаксҳоро мағлуб карда, худро шоҳи Англия эълон мекунад.

Вақте ки ҳукмронии Нормандия таъсис ёфт, бисёр англосаксҳо моликияти худро аз даст медиҳанд. Дар ҳама ҷо қалъаҳои сангини ашрофони нав сохта мешаванд. Вилгелми I заминҳои аз ҳама хуб ва бешазорҳоро мамнӯъгоҳҳои шоҳ эълон мекунад. Англисҳо исён бардошта бо забони англисӣ не, балки ба шоҳи бо забони франсузӣ ҳарфзананда муқовимат карданро сар карданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Ҷанги Гастингс соли 1066 дар байни Вилгелми I ва англосаксҳо*

Ворисони Вилгелми I мустаҳкам намудани ҳокимияти шоҳро давом медоданд. Хусусан, дар даври ҳукмронии писари хурдиаш Генрихи I мавқеи суди шоҳӣ пурзӯр мегардад, инчунин идораи молияи шоҳро ташкил мекунанд.

Аз сабаби фарзанди писар надоштани Генрихи I пас аз вафоташ мубориза барои тахт авҷ мегирад. Дар ин муборизаи дуру дароз писари духтараш Генрихи II (1154–1189) ғалаба мекунад.

Дар даври ҳукмронии Генрихи II ислоҳотҳои молиявӣ ва ҳарбӣ гузаронида мешавад. Ба баронҳо ба ҷойи хизмати ҳарбӣ ба хазина супоридани андози "пули сипар" иҷозат дода мешавад. Ин ислоҳот барои шоҳ имкони қӯшуни мунтазами зархарид ташкил карданро медиҳад. Ҳамин тавр дар Англия ҳокимияти шоҳӣ пурзӯр мешавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Дар бораи аҳолии таҳҷойии Британия ва ба он ҷо юришҳои истилогарона кардани қабилаҳои германӣ нақл кунед.**
2. **Шоҳ Артур кист ва шумо дар бораи ӯ чӣ медонед?**
3. **Дар бораи фаъолияти Алфреди Бузург чиҳо дар хотиратон монд?**
4. **Дар бораи истилоҳои норманнҳо он чизе ки шумо медонед, гуфта диҳед.**
5. **Аз чӣ сабаб Британия баъдтар Англия номида шуд?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 5-ум



# Империяи Муқаддаси Рим



*Вохӯрии Генрихи I ва Карли III*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **ташкил ёфтани шоҳигарии германӣ;**
- **аз шоҳ ба император табдил ёфтани Оттони I;**
- **чаро давлати навро империяи Муқаддаси Рим номиданд;**
- **дар бораи рақобат ва муборизаи императорони германӣ ва калисои католикӣ.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE



## ШОҲИГАРИИ ГЕРМАНИЯ

Ҳукмронии сулолаи Каролингҳои Франки Шарқӣ соли 911 ба охир расид. Дар ин вақт ҳокимияти шоҳӣ суст шуда буд. Ашрофони маҳаллӣ аз байни герсогҳои тавоно герсоги Саксония Генрихро соли 919 ҳукмдори давлати Франки Шарқӣ интихоб карданд. Ин сана соли пайдоиши шоҳигарии Германия ҳисобида мешавад.

Дар он вақт ба Германия аз шимол норманнҳо ва аз ҷануб венгерҳои бодиянишин ҳамла мекарданд. Генрих, ки дурандеш ва хирадманд буд, ба мустаҳкам кардани мамлакат ҳаракат мекунад. Вай бо венгерҳо ба муддати 9 сол сулҳ имзо карда, ба ташкил кардани қӯшуни пурзӯри савора шурӯъ кард. Мувофиқи фармони ӯ аз ҳар 9 хоҷагии дар қишлоқ буда, як нафариро ба бургҳо (ба қалъаҳо) барои ба ҷанг тайёрӣ дидан мекӯчонад. Бо ҳамин зайл қӯшуни савораро пурзӯр намуда, вориси Генрихи I Оттони I соли 955 дар соҳили дарёи Лех қӯшуни савораи венгерҳоро дар ҷанг мағлуб мекунад. Пас аз ин венгерҳо ҳамлаҳои худро қатъ карда, тарзи ҳаёти муқимро пеш гирифтанд, дини насрониро қабул карданд ва зери таъсири немисҳо қарор гирифтанд. Баъдтар феодалҳои венгер дар муборизаи немисҳо ба муқобили славянҳо якчанд маротиба иттифоқчӣ шуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Шоҳ Оттони I*

## ТАШКИЛЁБИИ ИМПЕРИЯИ МУҚАДДАСИ РИМ

Оттони I венгерҳоро мағлуб карда ба шоҳи аз ҳама пурқудрат табдил ёфт. Ӯ ба унвони шоҳӣ қаноат накарда, соли 962 ба Италия ҳуҷум карда, аз тарафи папаи Рим Иоанни II ҳамчун император эълон карда мешавад.

Оттони I эътибори асосиро на ба шарқ, балки ба ҷануби Италия менигарон чунки Италия дар реҷаҳои "Ба дунё ҳукмдор шудан"-и императорҳои германӣ роли асосӣ мебозид. Оттони I ҳам монанди Карли Кабир империяи худро давоми империяи Рим ҳисобида, онро империяи Рим (баъдтар Муқаддаси Рим) номидааст.

**ИНРО ДАР ХОТИР НИГОҲ ДОРЕД!**

*Империяи Муқаддаси Рим аз соли 962 то соли 1806 ҳукм рондааст. Аз сабаби он ки вай зери ҳимояи калисои насронии католик буд, номи **"муқаддас"**-ро гирифтааст.*

Императорон, хусусан, набераи Оттони I Оттони III дар зери ҳокимияти худ муттаҳид кардани тамоми дунёи христианӣ буд. Вай Римро барои табдил додани пойтахти доимии империяи Муқаддаси Рим ҳаракат кард ва ҳатто ба ҷойи қасри императорҳои Рими Қадим ба худ қаср бунёд намуд. Аммо, римиён ба зидди ӯ сар мебардоранд ва қасри ӯро муҳосира мекунанд. Баъд аз он Оттони III дар Рим мондан тарсида ба Равенна кӯчида мегузарад. Империяи Рими Муқаддас ҳеҷ гоҳ якто пойтахти доимӣ надошт, ки ҳукумат дар он нишинад. Дар он вақт ба таркиби империя Германия ва Италияи Шимолӣ дохил мешуданд. Аммо азбаски ҳокимияти императорҳо дар Италия заиф буд, ҳар як подшоҳи нав барои таъмин намудани барқарорӣ, ба он ҷо юриш карда, дар Рим тоҷи императориро пӯшида, рамзҳои ҳокимиятро қабул мекарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## БОЛОРАВИИ МАДАНӢ

Дар даври Оттони I дар Германия болоравии маданӣ оғоз ёфт, ки маъмулан даври “Эҳёи Оттон” номида шуд. Дар қасри император фаъолияти адабӣ васеъ гузаронида шуда, дастнависҳо омода карда мешавад, скрипториян (устохонаҳо) кушода мешавад ва омӯзиши забони лотинӣ ривоҷ меёбад. Писари Оттони I Оттони II ба маликаи Византия хонадор шуда, дар мустаҳкам кардани робитаҳои маданӣ бо Византия саҳм гузоштааст. Дар мамлакат мактабҳои писарону духтарон пайдо мешаванд. Дар байни омӯзгорон роҳиб Герберт ҷудо шуда меистод. Вай ба шоҳи оянда Оттони III устодӣ мекунад.

### МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Ҳамзамононаш Оттони III-ро бо лақаби “Мӯъҷизаи ҷаҳон” меномиданд, дар даври ӯ маросимҳои тантананоки қасрро кор карда бaромаданд, рамзҳои ҳокимияти император: тоҷ, кӯраи тиллоӣ дар шакли бут, асои салтанатӣ офарида шудааст.*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МУНОСИБАТҲОИ ДАВЛАТ ВА КАЛИСО

Императорҳо дар фаъолияти худ ба кӯмаки калисои немис такя мекарданд, бо баробари ба он ҳомигӣ намудан дар назорат ҳам медоштанд. Ба калисо замин, мулк ва имтиёзҳои зиёде дода шуд. Инчунин, ҳукмдорҳо аз байни рӯҳониёни ба худашон содиқ буда, епископ ва аббатҳоро таъин мекарданд. Императорҳо ҳатто папаҳои Римро таъин мекарданд ва дар ҳолати зарурӣ онҳоро барканор мекарданд. Калисо ҳамин тариқ ба хизмати шоҳигарӣ гузашта ва такягоҳи асосии он гардид. Кӯшиши императорон барои ба аппарати давлатӣ табдил додани калисо ба зудӣ норозигии папаҳоро ба амал овард, ки қувваи онро аз дунёвӣ бартарӣ медонистанд. Аз асри XI сар карда, папаҳо муборизаро бар зидди императорҳо барои дубора ба даст овардани назорати калисои насронӣ оғоз карданд. Барои ҳукмронӣ кардан дар олами насронӣ дар байни император ва папаҳо муборизаи дуру дароз давом кард, ки ин ба заифшавии империя оварда расонд.

*Оттони III*



**БА ДАФТАРЧАИ ПАҲЛӮИИ ТАЪРИХАТОН ДОХИЛ КУНЕД!**

*Оттони I дар Рим дар ҳузури епископҳои зиёд яке аз папаҳои ба худ номақбулро суд карда аз лавозимаш озод кардааст. Оттони III бошад, устоди худ рӯҳонӣ Гербертро бо номи Силвестери II ба дараҷаи папаи Рим баровард. Бино ба навиштаҷоти сарчашмаҳо Герберт аз оилаи камбағал буда, аз сабаби ташнаи илм буданаш ба шаҳрҳои Испанияи арабҳо Қурдоба (Кордова) ва Ишбилия (Севилия) рафта таҳсил гирифта аст. Наздикӣ ба хонадони император ба ӯ аввал ба мансабҳои архийепсикоп, баъд ба папагӣ папа роҳ мекушояд.*

## ПАРОКАНДАГИИ ФЕОДАЛӢ

Ҳар як шоҳи нав барои пӯшидани тоҷи императорӣ ба Рим сафар карданро зарур медонист. Бисёртар ин гуна сафарҳо ба ҷангҳои дуру дароз табдил ёфта, шоҳон ба муддати тӯлонӣ Германияро тарк карданашон лозим буд. Масалан, император Оттони III соли 996 ба Рим рафта тоҷ пӯшид, ҳаёти худро ба барқарорсозии империяи Рим бахшид ва қарор кард, ки то абад дар ин ҷо бимонад.

Дар Германия дуру дароз набудани император боиси тезу тунд шудани саъю кӯшиши феодалҳои бузург ба истиқлолият ва ба низоҳои сулолавӣ оварда расонд.

Охирин императори сулолаи саксониягиҳо Генрихи II (1014–1024) бо эҳтиёткории зиёд сиёсат меронад. Ӯ дар Италия ба вассалии феодалони калон ва шаҳриён қаноат мекунад. Худи ӯ дар Германия зиндагӣ карда ва бо гузаштҳои гуногун герсогҳои немисро тобеъ карда дар соли 1018 дар Рим ба сифати император тоҷ мепӯшад. Дере нагузашта императори нав ба Германия баргашт ва шаҳрҳои Италияро епископҳои немис идора карданро оғоз намуданд. Баъди маргаш қисми асосии Италия аз тасаррufi шоҳони немис баромада меравад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ТАРАҚҚИЁТИ СИЁСӢ

Соли 1137 дар Германия ба сари ҳокимият сулолаи Штауфенҳо меояд, машҳуртарин намояндаи он Фридрихи I Барбаросса (1152–1190) буд. Дар даври ӯ империяи Муқаддаси Рим аз ҷиҳати сиёсӣ ба қуллаи баландтарин расид ва ба иқтидори ҳарбӣ ноил гардид. Фридрихи I саркардаи ҷасур ва бераҳм инчунин, сиёсатмадори боистеъдод, ҳукмдоре буд, ки идоракунии давлатиро хеле хуб аз худ карда буд. Фридрихи I кӯшиш мекард, ки бартарии ҳукмронии худро шоҳони Венгрия, Чехия, Полша ва Дания эътироф кунанд. Ҳатто аз Англия ва Франсия бартарӣ доштанро орзу мекард. Император бо воситаҳои гуногуни дипломатӣ ба ҷангҳои байниҳамдигарии герсог ва графҳои Германия барҳам дода, дар мамлакат сулҳро барқарор карда, инчунин, ба васеъ кардани ҳудудҳои империя муваффақ мешавад.

Дар аввал Фридрихи I диққату эътиборашро ба шаҳрҳои Италия, ки бо туфайли юришҳои салибӣ бой шудаанд, менигаронад: барои ҳокимияти худро барпо кардан, ба сарзамини онҳо панҷ маротиба юриш мекунад. Император дар Рим аз муборизаи ғоз ёфтаи байни аҳолии шаҳр ва папа судманд мешавад. Аз ин истифода бурда, Фридрихи I соли 1155 ба Рим рафта тоҷ мепӯшад ва император эълон мешавад. Император Италияро комилан мутеъ намудан ва сиёсати табдил додани вилояти тобеи худ пеш мебарад. Соли 1158 бо қӯшуни калон юриш карда, шаҳрҳои шимолии Италияро тобеъ мекунад. Аммо бо роҳбарии шаҳри Милан шаҳрҳои Ломбардия ба муқобили истилогарон исён мебардоранд. Фридрихи I дар вақти пахш кардани исён аҳолии Миланро қатл карда, шаҳрро вайрон мекунад. Бо вуҷуди ин, Милан дар солҳои 60–70-уми асри XII аз нав барқарор карда шуда ба ҷанги нав омодагӣ мебинад. Соли 1176 дар ҷанги Леняно қушӯни императорӣ аз тарафи италиягиҳо ба мағлубият дучор мешаванд. Фридрихи I маҷбур шуд, ки ба шаҳрҳои Италияи Шимолӣ ҳуқуқи озодӣ диҳад ва истиқлолияти онҳоро эътироф кунад. Ҳарчанд замину мулки зиёд дар шимоли Италия аз даст рафта бошад ҳам, ба воситаи хонадор кардани писари Фридрихи I Генрихро ба Маликаи Ситсилия Констансия, як шоҳигарии пуркудратро ба даст меорад, ки ба ҷуз аз ҷазираҳои Ситсилия қисми ҷанубии Италияро ҳам дар бар мегирифт. Баъдтар, ворисони ӯ дар Ситсилия монда аз он ҷо ба идоракунии империя шурӯъ карданд. Ин худсарии герсогҳои немисро дар Германия пурзӯр карда, инқирози сулоларо тезонд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Сабабҳои ислоҳотҳои ҳарбии Карл Мартелл, Алфреди Бузург ва Генрихи I -ро муқоиса кунед ва дар бораи монандӣ ва фарқиятҳои онҳо нақл кунед.**
2. **Чаро империяе, ки Оттони I таъсис додааст, “Империяи Муқаддаси Рим” номида шуд?**
3. **Ба фикри шумо, чаро Оттони III-ро “мӯъҷизаи ҷаҳон” номиданд?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 6-ум



# Византия: дар байни Ғарб ва Шарқ



*Форуми император Константин*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- чӣ тавр давом ёфтани тақдири империяи Рими Шарқӣ пас аз тақсимоти соли 395;
- дар бораи мавқеи Византия дар аввали асрҳои миёна дар Европа.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана



**ЁДОВАРӢ НАМОЕД!**

- **Аз чӣ сабаб империяи Рим ба қисмҳои Ғарбӣ ва Шарқӣ ҷудо мешавад?**

Византия қариб ҳазор сол давлати тавонотарин дар Европа буд ва анъанаҳои даври антиқӣ ва империяи Римро идома дод.

## ПАЙДО ШУДАНИ ВИЗАНТИЯ

Писарони император Феодосий дар соли 395 империяи Римро ба ду давлати мустақил тақсим карданд: яке империяи Рими Ғарбӣ, ки пойтахташ шаҳри Рим буд ва дуюмаш – империяи Рими Шарқӣ пойтахташ Константинопол онро (бо номи колонияи юнониҳо Византия ҳам меноманд). Ба писари калонӣ Аркадий ҳудудҳои нисбатан бойи империя мерасад, ба он нимҷазираҳои Балкан ва Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин, Миср дохил мешуд. Аҳолӣ асосан юнониҳо, суриягиҳо, арманиҳо, яҳудиён, мисриён буданд. Азбаски юнониҳо нисбатан зиёд буданд, пас аз гузаштани солҳо дар империя ҷойи забони лотиниро забони юнонӣ ишғол мекунад. Дар Европа аҳолии Византияро юнониҳо меномиданд, аммо онҳо худро юнонӣ *ромейҳо–римиён* меномиданд. Дар Византия ғуломдорӣ боқӣ монда бошад ҳам, аксарияти аҳолиро деҳқонони озоди андоздиҳанда ташкил медоданд ва аз заминҳои обёришаванда ҳосили фаровон мегирифтанд, ривоҷи барқарории иқтисодиро таъмин менамуданд. Дар асри VI дар империя марказҳои калони савдо ва ҳунармандӣ ба монанди Константинопол, Александрия, Антиохия, Эдесса ривоҷ ёфтанд. Ин омилҳо ҳатто дар даври муҳоҷирати



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



бузурги халқҳо боиси барпо шудани иқтисодиёт, қўшуни пурқувват, дар асоси анъанаҳои давлатдории Римӣ нигоҳ доштани имконияти маданияти антиқиро медиҳад. Константинопол ва Александрияро биноҳои боҳашамат, хонаҳои бисёрошёна, майдонҳои ҳайкалҳо ва фаввораҳо гузошташуда зебу зинат медоданд. Дар шаҳрҳо соҳаҳои ҳунармандӣ аз қабили шишасозӣ, мовут, шоҳибофӣ, заргарӣ, меъморӣ вусъат ёфтанд. Тоҷирони кишварҳои аз ҳудудҳои Испания то Хитой буда, ба бозорҳои ромейҳо мешитофтанд. Константинополро ба таври рамзӣ “пули тиллоӣ” меноманд, ки Осиё ва Европаро мепайваст. Тоҷирони Византия аз бозорҳои ғарбӣ либос ва зебу зинатҳои боҳашамат, аслиҳа, зарфҳои нодир ва таҷҳизоти калисоро мехариданд. Константинопол ба бузургтарин шаҳри Европа табдил ёфт ва тангаи тиллои Византия (нумизма) дар тӯли асрҳо пули боэътимоди байналмиллалӣ буд.




## ҲОКИМИЯТИ ВАСИЛЕВС

Рими Шарқиро ***василевс*** (юнонӣ, “шоҳ”) идора мекард. Василевсҳо ҳуқуқи идора кардани Европа, Осиёи Пеш ва Африкаи Шимолиро аз римиён гирифтанд. Император (василевс) мансабдоронро таъин мекард, қонунҳо қабул мекард, қўшунро идора мекард, ҷанг эълон мекард ва сулҳи осоиштагӣ мебаст. Аммо ӯ бо амалдорон ва қўшун ҳисоб додан маҷбур буд, инчунин меросӣ будани унвони император пурра кафолатшуда набуд. Муқаддас будани унвон дахлнопазирии императорро дар назар надошт: дар таърихи ҳазорсолаи империя онҳоро аз тахт сарнагун кардан ва ҳатто қатл намудан тез-тез ба назар мерасид.



*Аё София (Софияи Авлиё)*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





## ДАВРИ ЮСТИНИАН

Византия дар давраи Юстиниани I ба авҷи қудрати худ (527–565) расид. Вай воқеан дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шуда буд. Амакаш Юстин аз аскари оддӣ то ба дараҷаи сарлашкар расида, ба тахти императорӣ нишаст.

Юстин ҷиянаш Юстинианро ба қаср оварда, хуб таълим гирифтани ӯро таъмин мекунад. Баъди марги амакаш Юстиниан ба тахт нишаст. Вай дар атрофи худ саркардаҳои боистеъдод, ҳуқуқшиносон, муаррихонро ҷамъ мекунад. Дар замони ӯ намунаҳои аҷоиби меъморӣ: ибодатхонаҳои Аё София (Софияи Авлиё) дар Константинопол, СанВитале дар Равенна (Италия) сохта шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Юстиниан I*



*Тангаи Византия*

Бо фармони император ҳуқуқшиносон маҷмӯи қонунҳои Рими қадимро ба вуҷуд меоранд. Аммо император берaҳм ва ба хабаркашҳо зиёд эътимод дошт.

Орзуи Юстиниан барқарор намудани сарҳадҳои пеш аз соли 395-и империяи Рим буд. Барои амалӣ намудани ин орзу ӯ Африкаи Шимолиро, пас аз ҷангҳои тӯлонӣ қисми зиёди Италияро истило карда бошад ҳам, аммо кӯшишҳои ӯ барои барқарор кардани ғуломӣ дар сарзаминҳои ишғолшуда аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ дастгирӣ нашуд. Дар натиҷаи ҳаракатҳои ҳарбии ӯ ба сӯи ғарб ва дар шарқ ҷангҳои ӯ бо Эрон боиси холӣ шудани хазина, хонавайрон шудани аҳолӣ ва аз ҳол рафтани қӯшун мегардад.

## ДАР МУҲОСИРАИ ДУШМАНОН

Пас аз марги Юстиниан ҳудудҳои Византия оҳиста-оҳиста хурд мешаванд. Лангобардҳо қариб тамоми Испанияро кашида мегиранд. Император Ираклийи I ба муқобили Эрон ҷангида, қӯшуни Хусрави II-ро торумор карда бошад ҳам, ҷанг ҳар ду тарафро заиф гардонд, ки ин ба зудӣ ба Миср, Сурия, Фаластинро забт кардани арабҳо ва дар нимҷазираи Балкан ба барпо шудани шоҳигарии Булғория оварда расонд. Дар асрҳои минбаъда ба империя славянҳо, аварҳо, бижанакҳо, венгерҳо, булғорҳо, норманнҳо, туркҳои салҷуқӣ ҳамла карданд ва Константинопол борҳо дар муҳосира қарор гирифт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Баробари вазнин шудани аҳволи империя “санъати дипломатия” – музокира бурдан ва маҳорати ташкил кардани иттифоқҳо аҳамияти муҳим пайдо кард. Аз ин рӯ, ба асосҳои дипломатияи муосир қоидаҳои бисёри дипломатияи Византия дохил карда шудаанд.

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Қасри императори Византия бо салобат ва ҳашаматнокии худ меҳмонони аз хориҷа омадаро дар ҳайрат мегузошт. Дар вақти қабули пурдабдаба василевс либосҳои ҳашамдори бо дурҳо гулдӯзишуда пӯшида, сурхи тира танҳо аз ҷониби император дар либосҳои худ истифода бурда мешуд. Маросимҳои тантананок императорро дар пеши назари аҳолии маҳаллӣ ва меҳмонони хориҷӣ ба мартаба ва эътибори дастнорас боло мебурд.*



*Қасри калони Константинопол (аз нав барқароршуда)*

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Империяи Византия чӣ тавр ба вуҷуд омад?**
2. **Кадом омилҳо Рими Шарқиро аз инқироз наҷот доданд, гуфта диҳед!**
3. **Василевс ҳокимиятро чӣ хел идора кардааст?**
4. **Дар бораи империяи Юстиниани I чиҳоро медонед?**
5. **Аз сарнавишти минбаъдаи империяи Рими Шарқӣ чиҳо дар хотиратон монд?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 7-ум

# Ташкилёбии давлатҳои славянӣ



*Қабилаҳои славянӣ*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **славянҳои қадим;**
- **пайдоиши хатти славянӣ;**
- **ба вуҷуд омадани аввалин давлатҳои славянӣ;**
- **шароити ташкил ёфтани давлати Руси Киевӣ;**
- **ба Руси Киевӣ ворид шудани дини насронӣ;**
- **дар бораиислоҳотҳои Ярослави Донишманд ва болоравии маданият дар кишвари Руси Киевӣ.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Давлатҳои славянӣ дар асрҳои VII–X ташкил ёфтанд. Қабули дини насронӣ ҳамроҳшавии славянҳоро бо оилаи халқҳои Европа таъмин намуда, ба мустаҳкамшавии ҳокимияти ҳукмдорони онҳо-князҳо ва ба болоравии маданияти онҳо оварда расонд.

## СЛАВЯНҲОИ ҚАДИМ

Аҷдодони қабилаҳои славянӣ дар ҳудудҳои аз болооби дарёи Элба то ҳавзаҳои миёнаи дарёи Днепр зиндагӣ мекарданд. Аз ин ҳудудҳо як қисми славянҳо саросари Элба ба шимоли-ғарб, боз як қисмашон ба Европаи Шарқӣ ва қисми сеюмашон ба ҷануб кӯчида, дар асри VI ба соҳилҳои дарёи Дунай мерасанд. Ҳамаи онҳо бо як забон ҳарф мезананд ва худро славян (словен) меномиданд, ки маънои "бо як забони фаҳмо гуфтугӯкунандагон"-ро мефаҳмонад.



*Ҷанговарони славянӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Ҳангоми ҳаракат дар самтҳои гуногун қабилаҳои славянӣ ба гурӯҳҳои ғарбӣ, шарқӣ ва ҷанубӣ тақсим шудаанд: ба* ***славянҳои ғарбӣ*** *полякхо, чехҳо ва словакхо дохил мешаванд; ба* ***славянҳо шарқӣ*** *– аҷдодони халқҳои рус, украин ва белорус; ба* ***славянҳои ҷанубӣ*** *булғорҳо, сербҳо, хорватҳо, черногорҳо, словенҳо ва македонҳои шимолӣ мансубанд.*




Шуғли асосии славянҳо деҳқонӣ буд. Чорводорӣ, моҳидорӣ, шикор ва занбӯри асалпарварӣ (ғундоштани асали ёбоӣ) низ дар хоҷагӣ нақши муҳим бозидааст. Мӯина, асал ва муми занбӯри асалро ба қабилаҳои ҳамсоя мефурӯхтанд.

Ҳаёти иҷтимоии славянҳо бо ҳаёти германиҳои қадим шабоҳатҳои зиёд дошт. Махсусан, сохти авлод-қабилавӣ дар ҷамъият, ҷойи муҳим доштани маҷлиси халқӣ, пурзӯршавии ҳокимияти князӣ ба дружинаи ҳарбӣ такя карда, барои ба даст овардани шуҳрат ва сайдҳои ҳарбӣ ба зидди ҳамсояҳо юришҳои истилогарона бурдан барин монандиҳо доштанд. Дар даври тараққиёти таърихӣ дар славянҳо аввал иттифоқҳои қабилаҳо, баъдтар давлатҳои аввалин ба вуҷуд меоянд.



*Кирилл ва Мефодий*

## ОФАРИНИШИ ХАТИ СЛАВЯНӢ

Дар ҷойи ҳозираи давлати Чехия дар аввалҳои асри IX давлати Моравияи Бузург пайдо мешавад.

Князи аввалини он аз епископҳои немис дини насрониро қабул мекунад, аммо вориси вай бо мақсади халос шудан аз рӯҳониёни немис аз патриархи калисои православ аз Византия оид ба дин фиристодани устодонро мепурсад. Соли 863 ба Моравия ду роҳиб – Кирилл ва Мефодий меоянд. Онҳо алифбои славяниро офарида, Инҷилро ба забони лотинӣ тарҷума карданро оғоз мекунанд. Хати славянии дар асоси хати лотинӣ баъдтар номи “хати кириллӣ”-ро мегирад.

Пайравони рӯҳониёни бародар фаъолияти онҳоро дар Булғория, Сербия ва Хорватия идома медиҳанд. Хати кириллӣ дар Рус ҳам паҳн мешавад. Офариниши хати славянӣ, тарҷума шудани “Инҷил” ба болоравии маданияти славянҳо ҳиссаи бузург гузошт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






*Симеони Бузурги I*

## БУЛҒОРИЯ

Дар соҳили дарёи Итил (Волга) қабилаҳои туркии булғорҳо, дар давоми муҳоҷирати халқҳо ба самти ғарб ҳаракат карда, славянҳое, ки дар ҳудудҳои тарафи ҷанубии дарёи Дунай зиндагӣ мекарданд, тобеъ мекунанд.

Давлати аввалини славянӣ шоҳигарии Булғория дар соли 681 аз ҷониби шоҳ Аспарух таъсис дода шудааст, номи сулолаи ҳукмронро аз истилогарон гирифтааст. Аммо азбаски шумораи онҳо кам аст, булғорҳо тадриҷан бо славянҳо омехта мешаванд. Булғорҳо таҳти таъсири Византия ба дини насронӣ гузаштанд. Дар даври гул-гулшукуфии Булғория шоҳ Симеон (893–927 ) бо империяи ҳамсоя Византия ҷангҳои бомуваффақият бурда буд. Аммо дар аввалҳои асри XI Булғорияи заифшударо Византия забт мекунад. Мамлакат танҳо дар охири асри XII истиқлолият ба даст овард.

## ЧЕХИЯ ВА ПОЛША

Пас аз пароканда шудани Моравия славянҳои дар ҳудудҳои он масканбударо қабилаи чех тобеъ карда, дар ибтидои асри X ба давлати Чехия асос мегузоранд. Ба зудӣ дар Чехия зери таъсири епископҳои немис дини насронӣ паҳн мешавад. Гарчанде ки кишвар дар асри XI ба таркиби Империяи муқаддаси Рим дохил шуд, истиқлолияти худро ба таври назаррас нигоҳ медорад. Баъдтар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Князи Полша
Мешкои I

императори герман Генрихи IV (1085) ба шоҳзодаи чех барои кӯмакаш дар мубориза бо папаи Рим тоҷи шоҳӣ тақдим мекунад. Ба ҳамин тариқ ҳокимияти шоҳӣ дар мамлакат пурзӯр шуда, дар асри XIII давлати Чехия ба яке аз давлатҳои тавонотарини Европа табдил ёфт.

Давлати Полша дар миёнаҳои асри X ташкил ёфт. Дар соли 966, шоҳзода Мешкои I аз епископи немисҳо дини насрониро қабул мекунад. Калисои Полша соли 1000 рутбаи архиепископиро гирифт ва аз калисои немис истиқлолият ба даст овард. Дар замони ҳукмдории вориси Мешкои I Болеслави I Ҷасур ба тоҷи шоҳӣ соҳиб мегардад. Дини христианиро аз Рим ё Константинопол қабул кардан ба ташаккулёбии самти сиёсии баъдинаи славянҳо, хат, маданият ва анъанаҳо таъсири худро расонд. Аз ҷумла дар Полша, Чехия ва Хорватия таъсири Рим ва хатти лотинӣ бартарӣ дошт, дар Булғория, Сербия ва Руси Киевӣ бошад, таъсири Константинопол ва алифбои кириллӣ устувор буд. Ин таъсир дар санъат ва меъморӣ ҳам хеле намоён буд.

## ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТИ РУСИ КИЕВӢ

Дар сарзамини қабилаҳои славянии шарқӣ давлате бо номи Рус ташкил ёфт. Бино ба солномаҳо пешвои қабилаҳои славяни шарқӣ барои идоракунии мамлакат дар нимаи дуюми асри IX аз хонадони Рюрикҳо, княз фиристоданро қарор карданд. Ин пешниҳод на танҳо як чораи зидди викингҳо буд, ки дар ин давра дар Европа ҳуҷумҳои густурда доштанд, балки инчунин ба барҳам додани рақобати қабилаҳои славянӣ нигаронида шуда буд. Бародароне, ки мувофиқи таклиф омада буданд, аввал дар Новгород, Белоозеро ва Изборск князӣ кардаанд. Пас аз чанде, танҳо Рюрик боқӣ монд ва ворисони ӯ дар тӯли асрҳо дар Рус ҳукмронӣ карданд. Давомдиҳандаи Рюрик Олег дар соли 882 Киевро забт карда, давлати Киеви Русиро таъсис дод ва тобеияти қабилаҳои славяниро дар ҳавзаи Днепр идома дод. Дар даври ҳукмронии князҳо Игор ва Святослав дружинаи ҳарбии онҳо ба муқобили қабилаҳои бижанак, хазар, инчунин дар ҷануб ба муқобили Византия ҷангҳои мудофиавӣ ва истилогарона мебурданд.



Дар даври ворисои Святослав Владимир князӣ ба душманони дохилӣ ва беруна муборизаро давом дод. Номи Владимир дар таърихи Рус мавқеи алоҳида дорад. Сабаби ин на фаъолияти ҳарбии ӯ, балки дар соли 988 ба таомули калисои православии Византия амал карда дини насрониро қабул кардани ӯ ва аҳолӣ мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## РУС ДАР ДАВРАИ ЯРОСЛАВИ ДОНИШМАНД (1019–1054)

Пас аз марги Владимир дар байни ворисонаш мубориза барои ҳокимият оғоз шуда, писари калониаш Ярослав ғолиб меояд. Муваффақияти аввалин дар соҳаи ҳарбии княз пурра мағлуб кардани бижанакҳо буд. Аммо ба номи “Донишманд” сазовор шудани ӯ ба бунёдкорӣ вобаста аст. Ӯ дар соҳили дарёи Волга ба шаҳри Ярослав асос мегузорад. Дар даври ӯ ҳудуди давлат хеле васеъ мешавад.

Княз ба бунёди иншооти меъморӣ эътибори алоҳида нигаронида, дар Киев ибодатхонаи Софияи Авлиёро бунёд кардааст. Он то ҳол хуб нигоҳ дошта шудааст. Баъдтар бо ҳамин ном ибодатхонаҳо дар шаҳрҳои Полоск ва Новгород ҳам сохта мешаванд. Дар назди дайрҳо мактабҳо кушода мешаванд. Дар Новгород ва Киев солномаҳо тартиб дода мешаванд. Тарҷимаи асарҳо аз забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ба русӣ ба роҳ монда мешавад. Қонунҳо ба “Ҳақиқати рус” тартиб дода шуда, дар даври ворисони Ярослав ба он моддаҳои нав дохил мекунанд. Дар даври ҳукмронии Ярослав ва ворисони ӯ душманони асосии берунии князии Руси Киевӣ қабилаҳои қипчоқ (русҳо онҳоро “половесҳо” меномиданд) боқӣ монданд. Қипчоқҳо ҳудудҳои байни дарёҳои Ёйиқ (Урал) ва Дунайро ишғол кардаанд. Қипчоқҳои ҳавзаи дарёи Днепр муттаҳид шуда, дар охири асри XI бар зидди қӯшунҳои Князи Рус Владимир Мономах ҷангҳо бурдаанд. Мономах, вақте ки ҳукмрони Князии Рус шуд (1113–1125), амалиёти ҷангиро ба ҳудудҳои истиқоматии Қипчоқҳо кӯчонд. Пас аз марги княз муқовимат дубора оғоз шуд ва князӣ ба парокандагии сиёсӣ дучор мешавад.



### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Фаъолияти Кирилл ва Мефодийҳо дар болоравии маданияти славянӣ чӣ гуна мавқеъ доштанд?**
2. **Чаро шоҳии Булғор ба Булғория табдил ёфт?**
3. **Умумиятҳои рушди давлатҳои Чехия ва Полшаро муайян кунед.**
4. **Кадом ҷиҳатҳои ҳаёти Рим ё Византия ба давлатҳои славянӣ таъсир расонидааст, тавсиф намоед.**
5. **Ба фикри шумо дини насрониро қабул кардани аҳолии рус чӣ гуна аҳамият дорад?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





## Девори Бузурги Хитой

Калимаи "Changcheng" дар забони хитоӣ маънои *девори дарозро* дорад. Ин девор дарозтарин девори сайёраамон буда, сохтмони он дар асри IV пеш аз милод оғоз гардида, дар тӯли асрҳои зиёд, яъне то соли 1644 корҳои сохтмонӣ ва таъмиркунӣ давом кардааст.

## Мачу Пикчу

Он дар теппагии дар Перу ҷойгир буда, шаҳри гумшудаи Инкҳо ҳисобида мешавад. Ҳама биноҳои шаҳр бо истифода аз технологияи анъанавии инкҳо сохта шудаанд: сангҳои андозаашон гуногуни суфташуда бо ҳамдигар зич часпондашуда, ба мобайни онҳо ягон омехта ҳамроҳ карда нашудааст.



## Дар бораи салҷуқиҳои Осиёи Миёна

Олими муаррих ва географ Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ ба асари “Таърих”-и Абул Ала Ахвала такя карда мегӯяд, ки салҷуқиён дар асри IX ба Бухоро ва Самарқанд омада ҷойгир шудаанд.

Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# БОБИ II

# ОСИЁ ВА АМЕРИКА ДАР АСРҲОИ V–VIII





Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 8-ум

# Гаҳвораи дини нав



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- тарзи ҳаёти арабҳо;
- дар дунё ба вуҷуд омадани дини нав-ислом;
- дар бораи арконҳои ислом.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## АРАБИСТОН ВА АҲОЛИИ ОН

Қабилаҳои араб дар нимҷазираи Арабистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳади он зиндагӣ мекарданд. Онҳо аз халқҳои семӣ (семит) буданд, дар оилаи ин забон ба ғайр аз арабҳо яҳудиён, оссуриён, финикиён ва оромиҳо ҳам ҳарф мезананд. Ин халқҳо қадимтарин давлатҳои Шарқро: шоҳии Аккад, Бобулистон ва Исроилро ташкил кардаанд.

Арабҳои бодиянишин – бадавиҳо (саҳроиён) мисли дигар қабилаҳои чорводор бо шутурпарварӣ, гӯсфандпарварӣ ва аспарварӣ машғул буданд. Онҳо дар дашту биёбонҳо, чарогоҳҳо чорво поида кӯч баста мегаштанд. Қисми калони Арабистон аз ҳудудҳое иборат буданд, ки одамон бе шутур роҳ гашта наметавонистанд. Бадавиҳо шир ва гӯшти шутур мехӯрданд, аз пашмаш матоъ ва барои чодир намад тайёр мекарданд, ба шутур савор шуда меҷангиданд ва ҳаракат мекарданд.



*Ҳаёти арабҳо*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аҳолии муқими дар ҷануб ва ғарбии нимҷазира истиқоматкунанда, дар соҳилҳои наҳр, ҷӯйҳо ва чоҳҳо боғи хурмо ва токзорҳо барпо кардаанд. Айнан аз ин ҷойҳо роҳҳои корвон аз шимол ба ҷануб – аз Византия то шарқи Африка, ба Ҳиндустон мегузаштанд. Дар мамлакатҳое, ки дар роҳи бузурги абрешим воқеъ гардидаанд, дар замони осоишта роҳҳои корвонӣ ба Арабистон кӯчидааст. Бо гузашти замон дар қад-қади роҳи карвон манзилгоҳҳои аҳолӣ ва шаҳрҳо ба вуҷуд меоянд. Одамони дар он ҷо истиқоматкунанда ба корвонҳои тиҷоратӣ ва сайёҳон хизмат мекарданд. Яке аз онҳо – шаҳри Макка ҷойи мубодилаи мол байни кӯчманчиён ва аҳолии маҳаллӣ, инчунин маркази савдо буд. Вилоятҳои хеле тараққикардаи Арабистон Яман ва Ҳиҷоз буданд. Яман бо заминҳои ҳосилхез, боғҳои пурмева ва хурмозорҳои худ шуҳрат пайдо карда буд. Дар забони арабӣ Яман маъноҳои "ҳақ", "бахтнок"-ро ифода кардааст. Аз Ҳиндустон ба Византия зираворихо, матоъҳои абрешимӣ, марворид ва ашёҳои дигар мебурданд, боиси ҷойгир шудан дар наздикии роҳ шаҳрҳои Ҳиҷоз ва Яман ба вуҷуд омадаанд. Дар даври хушксолӣ бодиянишинони биёбонӣ ба маҳалҳои аҳолинишин, хусусан ба Ҳиҷоз ва Яман ҳуҷумҳои тороҷгарӣ ҳам пеш бурдаанд. Аксарияти арабҳо ба динҳои бисёрхудоӣ эътиқод мекарданд. Онҳо ба офтоб, моҳ ва ситорагон эътиқод мекарданд. Ҳар як қабила худоҳои гуногунро мепарастиданд. Каъбаи дар Макка зиёратгоҳи умумӣ буда, дар он худоёни қабилавӣ, бутҳо ва санамҳоро нигоҳ доштаанд. Дар асрҳои VI–VII шумораи аҳолӣ зиёд шуда, мубориза барои манбаъҳои об ва чарогоҳҳо дар байни қабилаҳо авҷ гирифт. Сайдҳои дар ҷангҳо ба даст овардашуда, пешвои қабилаҳо ва пешвоёни ҳарбиро ғанӣ гардонда, табақабандии моликиятро пурзӯр мегардонад ва бӯҳрони сохти қабилавиро метезонад.



### БАРОИ ПУРДОНҲО

*Бадавиҳо аз замонҳои қадим шутурҳои яккӯҳҳона нигоҳубин кардаанд. Шутурҳо якчанд рӯз беоб гаштанаш, ба сифати ғизо бо янтоқ қаноат карданаш ва айни вақт дар китфаш чандин сад кило борро бурдананаш мумкин буд. Ба маълумоти таърихшиносон, меши аз пӯст тайёркардаи обнигоҳкунанда (саноч)ро бадавиҳо ихтироъ наму даанд. Шутурҳо ва мешҳо ба онҳо барои расидан ба чарогоҳҳои дурдаст ва ба сафарҳои дур тайёр кардани карвонҳо имкон медоданд.*





*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Хариду фурӯш дар арабҳо*



## ПАЙҒАМБАР МУҲАММАД (С.А.В.)

Таърихчиёни ислом навиштаанд, ки асосгузори он пайғамбари оянда Муҳаммад (с.а.в.) дар соли 570 мансуб ба авлоди ҳошимиёни қабилаи қурайш дар оилаи камдаромад, чандон бой набуда, лекин дар оилаи наздики ашрофони шаҳри Макка ба дунё омадааст. Муҳаммад (с.а.в.) дар шиками модараш, ки ҳомилаи думоҳа буд, падараш Абдуллоҳ дар ин вақт бо корҳои савдо дар Сурия буд, дар роҳи бозгашт ба Макка ногаҳон вафот мекунад. Тибқи анъана, аҳолии Макка ҳар сол ба занони қабилаи бани саъд, ки дар чарогоҳҳои кӯҳӣ зиндагӣ мекарданд, барои аз гармо муҳофизат кардан кӯдаконро мефиристоданд. Муҳаммад (с.а.в.) аз шашмоҳагӣ дар дасти Ҳалима ном зане аз қабилаи бани саъд тарбият ёфта, чор сол дар миёни бодиянишинон зиндагӣ мекунад. Сипас ба Макка баргашта бо модарашон зиндагӣ кардаанд. Дар синни шашсолагӣ модараш Омина вафот мекунад, бобояш Абдулмутталиб ӯро зери тарбияи худ мегирад. Дере нагузашта бобояш Абдулмутталиб ҳам вафот мекунад. Баъд аз он амакаш Абутолиб тарбияи ӯро ба зиммаи худ мегирад. Дар синни 12 солагиаш Муҳаммад (с.а.в.) як муддат чорвои Абутолибро нигоҳубин мекунанд, баъд ба корҳои тиҷоратӣ ҷалб карда мешаванд. Бо корҳои савдо ба Сурия сафар мекунанд, хусусан ба шаҳрҳои Ҳалабу Дамашқ мераванд. Муҳаммад (с.а.в.) дар чилсолагӣ пайғамбар шуда дар давоми бисту се сол одамонро ба дини ислом даъват мекунанд. Муҳаммад (с.а.в.)дар соли 632 дар шаҳри Мадина вафот мекунанд ва дар ҳамин ҷо дафн карда мешаванд.

## НОЗИЛ ШУДАНИ ҚУРЪОН

Тибқи сарчашмаҳои исломӣ, ба Муҳаммад (с.а.в.) аз соли 610 сар карда, аз Аллоҳ таъоло оятҳо нозил шудан мегиранд. Ӯ ғайр аз Худои яккаву ягона, яъне Аллоҳ таъоло дигар ҳеҷ гуна худое нест гуфта, худро Расулуллоҳ – “сафири, пайғамбари Аллоҳ” гуфта эълон мекунад.



### ИНРО ДАР ХОТИР НИГОҲ ДОРЕД!

***Қуръон** (аз арабӣ, “қироат”, “хондан”) китоби муқаддаси пайравони дини ислом буда, аз тарафи Аллоҳ таъоло ба Муҳаммад (с.а.в.) бо воситаи ваҳӣ нозил шудааст. Қуръон дар зарфи бисту се сол нозил шуда, аз 114 сура иборат аст.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Савдогарон аз маҷусӣ ба дини яккахудоӣ гузаштан, барои онҳо зарари моддӣ оварданаш тарсида, вазъҳои Муҳаммад (с.а.в.)-ро бо адоват пешвоз мегиранд. Аксари аҳолии Макка, хусусан, ашрофони қабилаи Қурайш, ба тарғиботчиёни дини ислом рӯирост зид мебароянд. Дар натиҷа ӯ маҷбур шуд, ки дар ҷойи дигар тарафдорон ҷустуҷӯ кунад. Ҳамин тавр Муҳаммад (с.а.в.) ва саҳобаҳояш дар соли 622-юми милодӣ ба Ясриб ҳиҷрат (кӯчидан) карданд, ва ба шаҳр номи Мадина (арабӣ: Мадинат ан-набий) – шаҳри пайғамбар) дода мешавад. Ин воқеа, ки номи ҳиҷратро гирифт, ва дар таърихи ислом тағйирот ба вуҷуд овард. Соли 622-юми милодӣ "ҳиҷрат" оғози солшумории мусулмонӣ гуфта қабул шудааст. Нафароне, ки кӯчида гузаштанд, муҳоҷирҳо (кӯчида омадагон) ва касонеро, ки дар Мадина исломро қабул кардаанд, ансорҳо (тарафдорҳо) номиданд. Арабҳои Ясриб ба таълимоти яккахудоӣ дар муносибати хайрихоҳона буданд. Муҳаммад (с.а.в.) дар шаҳри Мадина пешвои мусулмонон гашта ва аввалин масҷидро дар он ҷо месозонад. Тартиби ибодат кардани алоҳидаро ҷорӣ мекунад, судхӯрӣ, шаробнӯшӣ, бозиҳои қиморро манъ мекунад. Ҳамин тариқ пас аз буддоӣ ва насронӣ дини дигари ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд.

## ТАЪЛИМОТИ ИСЛОМ

Ислом (аз арабӣ – "итоат намудан","тобеъ шудан", "худро ба хости Худо супоридан") дини густурда дар нимҷазираи Арабистон буда, дар ибтидои асри VII дар заминаи эътиқод ба Худои ягона ташаккул ёфтааст. Эътиқодкуннадагони дини исломро ба забони арабӣ "муслим" ("қабулкунандаи ислом ", "итоаткор", "босадоқат") – мусулмон меноманд.

Дини ислом ба панҷ асос ё рукн соҳиб аст:

1) имон доштан ба ягонагии Аллоҳ, ки Муҳаммад (с.а.в.) пайғамбари ӯ аст;
2) панҷ вақт намоз хондани ҳар як мусулмони солим ва болиғ;
3) рӯзадории шахси ба воя расида ва солим як моҳ дар моҳи Рамазон;
4) додани закот ба шахсе, ки молаш ба нисоб расидааст;
5) агар ба роҳаш ва пулаш имкон дошта бошад, ҳаҷ кардан.

Яке аз идҳои асосии мусулмонон Иди Рамазон пас аз як моҳи рӯзадорӣ таҷлил мешавад. Пас аз ҳафтод рӯз Иди Қурбон гузаронида мешавад. Мусулмонон рӯзи ҷумъаро "саййидул айём ва ҳаҷҷул масокин" – "рӯзи бузург ва ҳаҷ барои мискинон" гуфта ҳисоб мекунанд.

Муҳаммад (с.а.в.) аҳолии шаҳрҳо ва атрофи онро ба дини ислом гузаронида, соли 630 шаҳри Маккаро беҷанг ишғол мекунад. Саҳобаҳо бо фармони ӯ аҳолии шаҳри Маккаро раҳм карданд ва тамоми бутҳо ва санамҳоро аз Каъба дур карданд. Санги Сиёҳе, ки дар Каъба нигоҳ дошта мешавад, ҳадяи Худованд барои пайравони "дини ҳақ" эълон шудааст. Аз он вақт инҷониб Каъба ба зиёрати тамоми мусулмонон табдил ёфт.

Шаҳрҳои Арабистон ва қабилаҳои бодиянишин дар солҳои охирин дини исломро қабул карданд ва дар асри VII ба як давлати ягона муттаҳид шуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Шаҳри Макка дар асрҳои миёна*

## МАЗҲАБҲОИ ИСЛОМ

Калимаи *мазҳаб* аз арабӣ маъноҳои "самт", "чараён", "роҳ"-ро ифода карда, пайравӣ ба андешаи донишманди муайян дар масъалаи динӣ ба маънои "равон шудан ба самте, ки ӯ меравад"-ро ифода мекунад.

Дар ислом асосан ду самт – суннӣ ва шиа (пайравони Алӣ) мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо якчанд мазҳаб доранд. Самти сеюм – аҷнабиён (хавориҷ– "ҷудо шуда баромадагон") дар нимаи дуюми асри VII пароканда шуда, баъдан аз байн рафтааст.

Суннӣ гуфта, дар риоя кардани қонуну қоидаҳои динӣ ва тарғиботҳо ба Қуръони Карим ва ҳадисҳои Муҳаммад пайғамбар (с.а.в.) – ба "Сунна" якхел амал карданро меноманд. Пайравони самти суннирo "Аҳли сунна вал ҷамоа" меноманд. Дар ин ном ба суннатҳои пайғамбар Муҳаммад (с.а.в.) бечунучаро амал кардан ва маъноҳои аксари ҷамоаи мусулмононро ифода мекунанд. Имрӯзҳо қисми асосии мусулмонон дар самти суннӣ буда, он ба чорто мазҳаби фиқҳӣ: ҳанафӣ, шофеъӣ, моликӣ ва ҳанбалӣ, инчунин ду мазҳаби ақидавӣ: ашъарӣ ва мотуридӣ амал мекунанд. Мазҳабҳо аз сектаҳо (фирқаҳо) фарқ мекунанд. Чор мазҳаби суннӣ низ баробаранд. Мазҳабҳо умуман аз доираи ҳуқуқи динии анъанавӣ набаромада, дар масъалаҳои шариат бо баровардани ҳукмҳои сабук ё вазнин дар шариат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар Осиёи Миёна, махсусан дар Ӯзбекистон мазҳаби ҳанафӣ васеъ паҳн шудааст.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи забон ва машғулотҳои арабҳо чиҳоро дар ёд нигоҳ доштед?
2. Кадом омилҳо боиси тағйирёбии сохти иҷтимоии бадавиҳо гардиданд?
3. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Муҳаммад (с.а.в.) чиҳо дар хотиратон боқӣ монд?
4. Омилҳои муттаҳидшавии қабилаҳои арабро гуфта диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 9-ум



# Хилофати Араб: барпо шудани олами ислом



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- фаъолияти рошидинҳои хулафоӣ;
- роҳҳои исломикунонии аҳолӣ;
- сулолаҳои умавиҳо ва аббосиҳо;
- дар бораи инқирози хилофати Араб.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Фатҳҳои бурдаи арабҳо дар асрҳои VII–VIII, ки ҳудудҳои калонро дар бар мегирифт, бо ташкил ёфтани давлати Хилофати араб ба охир мерасад. Хилофатро аввал рошидинҳои хулафоӣ – “Халифаҳои дар роҳи рост”, баъд умавиён (661–750) ва сулолаҳои аббосиён (750–1258) идора кардаанд. Дар мамлакатҳои таркиби хилофат маданияти бой ба вуҷуд омад, ки он дар натиҷаи ҷамъ шудани комёбиҳои халқҳои гуногун ташаккул ёфт. Илм, адабиёт ва санъат дар ҳудудҳои хилофат хеле рушд кард.

## ДАВРИ ЧОРЁРҲО

Пас аз вафоти Муҳаммад пайғамбар (с.а.в.) ҳокимияти давлатӣ, ки тамоми арабҳоро муттаҳид мекард, ба дасти саҳобаҳои наздиктарини ӯ мегузарад. Дар даври рошидинҳои хулафоӣ сарвари мамлакат – *халифа* (“муовин”), давлат бошад, *хилофат* ном бурда шуд. Пас аз муттаҳид шудани арабҳо ҳадафи умумии ислом дини исломро қабул кардани ғайримусулмонон буд. Дар ибтидо **Абу Бакр** (632–634) халифа интихоб шуд. Дар замони ҳукмронии у аҳолии нимҷазираи Арабистон дини исломро пурра қабул кард ва исёни қабилаҳои араб ба муқобили ҳукумат пахш карда шуд. Дар замони хилофати ӯ арабҳо Ироқ ва Сурияро забт карданд. Абу Бакр идораи давлати исломиро такмил дод. Аз ҷумла, барои идораи кишвар Шӯрои машваратӣ таъсис дода шуда, барои ҳар як вилоят волӣ (ҳоким) таъин карда шуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар даври халифаи баъдина **Умар ибн Хаттоб** (634–644) қўшунҳои Византия мағлуб карда шуда, дар тўли солҳо Сурия, Фаластин, Миср, қисми зиёди Эрон ва соҳилҳои Африкагии баҳри Миёназамин забт карда мешавад. Дар давраи фаъолияти ў низоми андозбандӣ таҳия ва барои ҳамаи хизматчиёни давлатӣ, ки ба рўйхати девон шомил шудаанд, маош муқаррар карда мешавад. Дар моҳи апрели соли 637 тақвими нави мусулмонӣ, тақвими ҳиҷрӣ ҷорӣ карда шуд. Мусулмонон Умарро аз сабаби тақводор, дар масъалаҳои дин боадолат буданаш – "Умари одил", даври ҳукмрониашро бошад, "асри тиллоӣ"-и ислом тавсиф кардаанд.



*Татбиқи ислоҳотҳо*

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Мувофики маълумоти сарчашмаҳо, дар замони ҳукмронии халифа Умар ибни Хаттоб фатҳҳои исломӣ хеле васъат ёфтанд. Мусулмонон сарзамини Форсҳро фатҳ карданд, маҷбур шуданд қалъаеро, ки Тустар ном дошт, ишғол кунанд. Лашкарҳои арабҳо бо сардории Саъд ибни Абу Ваққос ин қалъаро муддати дароз муҳосира карданд ва шаш моҳ онро ишғол карда натавонистанд. Руҳи ҷанговарии қўшун паст мешавад, захираҳои яроқу аслиҳа ва хўроквори ҳам тамом мешавад. Ҳамаи мусулмонҳо намедонанд чӣ гуна рафтор кунанд, одаме дар рўяш ниқоб дошта даромада омада: – "Ман чӣ тавр кушодани қалъаро медонам. Агар гуфтаамро ба ҷо оваред, ман ба шумо кўмак мекунам" – гуфт. Пас амири қушўн гуфт: "Бигў, ки чӣ кор кунам, розӣ ҳастем". Марди ниқобпўш гуфт: "Шумо маро дар фалахмон меандозед ва ба шаҳр мепартоед ва ман дари қалъаро барои шумо мекушоям". Нисфи шаб аскарон ўро ба кафлеси фалахмон андохта, ҳаво медиҳанд. Марди ниқобпўши наҷотёфта посбонҳоро мекушад ва дарвозаҳоро мекушояд. Сарбозони омодаи ҷанг вориди қалъа мешаванд, қалъа забт мешавад ва мусулмонон ғанимати азимро ба даст меоранд. Амири қўшун тақсим кардани ғаниматҳоро эълон мекунад, қисми аз ҳама калони он ба ҳамон одами ниқобпўш медодагӣ шуданд. Аммо се рўз гузашта бошад ҳам, одами ниқобпўш намеояд. Пас Саъд ибни Абу Ваққос ба тамоми қўшун амр мекунад: "ба ҳама расонед, агар ба амир итоат накунад, дар назди Худо гунаҳкор мешавад". Дар натиҷа марде вориди хаймаи амир шуд ва гуфт: "Эй амир, ман соҳиби ниқобро мешиносам, се шарт дорад ва агар онҳоро иҷро кунед, омада худро муаррифӣ мекунад. Аввалаш ин аст, ки вақте ки ў бо шумо сўҳбат мекунад, вай танҳо байни шумост; дуюм ин ки номи он шахсро дар китобҳои таърих ханависанд; сеюм ин ки шумо ҳатто ба халифа намегўед, ки ў кист". Саъд ибни Абу Ваққос ба ҳамаи онҳо розӣ шуд. Он вақт ҳамон одам гуфт: "Ман он марди ниқобпўш будам".*

*Вақте мусулмонон ба Мадина баргаштанд, халифа Умар аз Саъд ибни Абу Ваққос дар бораи он марди ниқобдор пурсид, вале Саъд ба ваъдааш вафо кард ва чизе нагуфт.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар даври халифа **Усмон ибн Аффон** (644–656) давлати Сосониёни Эронро фатҳ намуда, ба соҳилҳои Амударё расида, мавқеи мусулмононро дар Тунис ва паси Кафказ мустаҳкам кард. Бо фармони халифа матни Қуръони карим ҷамъ гардида ба шакли китоби ягона оварда мешавад, ба кишварҳои гуногун паҳн карда мешавад. Имрӯз яке аз онҳо дар Идораи мусулмонони Ӯзбекистон ҳамчун ёдгории муқаддас маҳфуз аст.

**Алӣ ибни Абу Толиб** (656–661), охирин халифаи рошидинҳои хулафоӣ буда, дар даври халифагии ӯ тоифаҳое пайдо шуданд, ки ҳукмронии ӯро эътироф намекарданд. Тарафдорони Алӣ шиъаҳо ва рақибонаш бошад номи хориҷиёнро гирифтааст. Дар натиҷа Алӣ аз ҷониби хориҷиён кушта мешавад. Соли 661 асосгузори сулолаи Умавиён Муовияи I ҳокимиятро ба даст мегирад.




## ҲУКМРОНИИ УМАВИЁН

Дар даври умавиҳо пойтахт шаҳри Димашқ буда, Сурия ба вилояти марказии хилофат табдил ёфт. Дар замони ҳукмронии умавиён лавозими халифа ба мероси наслӣ гузашта, хазинаи давлат ва бойгонии давлатӣ таъсис ёфта, забони арабӣ забони давлатӣ эълон карда шуд. Қушӯни халифа бо сардории Ҷабал ат-Тариқ солҳои 711–714 шоҳии вестготҳои нимҷазираи Пиреней (Испанияи ҳозира)-ро тобеъ мекунанд. Пешравии арабҳо ба шимол дар соли 732 дар ҷанги Пуате қатъ карда шуд. Дар шарқ онҳо Табаристон, Ҷурҷон, Мовароун-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Аз тарафи арабҳо ишғол намудани ҳудудҳои дигар*



*Ҳорун ар-Рашид*

наҳр ва заминҳои то соҳили дарёи Ҳиндро (Қалъаи Мӯлтон), дар ғарб қисми зиёди Африкаи Шимолӣ ва Испанияро ишғол кардаанд. Аммо ба муқобили умавиён чандин маротиба шӯришҳои халқӣ ба амал омадаанд. Ин ҳокимияти онҳоро суст кард ва имкон дод, ки аббосиён ба сари ҳокимият оянд.

## БА САРИ ҲОКИМИЯТ ОМАДАНИ АББОСИЁН

Дар натиҷаи тезу тунд шудани вазъияти сиёсии хилофат дар миёнаҳои асри VIII Аббосиён (авлодҳои амаки Муҳаммад (с.а.в.) Аббос) ба сари ҳокимият омаданд. Аббосиён қароргоҳи худро ба Бағдод ("инъоми Худо") кӯчониданд. Машҳуртарин халифаи ин сулола Ҳорун ар-Рашид (786–809) буд. Ғайримусулмононро дар хилофат ба хизмати давлатӣ намегирифтанд ва онҳо андози бештар медоданд. Дар натиҷа, бисёриҳо дини исломро қабул карданд ва забони арабиро омӯхтанд, ҳамин тариқ қисми асосии аҳолӣ мусулмон шуданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ИНҚИРОЗИ ХИЛОФАТ

Шӯришҳои халқӣ ва мубориза барои ҳокимият бӯҳрони сиёсии хилофатро оғоз кард. Соли 756 якумин амирии мустақил аз хилофат дар Испания ташкил шуд. Он аз асри X номи Курдоба *(Кордова)-ро* гирифт. Аз асри IX Миср, Эрон, Мовароуннаҳр ва Хуросон истиқлолият ба даст оварданд, дар дасти Аббосиҳо танҳо Шарқи Наздик ва нимҷазираи Арабистон мемонад. Туркҳои Салҷуқӣ дар соли 1055 Бағдодро забт карданд ва халифаро аз вазифаҳои дунёвӣ дур карданд. Хони муғул **Хулоку** соли 1258 Бағдодро ишғол мекунад ва хилофати араб барҳам меёбад.



*Ҳарбиёни араб*

### ШАРҲИ ИСТИЛОҲҲО

**Чорёрҳо (форсӣ: “чаҳор дӯст”) аввалин чаҳор халифа буданд, ки роҳи ростро пеш гирифтаанд.**

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Дар харита ҳудудҳоеро, ки хилофати Араб фатҳ кардааст, нишон диҳед.**
2. **Дар бораи сулолаҳое, ки хилофати Арабро ҳукмронӣ карданд, нақл кунед.**
3. **Ба назари шумо сабабҳои бӯҳрони хилофат дар чист?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 10-ум

# Давлати Салҷуқиҳо



*Султон Маликшоҳ*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **муттаҳид шудани қабилаҳои ӯғузҳо ва ба вуҷуд омадани сулолаи нав;**
- **сохтор ва тараққиёти давлати Салҷуқиҳо;**
- **ҳаракатҳои ҳарбии салҷуқиҳо ва барпо намудани империяи азим;**
- **дар бораи шарту шароит ва сабабҳои ташаккули этноси турк.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Юриши ҳарбии салҷуқиҳо*

## ТАШКИЛЁБИИ ДАВЛАТ

Салҷуқиҳо даставвал дар таркиби қавми туркии ӯғуз дар ҳудуди имрӯзаи Қазоқистони Ҷанубӣ ва дар заминҳои маҷрои миёнаи Сирдарё зиндагӣ кардаанд. Онҳо ба қабилаҳои бисёр тақсим шуда, ҳаёти кӯчманчӣ доштанд. Дар натиҷаи фишор овардани қабилаҳои гуногуни Шимол ба канори шаҳри Ҷанд, ки дар поёноби Сирдарё воқеъ аст, (ҳоло ҳудуди вилояти Навоӣ) кӯчида рафтанд. Ӯғузҳо бо роҳбарии Салҷуқбек дини исломро қабул карданд. Баъди забти Мовароуннаҳр аз тарафи Қарохониҳо Салҷуқиҳо бо розигии Маҳмуди Ғазнавӣ соли 1025 ба заминҳои Хуросон кӯчида мегузаранд. Салҷуқиҳо, ки аз муборизаи байни Қарохониён ва Ғазнавиён истифода бурданд, қувваҳои ҳарбии худро муттаҳид намуда, тадриҷан Хуросонро ишғол намуда, давлати Салҷуқиёнро барпо намуданд. Онҳо набераи Салҷуқ Тӯғрулбекро ҳукмдор эълон мекунанд.

**БА ДАФТАРЧАИ ПАҲЛӮИИ ТАЪРИХАТОН ДОХИЛ КУНЕД!**

***Салҷуқиҳо*** *– сулолаи туркии дар Хуросон, Шарқи Наздик ва Миёна, Осиёи Хурд қисман дар Мовароуннаҳр ҳукмронӣ карда мебошад (1038–1308). Номи ин сулола ба номи Салҷуқбек ибни Дӯкак, сарвари ӯғузҳо, қавми чорводори туркӣ, гузошта шудааст. Ба давлати Салҷуқиҳо соли 1038 набераи Салҷуқ султон Тӯғрулбек асос гузоштааст.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тӯғрулбек бародараш Чағрибекро дар Хуросон гузошта, ба самти ғарб ҳаракат кард. Дар ин давра дар Эрон қуввае набуд, ки ба зидди қабилаҳои туркӣ мубориза баранд. Дар натиҷа салҷуқиҳо дере нагузашта Эрони Ғарбӣ, Озарбойҷон ва Ироқро тобеъ мекунанд. Соли 1055 дар Бағдод ба номи Тӯғрулбек хутба хонда мешавад, Аббосиҳо ба салҷуқиҳо тобеъ шуда мемонанд. Халифа ал-Қоим (1031–1075) маҷбур шуд, ки ҳокимиятро ба Тӯғрулбек супорад ва ӯро султон ва "шоҳи Шарқ ва Ғарб" эътироф кунад. Ҳамин тавр салҷуқиҳо дар ҳудудҳои аз Амударё то дарёи Фрот ҳукмронии худро барқарор мекунанд.

## БОЛОРАВИИ ДАВЛАТ

Давлати Салҷуқиҳо дар замони ҳукмронии Алп Арслон ва писараш Маликшоҳ боз ҳам пурзӯртар мегардад. Дар даври Алп Арслон (1063–1072) ба Осиёи Хурд юришҳо ташкил карда мешаванд.

Даври аз ҳама ривоҷёфтаи Салҷуқиҳо ба солҳои ҳукмронии Султон Маликшоҳ рост меояд. Вай юришҳоро ба самти шарқ, ки падараш оғоз карда буд, идома медиҳад, ба Қарохониҳо зарба дода, соли 1074 Бухоро ва Самарқандро ишғол мекунад. Баъд водии Фарғонаро ишғол намуда, ба Туркистони Шарқӣ расид. Дар охири асри XI қаламрави кишвар аз Туркистони Шарқӣ то баҳрҳои Миёназамин ва Мармар тӯл мекашид. Ин давлат дар байни Византия ва Хитой ҷойгир буда, хизматҳои онҳо барои гардондани ҳуҷумҳои салибчиён ба тарафи Шарқ бузург буд.

Пас аз марги Маликшоҳ мубориза барои тахт шиддат гирифт ва кишвар заиф шудан гирифт. Дар аввали асри XII низоъҳои дохилӣ авҷ гирифта, давлат ба қисмҳои шарқӣ ва ғарбӣ тақсим мешавад.

## БЕЙИҲОИ ТУРКӢ ДАР АНАТОЛИЯ

Дар охири асри XI ӯғузҳо Анатолияро пурра забт карда, дар онҷо султонии Кунияро барпо мекунанд. Инчунин дар ҳудуди Осиёи Хурд Салҷуқиён низ як қатор бейиҳо (бекигариҳо) ташкил мекунанд. Бейиҳо ҳукмронии сулолаи Салҷуқиёнро расман эътироф карда бошанд ҳам, дар амал моликияти худро мустақилона идора мекарданд.




Маркази султонии Куния аввал шаҳри Никея буда, баъдтар ба Куния кӯчонида мешавад. Дар замони султон Алоуддини Кайқубод султонӣ ба қуллаи баланди тараққиёти худ мерасад. Дар султонӣ шаҳрҳои Куния, Қайсарӣ ва Сивас марказҳои ҳунармандӣ ва савдо буданд.

Аҳолии бейиҳои Осиёи Хурд аз ҷиҳати этникӣ якхела набуданд. Пас аз ғалабаи салҷуқиҳо бар Византия дар муҳорибаи Мансикерт дар соли 1071 аз сабаби набудани муқовимати дигар қисми зиёди туркҳои ӯғуз ба ин ҷо кӯчида омада, ба тарзи ҳаёти муқимӣ мегузаранд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Туркҳои муқимгашта ба мисли аҳолии таҳҷоии кишвар бо деҳқонӣ ва ҳунармандӣ машғул шуданд. Як қисми юнониҳо ва арманиҳои Осиёи Хурд дини исломро қабул мекунанд ва бо ҳамин ба қабилаҳои туркӣ наздик мешаванд. Ҳамин тавр дар Осиёи Хурд аз охири асри XI бо туркҳои ӯғузӣ омезиши юнониҳои туркигашта, форсҳо, арманҳо ва гурҷиҳо, миллати турк ташаккул меёбад. Аммо ҳуҷуми муғулҳо аз шарқ дар соли 1243 султониро хеле заиф кард. Дар натиҷа дар соли 1308 давлат ба якчанд бейиҳо тақсим шуд. Яке аз онҳо бейии Усмон буд, ки баъдтар дар пайдоиши империяи туркҳои усмонӣ нақши асосӣ бозид.

## ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ



*Тангаи ҳукмдори Салҷуқиҳо Кайхусрави II*

Салҷуқиҳо идоракунии давлат, муносибатҳои андоз ва заминдориро аз давлатҳои мусулмони Шарқ қабул кардаанд. Давлатро ҳукмдори олӣ – султон (султон ул – аъзам) идора карда, тахт аз падар ба фарзанд мерос шуда мегузашт. Аз номи у хутба хонда, танга сикка зада мешуд. Сохти идоракунии давлатӣ ба ду – даргоҳ ва девон тақсим мешуд. Девони сарвазир (девони аъло) ба фаъолияти ҳамаи девонҳо роҳбарӣ мекард. Сарвазир “раис ур-руасо” ном бурда шуда, тамоми соҳаҳои оиди сиёсати дохилӣ ва берунии мамлакатро назорат мекард. Машҳуртарин сарвазири Салҷуқиҳо Низомулмулк буд, ки дар бораи асосҳои идоракунии давлат асари **“Сиёсатнома”**-ро навиштааст.

Мамлакат аз ҷиҳати маъмурӣ ба вилоятҳо тақсим шуда, онро волиёне, ки султон таъин мекард, идора мекарданд. Онҳо ҳам ба маҳкамаҳои худ соҳиб буда, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти вилоят роҳбарӣ мекарданд.




### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Шароити ташаккули давлати Салҷуқиёнро шарҳ диҳед.**
2. **Дар бораи сохти иҷтимоии туркҳо чиҳоро донистед?**
3. **Идоракунии давлати Салҷуқиҳо чӣ хел буд ва онро аз киҳо қабул карданд?**
4. **Дар бораи ташаккули халқи турк чиҳоро медонед?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 11-ум

# Давлати муғулҳо



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД!**

- ҳаёти иҷтимоии қабилаҳои муғул;
- ташкилёбии давлати Чингизхон;
- дар бораи юришҳои ҳарбии қабилаҳои муғул.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Қурултой дар соҳили дарёи Онон*

## СОХТИ ИҶТИМОӢ

Қабилаҳои муғул аз қадимулайём дар ҳудудҳои Сибири Ҷанубӣ, Манҷурия ва Муғулистон ҳаёт ба сар мебурданд. Аксари онҳо бо чорводории кӯчманчигӣ машғул буданд, баъзе авлодҳояшон дар ҷангалҳо шикор ва моҳидорӣ карда рӯз мегузарониданд.

Дар муғулҳо бисёр одатҳои қадимӣ, дар тасаввуроти дин бошад, ба рӯҳи аҷдодон саҷда кардан хуб монда буд. Вале дар нимаи дуюми асри XII дар муносибатҳои иҷтимоии муғулҳо хусусиятҳои нав – ба табақаҷудошавии мулкӣ пурзӯр шуд. Ҷамоаҳои авлодӣ ба хоҷагии алоҳидаи кӯчманчӣ – **айл**ҳо тақсим шуда, ҳар кадоми онҳо ба чорвои худ соҳибӣ мекарданд. Аз байни авлодҳо хонаводаҳои бой, ашрофони оянда пайдо шуданд. Аксари сарварони авлодҳо – нӯёнҳо аз байни ҳамавлодони худ навкарҳо гирифта, дастаҳои ҳарбӣ ташкил



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




мекунанд. Дар шароити ба табақаҳо ҷудошавӣ худи ҳаёт онҳоро барои ташкил намудани иттифоқҳои ҳарбии қабилавӣ маҷбур мекард, онҳоро **хонҳо** идора мекарданд. Иттифоқҳои тавонои қабилавӣ аз ҳамсояҳои тобеи худ андозу боҷ мегирифтанд. Чунин иттифоқҳои қабилавӣ дар ҷамъомадҳо ва қурултойҳои худ масъалаҳои муҳимтарин: ҷанг, сулҳ, бастани иттифоқ, интихоби хонҳо ва баъзан мурофиаи судии баъзе ашроф ва ҳатто хонҳои гунаҳкорро ҳал мекарданд.



## ДАВЛАТИ ЧИНГИЗХОН

Дар ҷангҳои дохилии қабилаҳои муғул **Темучин** (1155–1227) ғолиб меояд. Вай дар қурултойи соли 1206 дар соҳили дарёи Онон *хони бузург* эълон мешавад. Саршомон дар ҳузури халқ ба ӯ унвони **Чингизхонро** медиҳад. Калимаи *чингиз* маъноҳои “пурзӯр”, “қудратманд”, “тоза”-ро ифода мекунад. Чингизхон бо мақсади мутамарказонидани кишвар қалъаи **Қароқурумро** ба пойтахти давлати худ табдил медиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ҚӮШУНИ МУҒУЛҲО

Муғулҳо ба пурзӯр кардани қӯшун эътибори калон доданд. Зиндагии чорводории кӯчманчии муғулҳо ба онҳо имкон дод, ки қӯшуни ба дараҷаи аълои савораро ташкил кунанд, халқҳои ҳамсояи бо деҳқонӣ машғул буда, ба ин аскарони савора муқобилат карда наметавонистанд. Дар замони осоишта муғулҳо ба чорводорӣ машғул буда, бо саршавии ҷанг ба як қӯшуни муқаррарии даҳ нафарӣ табдил меёфтанд. Ҳамлаҳои ғоратгарӣ шуғли асосии муғулҳои кӯчманчӣ буд. Бо Хитой дар ҳамсоягӣ зиндагӣ кардани онҳо ва юришҳои онҳо ба он ҷойҳо имкон дод, ки муғулҳо бо бисёре аз техникаи ҷангии Хитой – аслиҳаи ҷангӣ шинос шаванд ва азхуд кунанд. Аз ҷумла, қӯшунҳои муғулҳо бо ёрии дастгоҳи махсусе, ки деворҳоро сӯрох мекунад – фалахмон ва бо ёрии аслиҳаҳои оташафшон санъати ишғол кардани шаҳрҳоро ба дараҷаи аъло аз худ кардаанд. Аслиҳаи дӯстдоштаи муғулҳо камон буд, ки ҷанговари муғул рақибашро аз садҳо метр ба нишон гирифта метавонист. Аксарияти ҷанговарон бо найза ва шамшер мусаллаҳ шуда буданд. Ҳар як кӯчманчӣ хоҳ дар ҷанг, хоҳ дар ҳаёти ҳаррӯза албатта арғамчин доштанаш лозим буд. Қӯшуни кӯчманчиён одатан ба се қисм тақсим мешуд: марказ ва ду қанот. Қӯшунҳо аз тарафи юзбошӣ, мингбошӣ, туманбошӣ идора карда мешуд. Ҳангоми ҷанг марказ фиребкорона ақиб менишаст, агар душман онро таъқиб намояд, лашкари қанот ба ҳуҷум мегузашт, ақибнишастагон ҳам истода ба ҷанг медаромаданд. Ба ғайр аз қӯшуни асосӣ дар ихтиёри Чингизхон гвардияи махсус бо номи *кешик* ташкил мешавад. Кешик дар вазъиятҳои фавқулодда ҳамеша дар ҳолати ҷанговарӣ тайёр меистод.



*Ҷанговари муғул*

Моҳирона идора кардани ҷанг, қӯшуни дорои интизоми сахт ва парокандагии феодалӣ дар кишварҳои ҳамсоя ғалабаи муғулҳоро таъмин мекард.



*Ҷанговарони муғул ва яроқу аслиҳаҳои онҳо*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Юришҳои ҳарбии муғулҳо ба заминҳои рус*

## ИСТИЛОҲО

Чингизхон бори нахуст найманҳоро, баъдтар қабилаҳои уйғур, ёқут, қирғиз ва бурятҳоро мутеъ карда, дар соли 1211 ба муқобили Хитойи Шимолӣ ҷанг оғоз мекунад. Юришҳои соли 1218 ба Еттисув ва Туркистони Шарқӣ сар шуда солҳои 1219–1221 ба давлати Хоразмшоҳиҳо ҳам расид. Баъдан Афғонистон, Эрони Шарқӣ забт гардида, тавассути Кавказ ба Дашти Қипчоқ мебароянд. Қӯшуни рус, ки ба ёрии қипчоқҳо ба соҳили дарёи Калка омада буд, низ мағлуб мегардад.

Соли 1224 Чингизхон сарзаминҳои забткардаашро ба улусҳо ҷудо карда, ба писарони худ: Ҷӯҷӣ, Чиғатой, Ӯктой ва Тулу тақсим карда медиҳад. Ӯктойро ворити тахт таъин мекунад.

Набераи Чингизхон Ботухон солҳои 1227–1242 дар Европаи Шарқӣ ҷангҳои истилогарона бурдааст. Қӯшунҳои ӯ аввал князиҳои Рус, баъд Полша, қисман Сербия ва Булғорияро истило мекунад. Дар сарзаминҳои ишғолкардааш ба давлати Ӯрдаи Тиллоӣ асос гузошта мешавад. Амалиёти ҳарбиро дар Шарқи Миёна ва Осиёи Пеш писари Тулу Ҳулоку идома дод. Вай дар соли 1256 Эронро забт карда давлати Ҳулокуҳоро таъсис дод. Баъди ду сол Ҳулоку ба хилофати Араб хуҷум карда, Бағдодро ишғол мекунад. Муғулҳо дар тӯли зиёда аз се ҳафта шаҳрро ғорат мекунанд ва асарҳои маданият ва санъат нобуд карда мешавад. Онҳо китобхонаи бузурги шаҳрро оташ зада, китобҳоро ба дарёи Даҷла партофтаанд. Мегӯянд, ки ба дарё чунон китобҳои бисёр мепартоянд, ки дарё аз сиёҳии онҳо тира мешавад.

Сипас муғулҳо ба Шарқи Наздик зада даромада, Сурияро ишғол мекунанд ва шаҳри Ҳалабро вайрон мекунанд. Дамашқ хароб шудани Бағдод ва Ҳалабро дида, бидуни ҷанг таслим шуда, маркази ҷаҳонии ислом ба ҷануб – ба Қоҳира кӯчида мегузарад. Дар байни мусулмонон овозаҳои воҳиманок паҳн мешаванд, ки муғулҳо ҷанговар, мағлубнашаванда ва боздошташаванда мебошанд.

Ҳулоку ба Миср сафиронашро фиристода, шарти таслимшавиро мегузорад. Султони Миср ба ин розӣ намешавад. Соли 1260 бо туфайли ҷасорати Султон Сайфиддин Қутуз дар ҷанг мисриён аз болои қӯшунҳои муғулҳо ғалаба карда, юришҳои онҳоро ба Шарқи Наздик ва Африка боздоштанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

### ҒОЛИБИ МУҒУЛҲО

*Сайфиддин Қутуз аз авлоди Хоразмшоҳҳо буда, писари хоҳари Чалолиддини Мангубердӣ буд. Ӯ ба муборизаи муқобили муғулҳо, ба дасти душман асир шуданашонро нахоста, аз маҷбурӣ наздиконашро ба дарё ғарқ кардани Чалолиддинро дида, баъд шоҳиди доду фарёди ӯ шуда буд. Ин хотираи дарднок дар ёди Қутуз як умр боқӣ мемонад. Вай аз муғулҳо ба қасд гирифтан қасам хӯрда, ҳамроҳи охирин Хоразмшоҳ Чалолиддини Мангубердӣ сафар карда, дар ҷангҳои зиёди зидди муғулҳо иштирок кардааст.*

*Аммо пас аз марги фоҷиавии тағояш Қутуз дар бозори ғуломони Дамашқ фурӯхта мешавад. Ӯро як тоҷири ғуломфӯруши мисрӣ барои хидмат дар қӯшуни мамлукҳои султони Миср ал-Солиҳи II харидааст.*

*Қутуз дар мактаби мамлукҳо таҳсил карда, асрори санъати ҳарбиро меомӯзад. Ғуломи собиқ дар қӯшуни мамлукҳо ба мартабаи амири калон расида, то ба мақоми ноиби султони Миср мерасад.*

*Вақте ки ал-Мансур Алии 15-сола ба тахти Миср нишаст, маъмурияти дар амал буда ба дасти васии ӯ Қутуз мегузарад. Қутуз соҳиби лавозими сарфармондеҳи қӯшуни Миср мегардад.*

*Сайфиддин Қутуз бо воситаи торумор кардани муғулҳо дар ҷанги Айн Ҷолут, ки чӣ будани шикастро намедонистанд, ба номи бошарафи "Ғолиби муғулҳо" сазовор мешавад.*

## ШАРҲИ ИСТИЛОҲҲО

**Улус (муғулӣ, *"давлат"*, "халқ", "одамон") - ҳудудҳои ба фарзандони Чингизхон ҳамчун мулк додашуда.**

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Ҳудудҳое, ки муғулҳо зиндагӣ доштанд, дар харитаи бематн қайд кунед.**
2. **Машғулотҳои муғулҳо аз чиҳо иборат буданд?**
3. **Давлати Чингизхон чӣ тавр ба вуҷуд омад?**
4. **Матни "Ғолиби муғулҳоро"-ро таҳлил кунед.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 12-ум



# Ҳиндустон – “мамлакати ҳазор аҷоиботҳо”



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- ҳаёти рӯзмарраи аҳолии Ҳиндустон дар асрҳои миёна;
- давлатҳои Ҳиндустон дар асрҳои миёна;
- дар бораи табақаҳои Ҳиндустон.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**ЁДОВАРӢ НАМОЕД!**

- **Дар сохти ҷамъиятии Ҳиндустони қадим чӣ гуна хусусиятҳои ба худ хос мавҷуд буд?**

## ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ

Ба шумо маълум аст, ки аксарияти Ҳиндустон дар таркиби империяи Кушониён буд. Вақте ки он пароканда шуд, яке аз роҷаҳои Ҳиндустон Чандрагупта (320–340) сулолаи Гуптаҳоро таъсис дод. Дар даври ворисони ӯ дар ҷамъияти Ҳиндустон сохти феодалии заминдорӣ ба вуҷуд омад. Империяи Гуптаҳо дар асрҳои IV–V ҳудудҳои то баҳри Арабистонро муттаҳид карданд.

Мисли бисёр мамлакатҳои Европа ва Осиё, ҳукмдорони Гупта ҳам заминро тӯҳфа карданд, ки дар натиҷа табақаи калони заминдорон, амалдорон ва ҳарбиён ба вуҷуд омад, омад ки ба ғайр аз гирифтани андоз аз аҳолӣ ҳуқуқи истифодаи меҳнати деҳқононро ба даст оварданд.



*Тангаи давлати Гупта*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## СОХТИ ҶАМОА-КАСТАВӢ




Дар Ҳиндустон, ки дар дигар кишварҳои ҷаҳон дида намешаванд, анъанаҳои қадимии сохти каставӣ, нигоҳ дошта мешуд. Дар натиҷа мансубияти ҷамъияти деҳот ба табақаҳои гуногун на аз рӯйи каму беш будани моликияти хусусии он, балки ба кадом табақаи каста мансуб будани шахс чен карда мешавад.

Аввалин тартибҳои табақабандӣ дар Ҳиндустон пас аз истилои ориёни қадим то замони ташкилёбии роҷаҳо рост меояд. Одамон ба кастаҳо бо аломатҳои маълум: касбу кори меросӣ, мансубияти этникӣ ва динӣ, гуногунии урфу одатҳо ва ғайраҳо тақсим мешуданд.

Аъзоёни кастаро аввал касбе муттаҳид мекард, ки аз падар ба писар мегузарад. Аз як каста ба кастаи дигар гузаштан ва никоҳи намояндагони кастаҳои гуногун манъ карда мешавад.

Дар даври оғози асрҳои миёна дар Ҳиндустон ғуломдорӣ низ боқӣ монда буд. Ғуломон аксар вақт хизматгорони хонагӣ буданд. Тибқи эътиқоди ҳиндуҳо, меҳнати ғуломро дар кишоварзӣ низ истифода бурдан мумкин буд. Ба ғайр аз таъмини ғизои ғулом, хӯҷаин бояд соле як маротиба бо сару либос таъмин карданаш лозим буд.

Империяи Гуптаҳо аз ҷиҳати сиёсӣ қавӣ набуд, бинобар ин дар асри VI кишвар дар натиҷаи ҳамлаҳои эфталҳои аз шимолу ғарб омада пароканда мешавад.

### 4 ТАБАҚА ДАР ҲИНДУСТОН



**Браҳманҳо („донишмандон"):** коҳинҳо, омӯзгорон, шифокорон.

**Кшатрияҳо („ҷанговарон"):** ҳарбиён, амалдорҳои давлат, заминдорони калон.

**Вайшиҳо („ҷамоаи озод"):** савдогарон, чорводорон, деҳқонон.

**Шудраҳо („хизматкорон"):** чармгарон, дӯзандагон, чӯпонон, кулолон, мусиқачиён.

**Чандалҳо („ҳазаркунандагон"):** тозакунандаи партовҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Тарзи ҳаёти ҳиндуҳо*

## ДАВЛАТИ ХАРША

Дар аввалҳои асри VII дар қисми шимоли Ҳиндустон империяи нав – империяи Харша ташкил меёбад. Ба ин империя роҷаи Канауҷа Харша (606–647) асос гузоштааст. Ҳудудҳои империя қад-қади водии дарёи Ганг аз шарқи Панҷоб то халиҷи Банголаро дар бар мегирифт.

Харша шоир ва драматург буда, дар қасри худ рассомону шоирони зиёдеро гирд оварда, пойтахти худ – шаҳри Удҷайиниро ба маркази фарҳангӣ табдил медиҳад. Ӯ ҳар сол анҷумани олимони ҷаҳонро гузаронда, ба онҳо тӯҳфаҳои зиёд ҳадя кардааст. Гарчанде ки аҷдодони Харша ҳиндҳо ҳастанд, ӯ дини буддоиро қабул мекунад. Барои бунёд кардани ибодатхонаҳои буддоӣ қувваи калони корӣ ва маблағ ҷудо мекунад.

Дар замони ӯ роҷаҳои Ҳиндустони Марказӣ низ тобеъ карда мешаванд. Роҷаҳои вассалӣ тақрибан чил нафар буданд. Ҳукмронии империяи Харша дер давом накард. Ҳаракати ҷудоиандозии роҷаҳои вассалӣ империяро заиф мекунад. Оҳиста-оҳиста роҷаҳо дар амал мустақил мешаванд. Гарчанде ки давлат пас аз марги Харша заиф шуд, мамлакат то аввалҳои асри XIII ба сифати империяи бузурги охирини Ҳиндустон вуҷуд дошт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУНОСИБАТҲОИ ЗАМИНДОРӢ

Мувофиқи навишти муаррихи хитоӣ Сюан Сзян, ки дар асри VII дар Ҳиндустон буд, он қариб 70 то князиҳои хурду калон дошт. Княз-роҷаҳо дар қасрҳои боҳашамат зиндагӣ мекарданд. Роҷаҳо ба ивази хидматашон ба хешовандон, амалдорон ва ҷанговарони худ замин ҳадя кардаанд. Дар Ҳиндустон дар асрҳои миёна коҳин-браҳманҳо ва ибодатхонаҳо низ майдонҳои заминҳои калон доштанд. Дар сарчашмаҳои оиди ҳамин давр навишта шудааст, ки яке аз роҷаҳо 1400 деҳаро ба ибодатхона ҳамчун молу мулк ҳадя кардааст. Дар ҳоле, ки ба наздиктарин хешовандони роҷа, мансабдорони бонуфуз вобаста ба мансабашон даҳҳо, баъзан садҳо деҳа дода мешуд, ба раҷпути оддӣ (ҷанговар) – низ як ё нисфи деҳа дода мешуд. Замини ҳадяшударо *грасс* (“қатра” ёки “пора”) меномиданд ва ӯҳдадории асосии гиранда ҳамеша омода будан ба хизмати ҳарбӣ, иштирок дар ҷангҳо буд. Роҷаҳо ба мансабдороне, ки ба оилаи онҳо тааллуқ надоштанд, барои давраи муайяни хидмат замин медоданд. Ин намуди заминдориро патта (“замини ба ёрлиқ гирифташуда”) номида буданд. Онҳое, ки хизматҳои алоҳида нишон медоданд, барои мукофотонидан аз замини патта низ истифода мебурданд. Бо афзоиши муносибатҳои мулкӣ заминҳои ба патта додашуда низ ба мулки меросӣ табдил ёфтанд.

Эфталҳои истилогар тадриҷан бо тоифаҳои болоии аҳолии маҳаллӣ омехта шуда, ба кастаи раҷпутҳо асос мегузоранд. Ҳукмдорони раҷпутҳо дар қисмҳои шимолӣ ва марказии Ҳиндустон беш аз 20 князиро ташкил карда, онҳоро ҳамчун роҷаҳо идора кардаанд. Ин князиҳо сарвати беандоза доштанд ва дар бораи хазинаҳои онҳо афсонаҳои зиёде офарида шудаанд. Дар давлатҳои раҷпутҳо дини ҳиндуизм ҳукмрон буд.

### БАРОИ ПУРДОНҲО

*Раҷпутҳо аз авлодҳои эфталитҳои кӯчманчӣ аз Осиёи Миёна ва гуҷаротҳои ашрофони маҳаллӣ буданд. Аксари онҳо дар Раҷпутан (ҳоло Роҷастон) зиндагӣ мекарданд. Бисёре аз роҷаҳои ҳиндӣ низ ба онҳо мансуб будани худро таъкид мекарданд. Ин ҷанговарони ҳиндӣ меҳнати деҳқонон, ҳунармандон ва савдогаронро писанд намекарданд. Онҳо танҳо ба шикор ва кори ҳарбӣ машғул буданд. Ин корҳоро аз хурдсолӣ аз худ кардаанд. Онҳо бадани худро мисли ритсарҳои европоӣ бо зиреҳҳои пӯлодӣ печонда намегирифтанд, балки танҳо зиреҳҳои сабук доштанд. Онҳо силоҳҳои оташфишонро силоҳи тарсончак медонистанд ва танҳо бо шамшер, найза ва ханҷар меҷангиданд. Онҳо ба муқобили душман танҳо ва мардонавор ҷангидаанд. Раҷпутҳо худро аз дигар тоифа ва кастаҳо афзалтар медонистанд. Онҳо қоидаҳои шаъну шарафро муқаррар намуда, онҳоро аз ҳаёт болотар мегузоранд. Қоидаҳои шаъну шараф аз раҷпут талаб мекард, ки нисбат ба сардори худ содиқ, далер, саховатманд ва боахлоқ бошад. Раҷпутҳо ба ҷасади тарсончак калхот ҳам нигоҳ намекунад, гӯён ҳисоб мекарданд. Занони онҳо низ рамзи ҷасурӣ ҳисобида мешуданд. Фарқи онҳо аз ритсарҳои Европаи Ғарбӣ, аксарияти раҷпутҳо бомаданият ва таълим гирифта буданд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Раҷпутҳо*

Ба назар чунин мерасад, ки парокандагии сиёсӣ дар Ҳиндустон дам ба дам бартараф карда шудааст. Аммо ин навъи давлатҳо аз якчанд князиҳо иборат буда, аз сабаби заифии ҳокимияти марказӣ зуд пароканда мешуданд. Роҷаҳо гоҳ иттифоқ мебастанд ва гоҳе ҷангҳо оғоз мекарданд. Дар ҷангҳои байниҳамдигарӣ мамлакат заифгашта, барои истилоҳои нав кишвари қулай шуда мемонад. Аз ҷумла, ҳукмдори Ғазна Маҳмуд дар ибтидои асри XI ба шимоли Ҳиндустон 17 маротиба юришҳои ҳарбӣ кардааст. Ҳамин тавр, мусулмонон дар шимоли Ҳиндустон сукунат пайдо кард ва дар ибтидои асри XIII дар сарзаминхои ишғолшуда султонии Деҳлӣ таъсис ёфт, ки ин воқеа дар ояндаи Ҳиндустон нақши муҳим бозид.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Дар асрҳои миёна ба муттаҳидшавии Ҳиндустон кадом омилҳо халал расондаанд?**
2. **Монандии байни ритсарҳои Европаи Ғарбӣ ва раҷпутҳои ҳинд ва фарқиятҳоро ҷадвал сохта, муқоиса кунед.**
3. **Дар бораи ислоҳотҳои Харша чиҳоро дониста гирифтед?**
4. **Аз харита аниқ намоед, ки дар асрҳои миёна Ҳиндустонро киҳо забт кардаанд.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 13-ум

# Хитой – “Империяи зериосмонӣ”: болоравӣ ва таназзулҳо



*Идоракунии давлатии сулолаи Тан*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- таълимотҳои конфутсӣ, даосизм ва буддоӣ;
- муносибатҳои заминдорӣ дар Хитой;
- дар бораи болоравии шаҳрҳо, ҳунармандӣ ва савдо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Девори Бузурги Хитой

**ЁДОВАРӢ НАМОЕД!**

- **Дар Хитойи Қадим кадом сулолаҳо ҳукмронӣ кардаанд?**

Дар асри V пеш аз милод дар Хитой – таълимотҳои ахлоқӣ-сиёсӣ ва динӣ-фалсафии донишмандон Конфутсӣ ва Лао-сзи қарор ёфт. Дар муносибатҳои байни одамон хитоиҳо ба нишондодҳои Конфутсӣ риоя мекарданд: мувофиқи он барои одам муҳимтаринаш нигоҳ доштани одамигарӣ буд. Барои ин ба таври қатъӣ, бе канорагирӣ ба расму оинҳои (қоидаҳои одоб) эҳодкардаи аҷдодон риоя кардан тавсия карда мешавад. Агар марҳумро бо либоси аз матои шоҳӣ дӯхташуда дафн карданро гӯянд, хешовандони наздик ба пулҳои охирини худ як бурда нон нагирифта, айнан газвори шоҳӣ харид мекарданд. Ҳар кас барои дар ҷамъият мавқеи худро ёфтан, ба суханони калонсолон гӯш андохтан, ба хурдсолон ғамхорӣ кардан ҳаракат мекард. Таваccути асарҳои тарбиявии Конфутсии императорро (писари осмонро), халқро ба инсон дар рӯҳи муҳаббат идора кардан ба некӣ-некӣ ва ба бадӣ бошад, бо адолат ҷавоб додан даъват менамуд.

Дар асри III империяи Хан ба инқироз рӯ ниҳода кишвар заиф гардида, аз шимолу ғарб ҳуҷумҳои қабилаҳои бодиянишини





Тангаи сулолаи Сун



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Ибодатхонаи Конфутсӣ*

турк пурзӯр мегардад. Дар натиҷа, империяи Хан ба се шоҳигарӣ тақсим мешавад. Пас аз чанде даври се шоҳигарӣ анҷом ёфта, мамлакат ба давлати ягона муттаҳид мешавад. Аммо дар асрҳои IV–V дар натиҷаи кӯчидани қабилаҳои кӯчманчии даштҳои шимолӣ ба ҳудудҳои Хитой, дар кишвар парокандагии сиёсӣ ҳукм ронда, империя ба бисёр шоҳиҳои ба ҳам мухолиф тақсим мешавад. Яке аз онҳо шоҳии Вей буда, пойтахти он шаҳри Лоян буд. Дар давраи ин сулола дар Хитой муносибатҳои заминдорӣ инкишоф ёфта, сохти замини чеки давлатӣ ташаккул меёбад. Мувофиқи он императори соҳиби тамоми заминҳои кишвар буд ва заминро ба оилаҳои деҳқонон мувофиқи шумораи одамони қобили меҳнатӣ тақсим мекард. Дар навбати худ, деҳқонон маҷбур буданд, ки як қисми ҳосили худро ба давлат ҳамчун андоз супоранд. Сарфи назар аз як қатор ислоҳот, сулолаи Вей низ натавонист ба парокандагии сиёсии Хитой хотима диҳад.



*Донишманд Лао-сзи*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳуҷуми кӯчманчиён ба кишвар давом карда, хавфи хуҷуми ҳоқонати Турк зиёд мешуд.

Дар ин гуна шароит донишмандони конфутсӣ ва даосизм одамонеро, ки оромиро аз даст додаанд, таскин дода наметавонанд. Суханони умедбахш ба онҳо аз роҳибони буддоии аз Ҳиндустон омада баромадаст. Онҳо фаҳмонданд, ки ҳама ранҷу ситамҳо зиндагӣ ба туфайли хоҳишҳои инсонӣ ба вуҷуд омадааст, инсон хоҳиши худро идора кунад, бадӣ накунад, ба якдигар ёрӣ расонад.

Дар шаҳрҳо баробари ибодатхонаҳои конфутсӣ ва даосизм ибодатхонаҳои буддоӣ сохта мешаванд. Дар ибодатхонаҳои конфутсӣ дар баробари суханони хирадмандонаи Конфутсӣ ҳайкалчаҳои даосизми Лао-сзи ва Буддо паҳлӯ ба паҳлӯ меистоданд.

Ҳамин тавр дар шуури хитоиҳо се таълимот – конфутсӣ, даосизм ва буддизм ба ҳам печида мешавад.

Дар айни замон мамлакатҳои атрофи Хитой, дар Корея, Япония, Ветнам ва Тибет аввалин шаҳрҳо ва давлатҳо ба вуҷуд омаданд. Аз ҳамсояҳои хеле пешрафтаи худ, онҳо хатти иероглифӣ, қонунҳо ва се таълимоти бузургро аз худ кардаанд. Ин таълимот сохтори дунёро назар ба афсонаҳои ибтидоӣ беҳтар шарҳ медоданд. Оҳиста-оҳиста дар Шарқи Дур маданияти беназире пайдо шуд, ки онро тамаддуни Хитой ё Шарқи Дур номидан мумкин аст. Бунёди ин тамаддун аз омезиши конфутсӣ, даосизм ва буддизм буд.



*Конфутсийи донишманд*

## ИМПЕРИЯИ ЗЕРИОСМОНӢ

Аз охирҳои асри VI шоҳигариҳои хурди Хитой аз хавфи ҳуҷуми ҳоқонати Турки дар Осиёи Миёна барпо гардида, муттаҳид мешаванд. Империяи зериосмониро паи ҳам ҳукмдорони сулолаҳои Суй (589–618), Тан (618–907), У Дай (907–960) ва Сун (960–1279) идора кардаанд. Шахсе, ки ба тахти императорӣ менишаст, “фарзанди Худо” – ба писари осмон, ба тамоми ҳукмдори салтанати Зериосмонӣ табдил меёфт.

Одамони оддӣ бо писари осмон танҳо бо зону нишаста, чашмононашонро ба паст нигаронида гап заданашон лозим буд. Суханони император ба қонун табдил ёфтанд. Вай ҳар як деҳқони озодро бо майдони кишти якхела – **80 му** мукофотонид. Фурӯхтани замин ба деҳқон мумкин набуд. Ба ивази ин майдони корам деҳқон як қисми ҳосилро ба давлат ҳамчун андоз супоридан маҷбур буд, боз маҷбурияти меҳнат кардан дар корҳои оммавиро дошт. Онҳо канали Бузургро, ки дарёи Хуанхэ ва Янтзиро ба ҳам мепайвандад, сохтаанд ва дар таъмири девори Бузурги Хитой иштирок намудаанд. Хоҷагидории ба тартиб андохташуда, осоиштагӣ ва интизом афзоиши босуръати аҳолии деҳотро таъмин кард.

Шаҳрҳои калон боз ҳам ривоҷ ёфтанд. Дар роҳҳои сангину ҳамвор ибодатхонаҳо ва қасрҳо қад афрохтанд. Хитоиҳо ба ғайр аз кашфиётҳои қадимӣ (абрешимбофӣ, истеҳсоли коғаз) сири тайёр кардани чинии сафед ва ҳамвор, бо истифода аз тахтачаҳои махсуси иероглиф нақшшуда китоб чоп карданро ва борутро кашф намуданд, компасро такмил доданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Ранги ҷомаи император рамзи сарзамине буд, ки ӯ ҳукмронӣ мекард ва аждаҳо дар гулдӯзӣ осмону заминро ифода мекард.*

## ТАРТИБИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ

Тибқи қонунҳои императорӣ тамоми хитоиҳо ба ҷамоаҳо (дар соҳаҳои кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва савдо) муттаҳид карда мешуданд. Идоракунии ҷамоа, ситонидани андозҳо аз тарафи амалдорони императорӣ ба амал меомаданд.

Осоиштагии кишвар ва пур будани хазина ба беҳбудии меҳнаткашон вобаста буданашро онҳо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд. Аз ин рӯ, тибқи таълимоти конфутсӣ, мансабдор бояд на танҳо марди бомаърифат, балки одами дорои хулқҳои зебо бошад. Вай бояд одами одил, беғараз манфиати халқ аз ҳама чиз даст кашида тавонад.

Шахсони мансабдоре, ки ба чунин талабот ҷавобгӯ мебошанд, тавассути имтиҳони давлатӣ интихоб карда мешаванд. Ҳар як кас имтиҳонҳоро супорида метавонист. Садҳо талабгорон бояд бо иероглифҳои зебо дар бораи санъати идораи давлатӣ иншо навишта, аз асарҳои Конфутсӣ ва дигар донишмандҳо порчаҳоро аз ёд гуфта тавонанд, расму оинҳоро донанд, вазифаҳои инсониро нишон дода тавонистанашон лозим буд. Танҳо беҳтарин инсонҳо унвони амалдорӣ, мансабҳо ва аз ҳисоби андозҳои давлатӣ ҳуқуқи маош гирифтанро ба даст меоварданд. Аксари онҳо ба ҷамоаи деҳот шомил шуда, бо умеди сарпарастии онҳо дар оянда – ба таҳсили кӯдакони лаёқатманд кӯмаки молиявӣ расонидаанд.

Он замон дар байни мардум мақоле пайдо шуда буд: “Ҳукумат чун баҳр чуқур ва суистеъмолиҳо дар он мисли осмон баланд аст”. Дар асрҳои X–XII дар мамлакат аз сабаби суиистеъмол кардани амалдорон ва нарасидани замин шӯришҳои деҳқонон ба амал омаданд. Дар натиҷаи заиф шудани мамлакат соли 1279 ҳукмдори муғулҳо Хубилай онро пурра забт кард.

Чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки давлати Хитой дар асрҳои миёна давлати пурқудрати ба анъанаҳои конфутсӣ такя карда буд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Ҳуҷуми лашкари муғулҳо ба Хитой*

## ШАРҲИ ИСТИЛОҲҲО

**Му – хитой, воҳиди ченаки замин: 1 му тақрибан ба 6 сотих баробар аст.**

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар асрҳои миёна муносибатҳои Хитой бо ҳамсояҳои шимолӣ ва шимолу ғарбии худ–халқҳои кӯчманчӣ чӣ гуна буданд?
2. Дар бораи маданияти асримиёнагии Хитой, ҳаёти деҳқонон ва амалдорон нақл кунед.
3. Идоракунии давлатӣ дар Хитой дар асрҳои III–XIII чӣ гуна сурат гирифт?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 14-ум

# Корея дар асрҳои миёна



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- ба вуҷуд омадани аввалин давлати Корея;
- пайдоиши се шоҳигарӣ;
- дар бораи давлатҳои Когурё, Пекче, Силла ва Корё.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Дарвозаи асосии қасри Кёнбоккун*

## МАМЛАКАТИ ЧОСОН

Мамлакати Чосон (ба корейсӣ, *“таровати субҳидам”*) аввалин давлати корейсҳо буд. Асосгузори давлати мазкур Тангуни афсонавӣ буд, ки ба шоҳии Чосон, ки пойтахташ Пхенян буд, асос гузоштааст. Тибқи ривоят, “писари ҳукмдори осмонӣ шоҳзода Хванун дар кӯҳи Тхебохсан маскани илоҳӣ сохт. Ӯ мардумро таълим дода, ба онҳо касбу ҳунарҳои зарурӣ, аз қабили деҳқонӣ, тиббиёт, дуредгарӣ, бофандагӣ ва моҳидориро омӯзонидааст. Рӯзе шоҳзода дар кӯҳ бо паланг ва хирсе, ки орзуи инсон шудан дошт вохӯрда ба онҳо чунин гуфт: “Ҳар кӣ сад рӯз дар кӯҳистон зиндагӣ кунад, танҳо эрмон (гиёҳ) ва сирпиёз бихӯрад, орзуяш ҳатман амалӣ мешавад”.

Пас аз иҷрои шарт хирс ба духтар табдил ёфт ва Хванун ба ӯ хонадор шуда, соҳиби писаре бо номи Тангун шуд. Вақте ки ҷавон ба воя расид, дар Пхенбин (Пхенян) ба **давлати Чосон** асос мегузорад. Корейсҳо давраи Тангунро даври ташаккули халқи корейс ҳисоб мекунанд.

## ДАВРИ СЕ ШОҲӢ

Давлати қадимии Чосон дар асри I пеш аз милод дар натиҷаи низоъҳои дохилӣ, зиддиятҳо ва ҷангҳо бо хитоиҳо пароканда шуда, ба се шоҳӣ – Пекче, Силла ва Когурё тақсим мешавад. Муаррихони корейс онро *“даври се*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*шоҳӣ”* меноманд, ки ин давр қариб ҳафт аср давом мекунад. Ба ҳукмронии дарозмуддати ин давлатҳо муҳити сиёсӣ, шахсияти таърихӣ ва умумияти маданият дар нимҷазира таъсир расонидааст.

Аҳолиро одатан ба ду тоифа тақсим мекарданд: аҳолии озод ва ғуломоне, ки дар ҷанг асир шудаанд. Онҳое, ки ба тоифаи ғуломон дохил мешуданд, одатан мӯяшон кӯтоҳ гирифташуда, ҳамеша таҳти назорат буданд.




## ШОҲИИ КОГУРЁ

Аз асри I пеш аз милод дар натиҷаи муттаҳид шудани қабилаҳои Кореяи Шимолӣ аз нав шоҳиҳо барқарор мегарданд. Яке аз онҳо – Когурё дар шимолу ғарб дар асрҳои I–II ба давлати тавоно табдил ёфт. Муассиси он Ҷумонг (Тонмён) буд. Дар ибтидо пойтахти Когурё қалъаи Куннесон буд, дар асри V ба Пхенян кӯчонида шуд. Қӯшуни шоҳии Когурё бо рӯҳияи ҷангии худ фарқ мекард. Онҳо паи ҳам ҳудудҳои ҳамсояро забт карданд. Дар ибтидои асри IV Когурё хитоиҳоро аз ҳудуди худ комилан пеш карда, ба давлати аз ҳар ҷиҳат тараққикардаи тавоно табдил ёфт. Мақоми баланди ашрофон дар Когурё боиси паст шудани обрӯи подшоҳон гардид. Шоҳӣ маъмулан кори на бештар аз панҷ ё шаш нафар аъзои бонуфузи хонавода буд ва агар ҳукмдор хостори истиқлол бошад, иваз кардани ӯ кори душвор набуд. Когурё бо мақсади васеъ намудани ҳудудҳои худ ва нигоҳ доштани истиқлолияти худ на танҳо ба муқобили шоҳиҳои ҳамсояи нимҷазираи Корея, балки ба муқобили сулолаҳои Хан, Суй ва Тан дар Хитой муборизаи беамон мебарад. Бо вуҷуди ин, дар соли 668, Когурё аз ҷониби сулолаи Тан забт карда шуд ва қисми зиёди қаламрави он ба Хитой ва сето заминҳои хурди дар ҷануб буда ба шоҳии Силла гузашт.

## ШОҲИИ ПЕКЧЕ

Дар қисми ҷанубии нимҷазираи Корея дар асрҳои III–IV давлати Пекче ташкил ёфт. Шоҳии Пекче дар асри IV ба давлати мутамарказ табдил ёфт. Аввалин тасвирҳои буддо дар даври шоҳии Пекче ба Япония рафта мерасад. Дар асрҳои миёна табибон, ҳунармандон ва олимони Пекче ба ташаккули асосҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Японияи ҳозира таъсири калон расониданд. Ҳатто олими пекчегӣ Ван Ин ба шоҳзода, ки ворисӣ тахти Япония буд, устодӣ намудааст. Ба воситаи ҳукмдорони сулолаи Пекче хатти хитоӣ–иероглифҳо ва буддизм ба Корея ворид мешавад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ШОҲИИ СИЛЛА

Шоҳии Силла дар қисми ҷанубу шарқии нимҷазираи Корея ҷойгир шудааст. Аввал дар байни се шоҳӣ шоҳии Силла аз ҳама заиф ва суст тараққикарда буд. Соли 668 шоҳии Силла бо сулолаи Тани Хитой иттифоқ баста, нимҷазираи Кореяро дар зери ҳокимияти худ муттаҳид мекунад. Аммо Корея ба Хитой боҷ супурда меомад. Муттаҳид шудани мамлакат барои ташаккулёбии молу мулк дар Корея аҳамияти калон дошт. Хотима гузоштан ба ҷангҳои дохилӣ, таъмини сулҳ бо давлатҳои ҳамсоя дар мамлакат барои пеш рафтани қувваҳои истеҳсолот роҳ мекушояд. Дар миёнаҳои асри VIII даври тилоии шоҳии Силла оғоз мешавад. Дар ҳамин давр давлат ба қуллаи баланди тараққиёт ва қудрати худ мерасад.

*Ван Гон – асосгузори давлати Корё*

## ШОҲИИ КОРЁ

Баъди пароканда шудани се шоҳӣ сарлашкар Ван Гон ба шоҳии Корё асос гузошт. Ин сулола мамлакатро дар солҳои 918–1392 идора мекунад. Дар ин давр пойтахти ин давлат шаҳри Сонак (ҳоло шаҳри Кесон дар Кореяи Шимолӣ) буд. Ван Гон дар назди худ мақсад “гузошт”, ки ҳудудҳои шоҳии Когурёо, ки дар шимолу шарқии Хитой монда буд, баргардонад. Аммо ин вазифаро амалӣ карда натавонист. Дар ибтидои асри XIII шоҳии Корё аз муборизаҳои байниҳамдигарӣ заиф мегардад. Муғулҳои аз он истифода бурда, соли 1231 шоҳии Корёро истило мекунанд.



*Тангаи шоҳии Корё*

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Ба назари шумо ривоятҳо дар бораи аз ҳайвонот ба одамон табдил ёфтан дар кадом марҳилаи таърихии инсоният пайдо шудааст?**
2. **Шумо дар бораи се шоҳӣ чиҳоро дониста гирифтед?**
3. **Чаро шоҳиҳои корейс: Чосон, Пекче, Силла, Корё аз ҷиҳати сиёсӣ заиф буданд?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 15-ум

# Мамлакати офтоббаро – Япония дар асрҳои миёна



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- ҷойгиршавии Япония дар ҷазираҳо ба таърихи он чӣ тавр таъсир расонд;
- дар Япония давлати феодалӣ чӣ тавр ба вуҷуд омад;
- дар бораи киҳо будани самурайҳо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Табиати Япония (кӯҳи Фудзияма)*

## ҶОЙГИРШАВИИ ГЕОГРАФИИ ЯПОНИЯ

Сабаби ҷойгиршавии Япония дар ҷазираҳо аз дигар кишварҳо ҷудо будани он ва сарфи назар аз муҳофизати табииаш аз мардуми кӯчманчӣ таҳти таъсири Хитой қарор дошт. Бо вуҷуди ин, рушди фарҳангии он бо бисёр хусусиятҳо фарқ мекунад.

Япония дар шарқи Хитой ва Корея дар якчанд ҳазор ҷазираҳо ҷойгир аст (чортои онҳо калон аст). Иқлими он барои кишоварзӣ мусоид буда, аммо бартараф кардани мушкилотро талаб мекард. Азбаски аксари ҷазираҳо аз кӯҳҳо иборат буд, майдонҳои замини корам кам буд. Япония бо манзараҳои зебои худ ҷудо шуда меистод. Бинобар ин японҳо зебоиро ба таври аҷиб эҳсос намуда, онро дар шеъри зебо ва санъати тасвирӣ, аз гулҳо (икебана) гулдастасозӣ ва дар бунёди боғҳо нишон додааст. Дар

### МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Санъати боғбарпокунӣ дар Япония хеле ривоҷ ёфтааст. Илова ба боғҳои азими сайркунанда, боғҳои зебо мавҷуд буданд, ки онҳоро танҳо аз хона дида лаззат бурдан мумкин буд. Дар ҷой ҳои хушманзара павилонҳои санъаткорона коркардшуда низ сохта шудаанд. Дар байни онҳо машҳуртаринаш – “Павилони тиллоӣ” ҳисобида мешавад, ки боми он бо пластинаҳои тунуки тиллоӣ пӯшонида шудааст. Аксари боғбонҳо роҳибони буддоӣ буданд. Онҳо дар сохтори боғ ба ифода намудани ғояи буддоӣ “ҳақиқат тавассути фаҳмиши табиат ба даст меояд” ҳаракат мекарданд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



таърихи мамлакат ҷойгиршавии географӣ ҷиҳатҳои зиёдеро муайян кардааст. Ҷойгиршавии он дар ҷазираҳо ҳамчун воситаи боэътимоди муҳофизат аз ҳамлаҳои кӯчманчиён, ки ба таърихи дигар кишварҳои Шарқ таъсир расонидааст, хидмат мекард. Баҳр япониҳоро бо ғизо таъмин мекард, аммо сунамиҳои укёнусӣ шаҳрҳо ва деҳаҳои соҳилиро борҳо вайрон карданд. Мамлакат аз дигар офатҳои табиӣ – зилзила ва таркиши вулқонҳо низ ҷабр дидааст. Дар тӯли асрҳо японҳо ба офатҳои табиӣ тоб оварданро омӯхта, дар худ малакаҳои меҳнатдӯстӣ ва интизомро ташаккул доданд.

Аҷдодони японҳо аз қитъаҳо ба ҷазираҳо муҳоҷират карда, қабилаҳои маҳаллиро, ба мисли айнҳо, ки дар ҷазираи шимолии Хоккайдо зиндагӣ мекарданд, пеш кардаанд. Онҳо аз хитоиҳо чой, шолӣ, дастовардҳои тиб, корҳои ҳарбӣ, иероглифҳо ва ғайраро омӯхтанд. Буддизм, ки аз Хитой мегузарад, бо динҳои анъанавии Япония омехта шудааст.

Мамлакат аз асри VII бо номи Ниппон (японӣ “мамлакати офтоббаро”) номбурда мешавад. Иероглифҳои ифодакунандаи ин ном дар ҷануби Хитой “я пон” хонда мешаванд. Айнан аз ҳамин сабаб дар забонҳои рус ва Европа номи “Япония” бар меояд.

*Минамото но Ёритомо – аввалин сёгуни Камакура*

## ТАРАҚҚИЁТИ БА ХУД ХОСИ МАМЛАКАТ



Дар Япония дар асри IV иттифоқи қабилаҳо ташкил ёфта, он ҳамчун асоси давлати оянда хизмат мекард. Тибқи ривоятҳо пешвои иттифоқ аз авлоди маъруфи илоҳи офтоб паҳн гардидааст. Вакилони заминии илоҳ унвони император (микадо)-ро гирифта, бо гузашти вақт қариб дар тамоми Япония ҳукмронии худро барқарор мекунад. Императорҳо мақоми баланд доштанд, вале ҳокимияти воқеӣ надоштанд. Одатан давлатро аз номи онҳо мулкдорони аз ҳама калон – **даймёҳо** идора мекарданд. Ин навъи ҳукмдорони олии ҳарбӣ аз асри XII унвони ***сёгунро*** доштанд.

Сохти идоракунӣ дар Япония аз сохти идоракунии давлати Хитой куллан фарқ мекард ва он на танҳо дар заифии император буд. Дар мамлакат табақаи ашрофон хеле пурзӯр буда, дар бисёр ҳолатҳо амалдорон нисбат ба император бештар ба онҳо вобаста буданд. Гоҳ-гоҳ ҳокимияти марказӣ суст шуда, дар мамлакат мисли Европа парокандагии сиёсӣ ҳукм меронд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## САМУРАЙҲО

Дар хизмати даймёҳо ҷанговарони ҳарбӣ – самурайҳо буда, бо мурури замон як табақаи пӯшидаро ташкил мекунанд. Дар аввал онҳо барои хидматашон молу мулк гирифтааанд, ки баъдтар дар набудани инъоми замин дар хонаи хӯҷаинашон, дар таъминоти ӯ зиндагӣ мекарданд.

Кори ҳарбӣ барои самурайҳо касб ва шуғли меросӣ мегардад. Аз бисёр ҷиҳат онҳо ба ритсарҳои европоӣ монанд буданд. Ҳаёти самурайҳо ба қонуну қоидаҳои нонавишта ***(бусидо)***: ба ғояҳои садоқат ба вазифаи худ, далерӣ ва садоқатмандӣ асос ёфта буд.

Онҳо дар давоми тамоми ҳаёти худ маҳорати ҳарбии худро такмил дода, онро ба дараҷаи баланд бардоштанд. Самурайҳо вазифаи худро аз ҳаёти худ болотар медонистанд. Агар онҳо хӯҷаинони худро гум кунанд ё рафтори ношоиста кунанд, худашонро мекуштанд.

Дар охири асри XIII Японияро муғулҳо, бо ёрии флоти киштиҳои ҳарбии Хитой барои забт кардан ҳаракат мекунанд. Ба нақшаи муғулҳо дар аввал тӯфони баҳр монеъ шуда бошад, баъдтар бо туфайли то охир бо қатъият ҷанг кардани самурайҳо, нақшаи забт кардани Япония аз тарафи муғулҳо амалӣ намегардад.



Ҷанговари Япон



Юриши ҳарбии японҳо

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Ҷойгиршавии географии Япония ҳолати мусбат аст ё баръакс, фикр карда ҷавоб диҳед.**
2. **Дар Япония давлати феодалӣ кай ба вуҷуд омад ва ба худ хосии он дар чист?**
3. **Дар бораи самурайҳо чӣ дар хотир доред?**
4. **Маълумотҳои иловагии оиди аҳолии Япониян асримиёнагиро аз интернет гиред.**
5. **Ба фикри шумо кадом ҷиҳати хулқу атвораш ба самурай муҳим ҳисобида мешавад?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 16-ум

# Америка дар асрҳои миёна



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- ворид шудани қабилаҳои гуногун ба қитъаи Америка;
- ба вуҷуд омадани давлатҳои Майя, Атстек ва Инк;
- дар бораи маданияти аҳолии Америка.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Манзараи шаҳри майяҳо*

## ТАРАҚҚИЁТИ ХОҶАГӢ

Бино ба фикри олимон, ба қитъаи Америка аввалин одамон дар даври яхбастаи бузург аз ин 40000 сол пеш аз Осиёи Шимолӣ ба воситаи гулӯгоҳи ҳозираи Беринг гузаштаанд ва ин ҷараён дер давом кардааст. Дар натиҷа дар ин ҷойҳо то омадани европоиҳо низ қабила ва халқиятҳои сершумор зиндагӣ мекарданд. Қисми асосии ин қабилаҳо бо шикор ва моҳидорӣ машғул буданд. Вале дар ҳудудҳои кӯҳӣ ва назидикӯҳии Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ ба вуҷуд омада, хеле тараққӣ кардаанд. Дар ин ҳудудҳо қабилаҳои **кечуа, майя, атстек, олмек** ва **толтекҳо** зиндагӣ мекарданд. Онҳо бо сангтабарҳо дарахтони ҷангалро бурида, шоху барг ва хокистари онро ҳамчун нурӣ истифода мебурданд. Дар ин ҷо ҷуворимакка, картошка, офтобпараст, помидор, какао, тамоку, ки ба европоиён номаълум аст, парвариш мекарданд.

Дар қисми калони Америка ҳайвоноти хонагӣ набуд. Баъдтар аз Европа ба қитъа асп, гов, гӯсфанд ва буз оварда шуд. Онҳо аз ҳайвоноти хонагӣ: дар шимол сагро ва дар ҷануб ламаи ба оилаи шутурҳо мансубро парвариш мекарданд. Дар хоҷагӣ аз паррандагон мурғи марҷон ва мурғобӣ нигоҳ дошта мешуд.

**ФИКР КУНЕД ВА ХУЛОСА БАРОРЕД!**

*Аксарияти аҳолии Америка дар ҷамоаҳои қабилавӣ зиндагӣ мекарданд. Танҳо майя, атстек ва кечуаҳо, ки бо деҳқонӣ машғул буданд, давлати худро барпо карда буданд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Сабтҳои деворӣ оиди майяҳо

***Навишти пиктографӣ*** *(лотинӣ* ***pictus*** *– “расмдор” ва юнонӣ* ***grapho*** *– “менависам”, яъне навишти расмӣ) – як навъи хатест, ки мазмуни уму мии маълумотро тавассути расм ё пайдарпаии расмҳо ифода мекунад.*

Ҳиндуҳои Америка оҳан, омоч, чарх, силоҳҳои оташфишониро намедонистанд. Олотҳои меҳнатӣ ва шикории онҳо аз сангу мис ва чӯб сохта шудааст. Қисми зиёди аҳолӣ дар ҷамоаи авлодӣ зиндагӣ мекарданд.

## ДАВЛАТИ МАЙЯҲО

Дар нимҷазираи Юкатани Америкаи Марказӣ (Мексикаи ҳозира) аз қадим халқҳои майя зиндагӣ мекарданд. Дар ҳазорсолаи якуми милодӣ дар майяҳо шаҳр-давлатҳо ташкил ёфтанд. Ҳар кадоми онҳоро ***“инсони бузург”*** — ҳукмдор идора мекард, ҳокимияти он меросӣ буд.

Тараққиёти иқтисодӣ-мадании майяҳо дар ибтидои асри милодӣ имкони офаридани хатро медиҳад. Коҳинон иероглифҳоро бо қилқалам навишта, бо расмҳо оро медоданд. Дар ҳаёти майяҳо коҳинон нақши муҳим мебозиданд. Онҳо мӯҳлати кори аъзоёни ҷамоаро дар деҳқонӣ муайян кардаанд. Майяҳо яке аз тақвимҳои дақиқтаринро офаридаанд. Аломати “сифр”-ро дар математика пеш аз ҳиндҳо майяҳо ҷорӣ карда буданд. Дар пойтахти мамлакат **Чичен-Итса** расадхона сохта шудааст. Дар он коҳинон вақти гардиши сайёра дар атрофи Офтобро ҳисоб карда баромадаанд ва гирифтани Офтоб ва Моҳро пешгӯӣ мекарданд.

Майяҳо теппаҳои махсус сохта, дар пояҳои баланд аҳромҳои зинапоядори худ, қасру ибодатхонаҳо сохтаанд. Қасру ибодатхонаҳо тиреза надошта, онҳоро бо воситаи дарҳо равшан мекарданд. Кӯчаҳои ҳамвору равони шаҳр аз санг сохта шудааст.

## ДАВЛАТИ АТСТЕКҲО



Дар ҳудуди Мексикаи ҳозираи Америкаи Марказӣ ҷой гирифтааст. Дар ин ҷой **атстекҳои** аз шимол омада, дар ҷазираҳои байни кӯли калон дар асри XII ба шаҳри **Теночтитлан** асос гузоштанд, онҳо сарбандҳои сунъӣ, ибодатхонаҳо ва қасрҳо сохтанд.

Аз сабаби кам будани замин дар атстекҳо аз қаъри кӯл растаниҳои обӣ ва лойи ҳосилхезро бардошта, *“даштҳои шиновар”* офарида буданд. Аз ин киштзорони ба худ хос соле чанд бор ҳосил мегирифтанд.

Атстекҳо ҷамоаи авлодӣ шуда зиндагӣ мекарданд. Сардорони ҷамоа интихоб карда мешуданд. Майдонҳои кишт ба аъзоёни ҷамоа тақсим карда мешуд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Пирамидаи майя*

Аз байни намояндагони қабилаи ҳукмрон **тлатоанӣ** - сарлашкар интихоб мешуд, ки вай дар баробари ҳукмдори олӣ буданаш вазифаи саркоҳиниро низ адо мекард.

Асоси хоҷагии атстекҳоро деҳқонии обёришаванда ташкил медод. Ҷуворимакка зироати муҳимтарини онҳо ба шумор мерафт, ки аз он ҳосили фаровон мегирифтанд.

Дар байни атстекҳо аз соҳаҳои ҳунармандӣ кулолгарӣ, бофандагӣ, тайёркунии ашёҳои мисӣ ва заргарӣ тараққӣ карда буд. Аз сабаби маъдани оҳан бехабар буданашон, сохтани табару кордро аз санг давом медоданд. Заргарҳо ба сангҳои қиматбаҳо сайқал дода, нақшҳо (мозаика) сохта, деворҳои қасру ибодатхонаҳоро оро медоданд. Ҳунармандони атстек махсусан, дар сохтани зарфҳои нақшин, матоъҳои аҷоиб ва аз парҳои паррандаҳо дӯхтани гулдӯзии мисли пари товус ҷилодиҳанда моҳир буданд.



Бинокорон сарбандҳо, каналҳо, дар болои сутунҳои аз хишти хом ё аз санг сохташуда биноҳо бунёд мекарданд. Дар бозорҳо савдо тавассути мубодилаи мол хеле инкишоф ёфта буд.

Тақвими офтобии худро дар асоси ихтирои майяҳои ҳамсоя сохтаанд. Навишти пиктографӣ ташаккул ёфтааст. Дини атстекҳо ба бисёрхудоӣ асос ёфтааст. Дар байни мардум рӯҳониёни ибодатхона эҳтироми баланд доштанд.

Дар пойтахт Теночтитлан барои фарзандони ашрофон ва фарзандони мардуми оддӣ мактабҳои алоҳида вуҷуд дошт. Дар мактабҳои барои фарзандони халқ деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва кори ҳарбӣ омӯзонида мешуд. Фарзандони ашрофон асосҳои таърих, ҳуснихат, хониш, ҳисобкунӣ, астрономия, шеърият ва санъатҳои нотиқиро меомӯхтанд. Ҳар сол дар Теночтитлан озмуни шоирону сарояндагон, ки гимн ва қисса менависанд, баргузор мешуд ва ғолибон мукофотонида мешуданд.

*Даштҳои шиновар*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҷанговари инк



## ДАВЛАТИ ИНКҲО

Давлати Инкҳо дар воҳаҳои нишебиҳои Анди Америкаи Ҷанубӣ ташкил ёфт. Инкҳои ба забони кечуа мансуб дар асрҳои XII–XIII дар ҳавзаи дарёи Урубамба ба шаҳри Куско асос гузоштанд.

Инкҳо заминҳои қабилаҳои дигарро ишғол карда, ҳокимияти худро дар ҳудудҳои аз кӯҳҳои Анд то уқёнуси Ором барқарор мекунанд. Ин давлатро Инкаи олӣ идора мекард. Ӯ *"писари офтоб"*, рамзи заминии офтоб буд. Аҳолӣ ба қувваҳои гуногуни табиат, худоҳои замину об низ эътиқод мекарданд. Инкҳо тартибот ва фарҳанги худро ба сокинони сарзаминҳои ишғолшуда мегузарониданд. Дар натиҷа истилоҳи *"инк"*, ки аслан номи қабила буд, ба номи умумии табақаи ҳукмрон – ашрофон табдил ёфт.

Аҳолии ғайриинк ҳамчун ҷамоа зиндагӣ мекард ва барои табақаи ҳукмрон кор мекард. Ҷамоа аз оилаҳои деҳқонон иборат буд, ки ҳар яки онҳо майдони муайяни замин доштанд. Ҷамоаҳо аз 2/3 ҳиссаи ҳосилро ба давлат ва ибодатхонаҳо месупурданд. Гарчанде ки дар кишвар ғуломии расмӣ вуҷуд надошт, аъзоёни ҷамоа бераҳмона истисмор мешуданд, амалан беҳуқуқ буданд.

Ҳудудҳои кӯҳӣ барои кишт номувофиқ буданд. Дар натиҷаи ҳамин мардони ҷамоа нишебиҳои кӯҳҳоро канда, ба рӯйи сангҳо хоки ҳосилхез мепошиданд. Барои он ки хокҳои чунин киштзорҳоро борон шуста набарад, атрофашро бо деворҳои сангин иҳота мекарданд. Зироатҳои асосии инкҳо картошка ва ҷуворимакка буд. Деҳқонон инчунин каду, пахта, ананас ва банан парвариш мекарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Шаҳри инкҳо Мачу Пикчу – "Кӯҳи кӯҳна"

## ФИКР КУНЕД ВА ХУЛОСА БАРОРЕД!

*Ҳосили дар Инкҳо парваришшуда ба се қисм тақсим карда мешуд: як қисм ба коҳинони ибодатхона дода мешуд, қисми дуюм ба Инкаи олӣ ва қисми сеюм ба ҷамоа гузошта мешуд. Маҳсулотҳои озуқаворӣи дар анборҳои давлат ҷамъшуда ба қӯшун ва амалдорон дода мешуд. Дар солҳои ҷанг, беҳосилӣ ё офатҳои гуногуни табиӣ аз захираи давлатӣ ба ҳамаи осебдидагон ҷуворимакка ва картошкаи хушк тақсим карда мешуд.*

Чорводорӣ низ дар хоҷагӣ роли калон мебозид, ламаҳо ва алпакаҳоро на танҳо барои гӯшту пашм парвариш мекарданд, балки барои кашондани борҳо ҳам истифода мебурданд. Дар инкҳо хусусан, соҳаҳои кулолгарӣ, заргарӣ, бофандагӣ, рангу-борӣ ва сохтмон тараққӣ карда буд.

Барои пойтахт Кускоро бо вилоятҳо пайвастан, дар масофаи 15 ҳазор километр роҳҳои сангин сохта шуда, дар байни вилоятҳо хизмати почта ташкил карда шуда буд. Чопарҳои махсус ба сӯйи ҳамдигар давида ба якдигар то масофаҳои дур хабар мерасониданд.

Фарзандони ашрофон дар мактабҳои махсус таҳсил мекарданд. Аз сабаби набудани навиштан, бачаҳо маълумотро дар бораи дин, тартиби идоракунӣ, қонунҳо ва урфу одатҳои инкҳоро аз ёд мекарданд. Инкҳо **хати гиреҳдор** (кипу) доштанд, ки сирри он танҳо ба рӯҳониён маълум буд.

Инкҳо оиди математика, астрономия, география, тиббиёт ва ботаника дониши зиёд доштанд. Тақвими дақиқи онҳо ба 12 моҳ тақсим шудааст. Табибон чӣ гуна гузаронидани муолиҷаҳои ҷарроҳии косахонаи сари одамро медонистанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Дар бораи машғулотҳои аҳолии маҳаллии Америка нақл кунед.**
2. **Дар бораи таърих ва фарҳанги майяҳо чиҳоро медонед?**
3. **Атстекҳо кистанд? Дар бораи онҳо нақл кунед.**
4. **Давлати Инкҳо кай ва дар куҷо ба вуҷуд омадааст?**
5. **Хусусиятҳои хоси мардуми Америка дар соҳаи маориф дар чиҳо инъикос ёфтааст?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Базиликаи Сан Витале

Базилика (юн. basilike – “бинои шоҳона”) аз ҷониби епископ Экклезий дар солҳои 527–548 дар Равенна (дар Италия) сохта шудааст. Вай намуна нодири меъмории санъати Византия дар Европаи Ғарбӣ ба шумор меравад.



## Асрҳои миёна Шаҳрҳои Европа

Ҳар як шаҳр собор, бозор ва қасрҳои мустаҳкам дошт. Дар беруни деворҳои шаҳр деҳаҳо, боғҳои мевадор, майдонҳои кишти аҳолии шаҳр буданд.



## Ҷанги Антиохия

20-октябри соли 1097 дар байни салибчиён тахти фармондеҳии Бегемонди I ва қушӯни амири Мосул Кербо барои Антиохия ҷанг ба амал меояд.

...предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Узбекистана на сайте UZEDU.org



# БОБИ III

# ТАҒЙИРОТҲО ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА МАДАНИИ ХАЛҚҲОИ АСРҲОИ МИЁНА





Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 17-ум

# Дар асрҳои миёна дар олами насронӣ тағйиротҳои содиршуда



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД!**

- пахншавии дини насронӣ ва чараёнҳои он;
- тақсимшавии калисои насронӣ ва сабабҳои он;
- муносибатҳои байни калисо ва давлат;
- дар бораи муборизаи зидди атеизм.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Роҳибони калисои асримиёнагӣ*

## ПАҲН ШУДАНИ ДИНИ НАСРОНӢ ДАР ЕВРОПА

Дар байни қабилаҳои германӣ дини насронӣ аз асри IV паҳн шудан гирифт. Дар охири асри V шоҳи Франкҳо Хлодвиг дини насрониро қабул кард. Роҳибони боғайрати дар дайрҳои Англия ва Ирландия ба воя расида, ба дурдасттарин гӯшаҳои Европа сафар карда, аҳолиро ба дини насронӣ гузарониданд.

Руси Киевӣ ва Булғория дар охири асри X мазҳаби православии насрониятро аз Византия қабул карданд.

Дини насронӣ дар Европа аз асри IV сар карда паҳн шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ТАҚСИМШАВИИ КАЛИСО

Ба империяи Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим шудани империяи Рим ба ҷудошавии калисо оварда расонд. Бо дастгирии шоҳ Франк дар соли 756 дар Италия давлати папаҳои Рим, **вилояти Папа** ташкил карда мешавад. Калисои Византия ба ташкилоти динии тобеи давлат ва аз тарафи Патриархи Константинопол идорашаванда табдил меёбад.

Рақобат барои ба зери таъсири худ даровардани булғорҳо дар Европаи Шарқӣ расман ҷудошавии калисоро ба католики ғарбӣ ("ҷаҳон") ва православи шарқӣ ("дини соф", "эътиқоди ҳаққонӣ") оварда расонд. Аз соли 1054 то имрӯз калисоҳои рим – католикӣ ва юнон – православӣ фаъолияти мустақилона бурда истодаанд. Дар Ғарб вазъи калисо ба лотинӣ, дар Шарқ ба юнонӣ хонда мешуд. Агар калисои католикӣ ба ҳамаи рӯҳониён хонадор шуданро манъ карда бошад ("селебат"), дар православҳо фақат ба роҳибон иҷозат дода намешуд.






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## КАЛИСО ВА ДАВЛАТ

*Тартиби индулгенсия*

Муносибатҳои заминдорӣ, ки дар асри V дар Европа сар шуд, калисоро низ фаро гирифт. Сеяки ҳосил дар дасти ибодатхонаҳо ва дайрҳо ҷамъ мешуданд. Садҳо ҳазор деҳқонони тобеи калисо аз калисо ба иҷора замин гирифта, дар ин заминҳо, ки аз андозҳои давлатӣ озод буданд, кор мекарданд.

Ғайр аз ин калисои насронӣ аз аҳолӣ ба миқдори даҳяки ҳосил андоз меситонд. Аҳолӣ инчунин барои тамъиду никоҳи фарзанд, гузаронидани маросим, таъзияи марҳум ва дигар оинҳо пул медод. Қисми зиёди даромади калисо ба хазинаи папаи Рим фиристода мешуд. Илова бар ин, калисои католикӣ аз ҳисоби **индулгенсияҳо** (лотинӣ, “авф”) – шаҳодатномаҳое, ки аз ҷониби папа ба одамон барои авфи гуноҳҳои содиркардаашон ва ҳанӯз содирнашуда фурӯхташуда, ё барои хидматҳои ба калисои католикӣ расонидашуда дода мешуд, ғанӣ мегардид.

Дар Европа калисо ба ташкилоти муҳими давлат табдил ёфта, ба фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодии он дахолат мекард ва ҳамчун суд хизмат мекард. Ҷазои аз ҳама сахти калисо *интердикт* – муваққатан манъ кардани ибодат ва маросимҳо дар кишвар буд.

Дар давраи папагии Иннокентийи III (1198–1216) калисои католикӣ ба авҷи қудрати худ расид. Суханони папа: *“Чуноне ки моҳ нури худро аз офтоб мегирад, ҳокимияти шоҳӣ низ ҷилояшро аз папа мегирад”* дар амал буд. Папаи Рим ҳукмдорони герман, франсуз ва англисро ба воситаи интердикт тавбаю тазарру мекунонид. Папа дар гузаронидани ҳукми худ ба аҳолӣ ба роҳибон такя мекард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ДАҲРИЁН

Ононе, ки ба муқобили калисо ва таълимоти он мебаромаданд, еретикҳо (юнонӣ, "даҳриён") номида шуданд. Чунин одамоне, ки худро "насрониёни соф" меномиданд, ба сарват ва расму оинҳои бодабдабаи калисо муқобилат карда, ғояҳои калисои соддаро ҷонибдорӣ мекарданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки калисои католикӣ сарвати зиёд ҷамъ оварда, ба силоҳи шайтон табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин калисо аз сарватҳо даст кашида, "аз роҳи адолат ва ҳақиқат", ки ҳавориҳои Исои Масеҳ пайравӣ мекарданд, рафтанашон зарур гуфта ҳисоб мекарданд. Бар хилофи эътиқоди ҷамоат, "насрониёни соф" эълон мекунанд, ки рӯҳониён лозим нестанд ва ҳар кас мустақилона ба Худо муроҷиат карда метавонад. Бисёре аз сокинони шаҳр, деҳқонон ва ҳатто ритсарҳо калисои католикиро тарк карда, бо ҷамоаи "насрониёни соф" ба иҷрои маросимҳо шурӯъ кардаанд. Дар чунин шароит папа суди калисо – инквизитсия (лотинӣ "ҷустуҷӯ") ташкил кард, ки ба муқобили еритикҳо мубориза мебурд. Инквизитсия, ки душманони калисои насрониро ҷустуҷӯ мекард ва ҷазо медод, махсусан дар замони ҳукмронии Папа Григорийи IX (1227–1241) авҷ мегирад.

**ФИКР КУНЕД ВА ХУЛОСА БАРОРЕД!**

*Инквизиторҳо, ки барои боздошт ва ҷазо додани еретикҳо омада буданд, аҳолии шаҳрро ҷамъ оварда эълон карданд, ки ҳар кас метавонад дар давоми чанд рӯз ихтиёран ба гуноҳи худ тавба кунад. Дар ин ҳолат, шахсро ҷазои сабук инти зор мешуд: тамоми умр аломати хочро андохтан, ҳар рӯзи якшанбе дар калисо бо чӯб калтак хӯрдан ва ба зиёрати маконҳои муқаддас ба муддати дароз рафтан.*



*Папаи Рим Григорийи IX*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Дар суди инквизитсия нафаре ба шиканҷаҳо тоқат карда натавониста, ба даҳригиаш иқрор шавад, вай ба ҷазоҳои маҷбурияти хидмати калисо, ҳабси абад ё дар сутун баста сӯзондан ҳукм карда мешуд.*

*Инквизиторҳо барои хизматҳои шахсони иҷрокунандаи ҷазо ва ҳамаи чизҳои зарурӣ барои қатл намудан аз калисо пул ҷудо мекарданд.*

Фаъолияти инквизитсия махсусан дар Испания васеъ паҳн шуда буд. Папа инквизиторҳоро бо ёварони худ ба ҳар шаҳру деҳот мефиристод. Ба шаҳрҳо рафта, аҳолиро як ба як пурсиш мекарданд. Агар касе аз ҷониби ду шоҳид еритик гуфта эътироф шавад, айбдоршавандаро ба инквизитсия даъват карда ва чун қоида, занҷирбанд карда, ба зиндони торик мепартофтанд.

Инквизиторҳо онҳоро бо азоби рӯҳӣ тарсонда, "танаи гунаҳкор"-и онҳоро азоб дода, маҷбур мекарданд, ки аз имон дур шудани худро эътироф кунанд.



*Ҷараёни аутодафе*

Сӯхтани маҳбусон дар гулхан "аутодафе" (португалӣ, "эътиқод" ёки "кори дин") номида мешавад. Аз рӯи он, еретикро ба майдон бурда ва ба сутун баста, дар пеши назари халқ гулхан афрӯхта месӯзонданд. Бовар мекарданд, ки оташ рӯҳи одами сӯхтаро аз ҷисми бад ва гуноҳҳояш пок мекунад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Дар Европа аз кай дини насронӣ ба васеъ паҳн шудан оғоз кардааст?**
2. **Сабабҳои пайдоиши калисоҳои католикӣ ва православиро нишон диҳед.**
3. **Дар асрҳои миёна нақши калисо чӣ гуна буд?**
4. **Шумо савдои индулгенсияро чӣ гуна фаҳмидед?**
5. **Инквизитсия чӣ буд ва он ба кӣ хидмат мекард?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 18-ум

# Юришҳои салибӣ



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- ба вуҷуд омадани шароити мусоид барои юришҳои салибӣ ва сабабҳои он;
- мақсадҳои иштирокчиёни юриши салибӣ;
- ҷиҳатҳои фарқкунандаи ба худ хоси юришҳои салибӣ;
- барқарорсозии Византия;
- дар бораи хотима ва оқибатҳои юришҳои салибӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## САБАБҲОИ ЮРИШҲОИ САЛИБӢ

Юришҳои салибӣ ҷангҳои таҷовузкорона ва ғоратгариҳо буданд, ки феодалҳои Европаи Ғарбӣ дар Шарқи Наздик мебурданд. Ин юришҳо дар байни солҳои 1096–1270 давом кард. Калисо бо ишғол кардани заминҳои Шарқ мақсади боз ҳам мустаҳкам кардани таъсири худро дошт. Дар охири асри XI вазъияти дар Шарқ ба вуҷуд омада, барои юришҳои салибчиён шароити мусоид фароҳам овард. Нимҷазираи Осиёи Хурд қариб пурра дар дасти туркҳои Салҷуқӣ буд. Аз ин ҳудуд, зиёратчиёни кишварҳои Ғарб ба ҷойҳои муқаддаси Фаластин бино ба ривоятҳо ба ҷойи дафни Исо пайғамбар ба Қуддус мегузашт. Қуддус тақрибан беш аз панҷ аср дар дасти мусулмонон буд. Ҳарчанд муносибати ҳукмдорони маҳаллӣ ва аҳолӣ ба зиёратчиён бад набуд, аммо ҷангҳои байни ҳукмдорони мусулмон, ки дар охири асри XI авҷ гирифт, зиёрати насрониҳоро зери хавф мегузошт. Императори Византия гарчанде бо папаи

**МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ**

*__Салиб__, хоч, крест – яке аз рамзҳои асосии насроният,ашёи ибодат дар православӣ ва католикӣ. Ба салиб ибодат дар асри IV расмӣ гардид. Тибқи ривоятҳои насрониҳо, Исо ба хоч кашида шуд, аз ин рӯ тасвири салиб рамзи насроният табдил меёбад.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Суханронии папа Урбани II*

Рим муросо надошт, аммо барои муборизаи зидди душманони насрониҳо, ба Ғарб барои фиристодани ҷанговарон муроҷиат мекунад. Папа **Урбани II** соли 1095 дар шаҳри **Клермони** ҷануби Франсия дар ҷамъомади калони калисо дар ҳузури ҳазорон рӯҳониён, ритсарҳо ва вакилони халқи оддӣ нутқ кард. Вай онҳоро барои озод кардани "қабри пайғамбар" дар Қуддус аз мусулмонҳо даъват кард. Папа барои иштироки юришҳо бахшидани гуноҳи онҳо ва агар ҳалок шаванд, рӯҳашон аз биҳишт "арши аъло" ҷой гирифтанашонро ваъда медиҳад. Урбани II сарватҳо ва ҳосилхезии, "замини муқаддас"-и Фаластинро хотиррасон менамояд. Дар Фаластин *"шир ва асал дарё шуда ҷорӣ гаштанашро, Қуддус нофи замин, заминаш ҳосилхезу ҷаннатмакон буданашро"* таъкид кард.

Ин суханонро ҳозирон "Иродаи Худо ҳамин!", "Хоҳиши Худо ҳамчунин!" гӯён бо овози баланд пешвоз гирифтанд. Онҳо аз матоъ инъикоси "салиб"-ро бурида, ба дӯхтани либосҳои худ шурӯъ карданд. Аз ин сабаб иштирокчиёни юриш "салибдорон" худди юришҳо бошад, номи "юришҳои салибӣ" – ро гирифтанд.

Калисои католикӣ барои иштирокчиёни юришҳои салибӣ баъзе сабукиҳо, аз ҷумла деҳқононро аз қарз озод, оилаи онҳо зери ҳимояи калисо буданашонро эълон мекунад.



*Муҳри ритсарҳои тамплийер*

## МАҚСАДҲОИ ИШТИРОКЧИЁНИ ЮРИШҲОИ САЛИБӢ

Папа боиси эълон намудани "Иштирокчиёни юришҳои салибӣ аз гуноҳҳо пок мешаванд", дар он нафақат ритсарҳо, балки аҳолии оддӣ, ҳатто занон ва бачаҳо ҳам иштирок кардаанд. Гарчанде ки онҳоро як мақсад – ғояи озод кардани Қуддус аз мусулмонон муттаҳид мекунанд, аммо ҳар як салибдор мақсад ва



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



муддаоҳои алоҳида дошт. Махсусан, деҳқонон дар ҷангҳои салибӣ иштирок намуда, аз душвориҳои худ раҳоӣ ёфта,дар Шарқ умед доштанд, ки молу мулк ва зиндагии хушбахтона ба даст оранд.

Аксари салибдоронро асосан ритсарҳо ташкил медоданд, ки аксари онҳо аз хонаводаҳои камдаромад буданд. Писарони хурдии оила барои дар амал будани сохти маёрат, ба писари калони мондани мерос, ба қисми зиёди мерос аз волидонашон умед надоштанд. Ритсарҳои ба ин ҳолат афтода барои ҷустуҷӯи шаъну шуҳрат ва сарват ба роҳ баромаданд.

Герсогҳо, графҳо ва ҳатто баъзе шоҳону императорон низ ба Шарқ раҳсипор шуданд. Онҳо мақсад доштанд, ки заминҳои худро бо тобеъ кардани ҳудудҳои нав ва шаҳрвандон боз васеъ кунанд.

Бо қӯшун ҳатто савдогарон низ ба роҳ баромада, орзу мекарданд, ки бо роҳи савдои молҳои Шарқ зуд бой шаванд. Албатта, агар гӯем, ки иштироккунандагони юришҳои салибӣ дар бораи фоида фикр мекарданд, хато мешавад. Онҳо манфиати моддиро бо кори ҳимояи "қабри пайғамбар" аз мусулмонон муқаддас ва пайваста медонистанд.

*Либоси салибчиён*






*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


*Алексейи I*

## ЮРИШИ АВВАЛИНИ САЛИБӢ

Дар юришҳои аввалини салибӣ ритсарҳои вилоятҳои гуногуни Франсия, Италия ва Германия иштирок мекунанд. Онҳо хуб мусаллаҳ буданд, бо хӯрокии зарурӣ ва пул таъмин буданд. Ритсарҳо тирамоҳи соли 1096 дар пойтахти Византия Константинопол ҷамъ омада буданд, пас аз он ки император Алексейи I аз ҷониби таъсиси давлатҳои насронӣ дар Шарқи Наздик, ки ба Византия аз ҷиҳати сиёсӣ тобеъ буданаш савганди вассалӣ қабул кард, бо воситаи халиҷи Босфор ба Осиёи Хурд фиристода шуданд. Юришҳо, ки то соли 1099 идома доштанд, бо таъсиси давлатҳои салибдорон дар Сурия ва Фаластин хотима ёфтанд. Дар байни онҳо **шоҳии Қуддус** давлати асосии салибдорон буд. Ҳангоми ишғоли Қуддус салибчиён 10 000 мусулмонро дар як масҷид ба қатл расониданд. Яҳудиён дар синагога (ибодатхона)-ашон сӯзонда мешаванд. Дар рафти куштор бисёр занону бачагон низ ҳалок гардиданд.

Қатли ом на аз рӯи зарурати ҳарбӣ, балки танҳо аз рӯи хоҳиши ба даҳшат андохтани дили одамон сурат мегиранд. Салибчиён аҳолии шарқии шаҳр ҳатто насрониёнро рониданд ва онҳоро барои кӯмак ба душман айбдор карданд. Ритсаре, ки ба хонаи шаҳр дохил шуд, сипаре ба дар овехта, ишора мекард, ки хона бо тамоми таҷҳизоташ ба соҳиби нави худ гузаштааст.

## САЛИБДОРОН ДАР ШАРҚИ НАЗДИК

Ритсарҳое, ки аз Европа омаданд, барои насрониҳо имкон медиҳад, ки ҳудудҳои ишғолшударо дар тӯли 200 сол дар даст нигоҳ доранд. Дар Шарқи Наздик салибдорон деҳқонони маҳаллиро мутеъ мекунанд. Соҳибони нав 1/3 ҳосилро чун андоз мегирифтанд. Ғайр аз ин, аҳолӣ маҷбур карда мешавад, ки ба шоҳ, калисои насронӣ андозҳои иловагӣ диҳад. Дар натиҷа дар байни аҳолии маҳаллӣ нисбат ба салибдорон нафрат зиёд шуда, ошӯбҳо ба амал меоянд.


*Ордени Тевтон*

## ОРДЕНҲОИ ДИНӢ-РИТСАРӢ

Орденҳои динию ритсарӣ, ки дар Фаластин ташкил шуд, аз орденҳои маъмули роҳибон ба куллӣ фарқ дошт. Дар Ғарб кори асосии роҳибони оддӣ ибодат ва меҳнат кардан бошад, вазифаи асосии аъзоёни ордени динӣ-ритсарӣ ҷанг буд. Ба орденҳо вазифаҳои моликияти салибдоронро васеъ ва муҳофизат кардан ва шӯришҳои маҳаллиро пахш



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Соли 1099 аз тарафи салибдорон забт гардидани Қуддус*

кардан гузошта шуда буд. Ордени аввалини динию ритсарӣ ордени **госпиталйерҳо** буд. Онро баъзан **ордени иоаннийҳо** низ меноманд. Баъди он ки мусулмонон Фаластинро аз нав забт карданд, орден аввал ба ҷазираи Родос, баъди чанд аср ба Малта мекӯчад.

Ордени дуюми ритсарӣ, ки барои муҳофизати зиёратчиёни ба Қуддус омада ташкил карда шудааст, дар ибтидо **тамплийерҳо** номида мешуд. Он бо номи теппагии Қуддус, ки дар он ритсарҳо ҷой гирифта буданд чунин ном гирифта буд. Ордени мазкур ба ғайр аз гирифтани хайрия ва тӯҳфаҳо ба судхӯрӣ низ машғул буд. Афсонаҳо дар бораи сарвати онҳо дар Европа бофта шудааст.

Ордени сеюми бузурги динӣ-ритсарӣ ба Биби Марями Муқаддас бахшида шудааст. Аз сабаби он, ки бисёр ритсарҳо аз Германия буданд, онро **ордени Немис** (лотинӣ, **Тевтон**) меномиданд.



*Ордени госпиталйер*

*Ордени тамплийер*

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Орденҳои динӣ-ритсарӣ иттиҳоди яҳои нимҳарбӣ ва нимроҳибӣ буд. Зери либоси коҳинон: тамплийерҳо дар матои сафед салиби сурх мепӯшиданд, госпиталйерҳо дар матои сурх салиби сафед мепӯшиданд ва ритсарҳои тевтонӣ либоси ритсарии бо тасвири салиби сиёҳ дар матои сафед мепӯшиданд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Ба Салоҳиддини Айюбӣ таслим шудани салибдорон*



*Салоҳиддин Айюбӣ*

## ЮРИШҲОИ САЛИБИИ ДУЮМ ВА СЕЮМ

Аз асри XII аморатҳои мусулмонӣ муттаҳид шуда, бар зидди салибдорон мубориза оғоз мекунанд. Намояндаи боэътимоди ҳукмдори Салҷуқӣ Маликшоҳ Имомиддини Зангӣ ба салибдорон ҳамла карда, заминҳои байни Мосул ва Ҳалабро ишғол мекунад. Писараш Нуриддини Зангӣ дар соли 1146 ба ҷойи падараш ба тахт нишаст ва дарҳол ба ҷанги зидди салибиён баромад. Барои мубориза бурдан бо онҳо феодалони Европа дар соли 1147–1149 юриши дуюми салибиро ташкил карданд. Шоҳони Франсия ва Германия дар ин юришҳо бо қӯшунҳои худ ширкат доштанд, ноком шуданд ва афсонаеро, ки гӯё Европа шикастнопазир аст, барҳам зад. Дар ҳоле ки салибчиёни немис дар Осиёи Хурд аз ҷониби салҷуқиён торумор карда шуданд, франсиягиҳо Дамашқро муҳосира намуда, ишғол карда натавониста, ба Европа баргаштанд.

Нуриддини Зангӣ мақсад дошт, ки салибчиёнро аз Шарқ тамоман дур кунад. Он қисми калони ҳудуди князии Антиохияро ишғол мекунад, ки аз тарафи салибчиён ташкил карда шуда буд. Он инчунин ҳукмронии худро дар графии Эдесса нигоҳ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

медорад. Бо ишғоли Дамашқ аз ҷониби қӯшуни Нуриддини Зангӣ дар соли 1155 мусулмонон дар Сурия ҳокимияти ягонаи сиёсӣ ба даст оварданд. Дар ин давра салибчиён, ки дар Шарқи Наздик ба муқобилияти сахт дучор шуда буданд, ба забти Миср ҳаракат мекунанд. Соли 1169 Нуриддини Зангӣ қӯшунро бо сардории Ширкӯҳ ва бародарзодааш Салоҳиддин фиристода, Мисрро забт кард.

Пас аз марги Ширкӯҳ бародарзодааш Салоҳиддин дар Миср ҳокимиятро пурра ба дасти худ гирифт ва давлати Айюбиёнро таъсис дод. **Салоҳиддин Айюбӣ** мубориза худро бар зидди салибдорон давом медиҳад ва дар соли 1187 Қуддусро аз дасти салибдорон кашида мегирад.

Ин воқеа боиси ташкили юришҳои сеюми салибӣ дар Европа (1189–1192) гардид. Аммо ин юришҳои бо иштироки императори немис, шоҳони Франсия ва Англия низ барбод рафтанд.

## ЮРИШҲОИ ЧОРУМИ САЛИБӢ (1202–1204)

Дар охири асри XII папа Иннокентийи III ба ташкили юришҳои нави салибӣ шурӯъ кард.

Салибчиён аз Венетсия ба воситаи баҳр барои ба Фаластин бо киштиҳо бурдани қӯшун аҳд баста, 85000 пули маркаи нуқрагӣ доданро ба зимма мегиранд. Салибдорон аз 1/3 қисми ин пулро дода натавониста, маҷбур мешаванд, ки бар зидди рақиби асосии Венетсия дар соҳаи савдо – бо Византия ҷанг кунанд.

Барои оғоз кардани ҷанг, баргардондани тоҷу тахт ба **Исааки II Ангел**, ки ӯро бародараш аз тахт сарнагун карда, ба чашмаш мил кашида буд, баҳона гардид.

Константинопол дар юриши чоруми салибӣ бори аввал аз рӯзи барпо шуданаш ба тӯъмаи душман табдил ёфт. Лотинҳо (византиягиҳо салибдоронро ҳамин тавр меномиданд) дар харобаҳои Византия давлатеро ташкил карданд, ки империяи Лотин номида мешавад. Аммо ба сабаби муқовимати далеронаи юнониёни маҳаллӣ лотинҳо заминҳои Византияро пурра тасарруф карда натавонистанд. Худи империяи Лотинӣ дар муддати кӯтоҳ ба якчанд князии хурд тақсим мешавад.



*Юриши салибии бачаҳо*

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

### ЮРИШҲОИ САЛИБИИ БАЧАҲО

*Чӯпонбачае бо номи Стефан аз деҳаи Вандоми Франсия баромада, дар соли 1212 ба тамоми кишвар сафар карда, бачагонро ба юришҳои салибӣ ташвиқ кард. Ӯ эълон мекунад, ки ӯро ҳамчун намояндаи Худо, пешвои нас-*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*роиҳо фиристодаанд, ки ба вай вазифаи ишғол кардани заминҳои Фаластин супурда шудааст. Ба назди вай Исои Масеҳ дар рамзи коҳин ташриф оварда мегӯяд, ки ба ӯ роҳбарии як юриши нави салибӣ супурда шудааст, ки дар он танҳо бачаҳо барои озод кардани Қуддус иштирок кунанд. Чӯпонписар дар байни бачаҳо тарғиботи пурқувват ба роҳ мемонад, то ки ба ӯ пайравӣ кунанд. Ӯ сухан дар бораи хушк шудани баҳр дар роҳи рафтани салибдорон ба Фаластин, монанди ҳамин, ки баҳр дар пеши назари яҳудиёне ки бо сарварии Мусо аз зулми фиръавни Миср гурехта буданд, оғоз мекунад. Вай бо гуфтор ва мӯъҷизаҳои худ ҳазорон одамонро ба ҳайрат меандозад. Бо вуҷуди норизогии падару модарон ҳазорон писарону духтарон ба юриш баромаданд. Агар касе аз ин бачаҳои девона пурсад, ки куҷо мераванд, ҷавоб мешунаванд, ки ба он тарафи баҳр – ба сӯи Худо мераванд.*

*Издиҳоми таҳти сарварии Стивен ба бандари Марсели ҷануби Франсия меоянд, ду тоҷир пешниҳод мекунанд, ки онҳоро барои “ризоияти Худо” ба Сурия расонанд. Дар натиҷа онҳо бо ҳафт киштӣ ба роҳ мебароянд, ки аз он ду киштӣ дар роҳ ба ҳалокат дучор мешавад. Бачаҳои панҷ киштии боқимондаро ду ғуломфурӯш ба Миср оварда, ҳамчун ғулом мефурӯшанд. Императори Германия Фридрихи II баъдтар ҳарду ғуломфурӯшони ҷиноятиро дастгир карда қатл мекунад. Ӯ ҳамчунин бо султони Миср шартнома баста, барои баргардонидани як қисми бачаҳо муяссар мегардад.*

## БА ОХИР РАСИДАНИ ЮРИШҲОИ САЛИБӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН



*Зироатҳо ва комёбиҳои техникие, ки европоиён дар юришҳои салибӣ аз Шарқ азхуд карданд.*

Юришҳои салибии асри XIII вазъияти Шарқи Наздикро тағйир дода натавонист. Юриши ҳаштуми салибие, ки шоҳи Франсия Людовики IX дар солҳои 1269–1270 ташкил кард, охирин юришҳои салибӣ буд. Дере нагузашта, мулкҳои салибдорон дар Шарқ паи ҳам ба дасти мусулмонон мегузарад.

Сабаби асосии қатъ гардидани юришҳои салибӣ тағйироте буд, ки дар Европаи Ғарбӣ дар охири асри XIII оғоз ёфт. Қувваҳои истеҳсолкунанда ривоҷ ёфта, деҳқонӣ ва ҳунармандӣ боло меравад. Ҷангалзорҳоро бурида, ба замини корам табдил медиҳанд, майдони кишт васеъ карда мешавад. Як қисми безамини аҳолии деҳот ба шаҳрҳои равнақёфта мераванд. Илова бар ин, орзуҳои онҳо расидан ба замин ва озодӣ дар Шарқ бо нокомии юришҳо барбод рафт. Пурзӯр шудани ҳокимияти шоҳӣ ва сиёсати марказонидани



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мамлакат ба ритсарҳо имкон дод, ки дар қӯшуни шоҳӣ хизмат кунанд. Савдогарон бори дигар ба афзалияти давом додани савдо дар осоиштагӣ боварӣ ҳосил мекунанд. Дар баробари боло рафтани ҳокимияти шоҳӣ дар давлатҳои мутамаркази Европаи Ғарбӣ папа, ки пешвои ғоявӣ ва тарғиботчии юришҳои салибӣ буд, мақоми сиёсии худро аз даст дод ва натавонист юришҳои навро ташкил кунад.

Ҷангҳои салибӣ ба мақсади асосии худ, яъне ташкили давлати пурқуввати насронӣ дар Шарқ ноил шуда натавонистанд. Садҳо ҳазор нафар одамоне, ки дар он иштирок доштанд, ҳалок шуданд ва зарари калони молиявӣ диданд. Аммо шиносоӣ бо маданияти баланди Шарқ тарзи зиндагии мардуми Европаро ба куллӣ тағйир медиҳад. Онҳо маданияти баланд ва дастовардҳои техникии Византия ва мусулмононро аз худ карданд. Ба Европа меваҳои лимӯ ва зардолу, инчунин зироатҳои шолӣ, гречиха, тарбузу найшакар оварда, кишт карда мешавад. Дар соҳаи техника арбалет, усулҳои коркарди оҳан ва бофтани баъзе газворҳо аз худ карда мешаванд. Сохтмони осиёбҳои бодӣ, ки салибдорон дар Сурия дида буданд, дар асри XII дар Европа оғоз ёфт. Кабӯтарҳои алоқа, ки аз арабҳо оварда шудаанд, дар бисёр кишварҳо истифода мешаванд. Европоиҳое, ки пас аз даври антиқӣ омилҳои тозагии зиндагиро фаромӯш карда, дар оби хунук оббозӣ мекарданд ва либос иваз намекарданд, истифода бурдани ҳаммомҳои тозаю гарм ва иваз кардани либосро аз Шарқ ёд гирифтанд.



*Баргаштани салибдорони охирин ба кишвари худ*

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Юришҳои салибӣ чист? Сабабҳои содиршавии онҳоро шарҳ диҳед.**
2. **Калисои католикӣ аз юришҳои салибӣ бо кадом мақсадҳо истифода бурд?**
3. **Аз харита кишварҳоеро нишон диҳед, ки аввалин иштирокчиёни юришҳои салибӣ дар Шарқи Наздик асос гузоштаанд.**
4. **Ба фикри шумо, фарқи байни юриши чоруми салибӣ аз пешина чӣ гуна аст?**
5. **Ба фикри шумо сабабҳои ба мақсади худ нарасидани юришҳои салибӣ чист?**
   **Шумо дар бораи юришҳои салибии бачаҳо чӣ гуна фикр доред?**
6. **Юришҳои салибӣ Европа ва Осиёро ба кадом натиҷа ва оқибатҳо оварда расонд?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 19-ум

# Хусусиятҳои ба худ хоси шаҳрҳои Европа дар асрҳои миёна



*Дӯкони саррофӣ*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **тараққиёти хоҷагии Европа;**
- **ҳаёти шаҳрҳои асримиёнагӣ;**
- **дар бораи ба вуҷуд омадани хоҷагии мол.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Савдо дар Европа дар асрҳои миёна*

## ТАРАҚҚИЁТИ ХОҶАГӢ

Дар Европа дар асрҳои X–XI истеҳсолот афзуд. Ин пеш аз ҳама дар ҳунармандӣ мушоҳида мешуд. Такмилёбии олоти меҳнат ва баланд шудани маҳорати устоҳо ҳунармандиро аз деҳқонӣ ба як соҳаи алоҳида табдил медиҳад. Дар натиҷаи ихтирои юғ ва истифодаи омочи аспӣ шудгори заминро суръат бахшид. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат боиси зиёд шудани маҳсулоти зиёдатӣ дар хоҷагӣ ва ба ашёҳои ҳунармандӣ иваз кардани он роҳ кушод. Навъ, миқдор ва сифати маҳсулоти истеҳсолкардаи ҳунармандон афзуд. Аммо дар зери таъсири ҳукмронии феодалӣ дар деҳот озодии ҳунармандон маҳдуд буд. Дар натиҷа, онҳо аз деҳаҳо ба ҷойҳое фирор карданд, ки маҳсулоти худро тайёр карда, фурӯхта тавонанд.



*Ҳунарманд дар ҷараёни кор*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ШАҲРҲОИ АСРИ МИЁНА

Шаҳрҳо пеш аз ҳама дар ҷойҳои бехавф, барои ҳимоя аз душман ва барои фурӯхтани чизҳои сохтаи ҳунармандон мусоид сохта мешуданд. Пайдошавӣ ва болоравии шаҳрҳо дар Европа дар мамлакатҳои гуногун аз ҳам фарқ мекарданд. Дар ибтидо дар асрҳои IX–X шаҳрҳои Венетсия, Генуя, *Флоренсия*, *Марсел*, *Тулуза* дар Италия ва ҷануби Франсия тараққӣ карданд. Аз сабаби он ки ин шаҳрҳо дар роҳи савдоии баҳрӣ ҷой гирифта буданд, ин омил дар тараққиёти онҳо роли муҳим бозидааст. Дар асрҳои X–XI дар шимоли Франсия, Нидерландия, Англия ва Германия, дар асрҳои XII–XIII дар Венгрия, Назди Балтика ва заминҳои Рус шаҳрҳои нав пайдо шуданд. Сабаби асосии пайдоиши шаҳрҳои Европа дар асрҳои гуногун фарқияти рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо буд.



*Намуди шаҳрҳои асримиёнагӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ҲАЁТИ ШАҲРҲО

Шаҳрҳо аксар вақт дар заминҳои феодалон ба вуҷуд омадаанд. Дар аввал феодалҳо шаҳрҳои сарзамини худро сарпарастӣ карда, ҳунармандони муҳоҷирро аз андоз озод мекарданд. Аммо баробари равнақу бойшавии шаҳрҳо, хӯҷаинҳо аз онҳо бештар даромад ба даст овардан мехостанд. Феодалҳо ба инкишофи ҳунармандӣ ва савдо монеъгӣ мекарданд. Дар натиҷа шаҳриён аз ҳукми сенёр барои ба озодӣ баромадан ҳаракат карданд. Бисёр вақт шаҳрҳо бо пардохти пул озодии худро ба даст меоварданд. Дар сурати набудани ин гуна имконият роҳи шӯришро барои озодӣ пеш мегирифтанд. Дар асрҳои XII–XIII дар як қатор шаҳрҳои Франсия бар муқобили сенёрҳо мубоеризаҳо шуда гузаштааст. Зарурати истиқомат кунандагони дайрҳо ва қасрҳо ба ҳунармандон ва мавҷудияти имконияти пинҳон шудан ҳангоми таҳдиди душман боиси пайдо шудани шаҳрҳои нав дар атрофи онҳо гардид.



*Феодалҳои асри миёна*



## НАМУДИ ШАҲРҲО

Атрофи шаҳрҳо бо деворҳои манорадори мудофиавӣ ва бо хандақҳои бо об пуркардашуда иҳота мешуданд. Дар манораҳо посбонон шабу рӯз иваз шуда меистоданд. Бо мақсади ҳимоя аз душман, дарвозаҳои шаҳр ва кӯпрукҳо аз оҳани мустаҳкам сохта мешуданд. Шабона кӯпрукҳои болои хандақҳо бардошта шуда, дарвозаҳои шаҳр баста мешуданд. Дар маркази шаҳр майдони бозор ва дар паҳлӯи он ибодатхона ҷойгир шуда буд. Бинои шӯрои шаҳр – **ратуша** дар ин хел ҷой сохта мешуд. Мавзеъҳои шаҳр ба даҳаҳои алоҳида тақсим мешуданд. Дар ҳар як даҳа ҳунармандони касбу кори муайян зиндагӣ мекарданд. Аксарияти қисми биноҳои шаҳр аз чӯб сохта мешуданд. Онҳо хеле зич сохта шуда ва аксар вақт бо ҳам пайвастаанд. Кӯчаҳо танг, баъзан барашон аз ду метр зиёд набуд. Шабона кӯчаҳо чароғ надоштанд, қубурҳои об ва канализатсия вуҷуд надошт. Партовҳоро ҳам бевосита ба кӯчаҳо мепартофтанд. Зич ҷойгир будани аҳолӣ ва бад будани ҳолати санитарӣ боиси паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва марги бисёр одамон гардид. Ҳангоми сар задани сӯхтор кӯчаву мавзеъҳо, ки аз хонаҳои чӯбини зич сохташуда ташкил ёфтаанд, комилан сӯхтаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на

## АҲОЛИИ ШАҲР

Аксари аҳолии шаҳрро ҳунармандон ва савдогарон ташкил медоданд. Дар шаҳрҳои калон ашрофони сарватманд, феодалон, амалдорон, табибон, рӯҳониён низ зиёд буданд.

Як қисми аҳолии шаҳр низ шуғли деҳқониро идома доданд. Дар атрофи девори қалъа киштзорҳо, боғҳо, полиз, чарогоҳҳои гӯсфанд, гов ва аспҳо мавҷуд буданд. Шаҳрҳои аҳолиаш аз ҳама зиёд Париж, Константинопол, Милан, Флоренсия, Кордова ва Севиля ҳисобида мешуд.



*Фаъолияти сехҳо*

## ҲУНАРМАНДӢ ВА СЕХҲО



*Устохонаи оҳангарӣ*

Асоси хоҷагии шаҳрҳоро ҳунармандӣ ташкил медод. Ҳунарманд соҳиби асбобҳои корӣ буда, хоҷагии худро мустақилона пеш мебурд. Онҳо бозорҳоро бо ашёҳои худ таъмин мекарданд. Устоҳои касбҳои маълум ба иттиҳодияҳои худ – сехҳо муттаҳид шуда буданд. Дар ҷамъомади умумии устоён низоми сех қабул мегардид, ки иҷрои он барои ҳама ҳатмӣ буд. Мувофиқи талаби низом, ашёҳо танҳо аз рӯйи намунаи муайян тайёр карда мешуданд. Барои идоракунии сех оқсоқол интихобшуда, ба низом риоя кардани ҳунармандон, сифат ва миқдори ашёҳои тайёршударо назорат мекард. Дар низом дастгоҳҳои усто, шумораи шогирдон, халифаҳо нишон дода мешуд. Ин гуна тадбирҳо барои муҳайё намудани шароити якхела барои устоён, пешгирии рақобат истифода мешуданд. Нархи ашёҳои тайёрро ҳам оқсоқоли сех муайян мекард. Муддати халифагӣ вобаста ба мураккабии касб аз 2 то



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



7 сол давом мекард ва бо ашёи нодир сохтан ва онро аз имтиҳони оқсоқоли сех гузаронидан тамом мешуд. Сехҳо дар посбонии шаҳр ва мудофиаи он ҳангоми ҷанг якҷоя шуда, иштирок мекарданд. Сехҳо герб, байрақ, ибодатхона ва ҳатто дар баъзе ҷойҳо қабристони худро доштанд. Агар сехҳо аввал барои ривоҷи истеҳсолот хизмат карда бошанд, баъдтар ба он монеъгӣ мекардагӣ шуданд.

Афзоиши ҳунармандон дар шаҳрҳо дар байни онҳо рақобатро пурзӯр гардонд. Аз байни ҳунармандон ва савдогарон сардорони сарватманди сех ҷудо шуда мебароянд. Дар Европа инчунин як табақабандии сех рӯй дода, сехҳои заргарӣ, мовутӣ ва дигар сехҳои сарватманд пайдо мешаванд. Ин ҷараёнҳо дар шаҳрҳои бузург ба монанди Флоренсия, Лондон, Бристол, Париж ва Базел оғоз мешаванд. Ҳунармандон ба устогӣ гузаштани халифаҳо мамоният нишон медоданд. Дар натиҷа табақаҳои халифаҳое пайдо шуданд, ки дар зарфи 10–12 сол ба устогӣ нагузаштаанд. Дар ин ҳол халифаҳо ҷамъиятҳои “бародарӣ”, ҳаққу ҳуқуқҳои худ, соат кӯтоҳ кардани вақти кори то 14-16 соат давомкунанда ва беҳтар намудани шароити меҳнат мубориза бурданро пурзӯр мекунад.

## ПАЙДОИШИ ХОҶАГИИ МОЛӢ

Сарфи назар аз назорати сехҳо, шумораи ашёҳои аз ҷониби ҳунармандон барои савдо тайёр кардашуда зиёд шуд. Дар натиҷа талабот ба ашёи хом ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ афзуд. Дар навбати худ манфиатдории деҳқонон аз зиёд намудани маҳсулот низ меафзуд. Онҳое, ки маҳсулоти худро фурӯхта, ашёҳои ҳунармандӣ мехариданд, бисёр шуданд. Шаҳрҳои калон на танҳо бо вилоятҳои атроф, балки бо мамлакатҳои хориҷӣ ҳам алоқаи савдоро ба роҳ монданд. Дар ибтидои асрҳои миёна хоҷагии натуралӣ ҷойи худро ба хоҷагии молӣ дод.

***Хоҷагии молӣ*** *– хоҷагиест, ки барои фурӯш ё мубодила ба бозор маҳсулот ис теҳсол мекунад.*

Ҷоннокшавии савдо беҳтар кардани роҳҳоро талаб мекард. Дар Франсия бо фармони шоҳ роҳҳои асосӣ сангфарш карда мешаванд. Дар болои дарёҳо сохтмони кӯпрукҳои чӯбин ва сангин ба роҳ монда шуд.



*Савдои шаҳрҳои наздисоҳилӣ*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бозор дар асрҳои миёна

## АЛОҚАҲОИ САВДО БО МАМЛАКАТҲОИ ШАРҚ

Савдогарони Европа ба бозорҳои Сурия, Миср, Эрон ва Осиёи Миёна рафта, аз бозорҳои Шарқ газворҳои шоҳӣ, ашёҳои зебу зиннатӣ, зиравориҳо харид мекарданд. Аҳамияти Роҳи бузурги абрешим, ки аз Хитой оғоз ёфта, аз Осиёи Миёна гузаштааст, дар рушди муносибатҳои кишварҳои Ғарбу Шарқ беандоза буд. Ин роҳи корвон то соҳили шарқии баҳри Миёназамин идома дошт. Испания, Италия ва Франсияи ҷанубиро барои пайваст кардан ба воситаи баҳр бо Византия ва мамлакатҳои Осиё роҳи савдои *Левант*, дар шимол ба воситаи баҳри Балтика барои пайвастани шаҳрҳои Лондон, Брюгге, Любек, Новгород роҳҳои савдои *Шимолӣ* вуҷуд доштанд. Беш аз 70 шаҳрҳои Германия, ки ба *Иттифоқи шаҳрҳои* Ганза муттаҳид буданд, дар роҳи савдои Шимолӣ ҷой гирифта буданд. Венетсия ва Генуя, ки дар роҳи Левант ҷой гирифта буданд, флоти пурзӯри баҳрӣ ташкил карданд, рақобати савдоии онҳо баъзан ба ҷанг низ мубаддал мешуд.



Бозори асрҳои миёна

## САВДОГАРОН ВА БОЗОРҲО

Шаҳриён ба кӣ мол фурӯхтан, ба кӣ қарз додан, пулро барои чӣ сарф намуданро хуб медонистанд. Савдогарони серғайрат барои ғун кардани сарват ба саёҳатҳои дурудароз ва хатарнок мебаромаданд. Савдогарони италян дар соҳилҳои баҳри Миёназамин манзилгоҳҳои савдоии худ – факторияҳоро ташкил карданд. Аксари онҳо генуягиҳо ва венетсиягиҳо буданд. Ин республикаҳои баҳрӣ флотҳои аҷиби савдо ва ҳарбӣ доштанд. Киштиҳои онҳо аз Шарқи Наздик ба Европа молҳои пурқимат: матоъҳои абрешимӣ, зарфҳои чинӣ, зиравориҳои гуногун ва дигар чизҳоро гирифта мебурданд. Савдогарони венетсиягӣ – аъзоёни оилаи Полоҳо дар асри XIII ба қароргоҳи муғулҳо, ба дохили Осиё расида омаданд. Марко Поло аз саёҳати 25 сол давом кардааш 17 солашро дар хизмати хони муғулҳо Хубилай, ки Хитойро забт карда буд, гузаронд ва аввалин аз европоиҳо шуда, асрори ин кишварҳоро дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

и Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



китобаш тасвир кардааст. Европоиҳо танҳо дар асри XIX аз баҳр гузашта, кишварҳои дар асри XIII саёҳат кардаи Марко Полоро бо чашмони худ мебинанд. Сарватҳои афсонавии Шарқ, ки дар китоби Марко Поло тасвир ёфтаанд, ба баҳрнаварди генуягӣ Христофор Колумб баъди 200 сол таассуроти калон мебахшад, ки вай қарор медиҳад ба соҳилҳои бойи Ҳиндустон сарфи назар аз он бирасад.

Дар аксари шаҳрҳои Европа, бозорҳо аввал дар як ҳафта як ё ду рӯз ташкил мешуданд. Бозорҳои доимӣ танҳо дар шаҳрҳои калон буданд. Афзоиши мубодилаи мол ва савдо зарурати дар шаҳрҳо сохтани бозорҳоро ба миён овард. Бозорҳо барои фурӯши ашёҳои маълум ё маҳсулотҳо ихтисосонида шудаанд. Ҳамин тариқ, болоравии ҳунармандӣ ва савдо дар Европа бозор, банк, биржаро ба вуҷуд овард.

## ШАРҲИ ИСТИЛОҲҲО

**Сех – як иттифоқи тиҷоратӣ ё ҳунармандӣ мебошад, ки як ё якчанд касбҳои монандро муттаҳид мекунад ё иттиҳодияи касбии ҳунармандони асримиёнагӣ.**

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Сабабҳои аз хоҷагии қишлоқ ҷудо шудани ҳунармандии Европаро нишон диҳед.**
2. **Дар бораи омилҳои пайдоиши шаҳрҳои нав дар Европа нақл кунед.**
3. **Дар бораи ҳаёт ва намуди зоҳирии шаҳрҳои асримиёнагии Европа чиҳоро дониста гирифтед? Дар бораи монандӣ ва фарқиятҳои онҳо бо шаҳрҳое, ки дар асрҳои XI–XII дар кишвари мо вуҷуд доштанд, нақл кунед.**
4. **Дар бораи роҳҳои савдои баҳри Шимолӣ чиҳоро дар хотир доред?**
5. **Бозорҳо барои шаҳрҳои асрҳои миёна то чӣ андоза муҳим буданд?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 20-ум



# Шаҳрҳои Осиё дар асри миёна



*Намуди шаҳрҳои асри миёнаи Осиё*

**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- **ҳаёти шаҳрҳои Осиё дар асри миёна;**
- **ҳунармандӣ;**
- **дар бораи хариду фурӯш.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ШАҲРҲОИ АСРИ МИЁНА

Дар мамлакатҳои Шарқ даври мутараққии асрҳои миёна ба даврҳои гуногун рост омадааст. Ин ҳолат ба дараҷаҳои гуногуни тараққиёти истеҳсолот дар ҳар як мамлакат шарҳ дода мешавад.

Шаҳрҳо, ки даставвал чун марказҳои маъмурӣ ё қалъаҳои ҳарбӣ пайдо шуданд, баробари ривоҷи ҳунармандӣ ва савдо хеле тараққӣ карданд.

Бузургтарин шаҳрҳои Осиё: *Чанан, Лоян, Ханчжоу, Камакура, Киото, Осака, Деҳлӣ, Бағдод, Бухоро ва Самарқанд* буданд. Дар онҳо мактабҳо, китобхонаҳо ташкил карда шуда, олимон, шоирон рассомон, мусиқачиён зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Шаҳрҳои Осиё бар хилофи шаҳрҳои Европа ба муқобили заминдорони калон муборизa намебурданд, зеро онҳо дар заминҳои давлатӣ ташкил ёфта буданд.



*Сохтмони масҷид*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Яке аз давлати калонтарини Осиё – дар Хитой пайдоиши шаҳрҳои асримиёнагӣ ва инкишофи онҳо ба асрҳои IX–XIII рост меояд. Шаҳрҳо дар Хитой тобеи император буданд.

Ба инкишофи шаҳрҳо ҷангҳои истилогарона мамонният мекарданд. Аз ҷумла, Ҳиндустон ва шаҳрҳои он дар асрҳои миёна борҳо мавриди ҳамлаи истилогарони хориҷӣ дучор омаданд. Шаҳрҳои асримиёнагии Япония дар атрофи ибодатхонаҳои буддоӣ, дар истгоҳҳои алоқа ва болои роҳҳо, дар соҳили баҳр, дар атрофи қалъаҳо ба вуҷуд меоянд. Шаҳри *Хейян* дар сӯхтори соли 1177 вайрон шуд. Ин шаҳр баъди барқарор шудан номи Киоторо гирифта, ба пойтахти мамлакат табдил ёфт. *Киото дар* тӯли асрҳо маркази иқтисодӣ, фарҳангӣ ва динии Япония шуда боқӣ мемонад.



*Япония дар асрҳои миёна*

## ҲАЁТИ ШАҲРҲО

Шаҳрҳои Осиё низ роҳи ба худ хоси тараққиётро аз сар гузарониданд. Аз ҷумла дар Хитой шаҳрсозӣ аз асри XI ба сатҳи баланд расид. Императорон ва ашрофон қасрҳои боҳашамат сохтанд. Аз сабаби нарасидани чӯб дар мамлакат дар сохтмон хишт, сафол ва санг васеъ истифода мешуд.

Дар шаҳрҳои калони Хитой бар хилофи шаҳрҳои Европаи Ғарбӣ адои хизмати маишӣ беҳтар ба роҳ монда шуда буд. Аҳолӣ ба воситаи қубурҳои сафолин бо оби тоза таъмин буданд, тоза кардани шаҳрҳо аз ахлот ва корҳои сӯхторхомӯшкунӣ ба роҳ монда шуда буд.

Аҳолии шаҳрҳои Осиё нисбат ба Европа зиёдтар буданд. Хусусан, шаҳрҳои асримиёнагии Хитой зич ҷойгир шуда буданд.

Дар олами Шарқ шаҳрҳои *Бухоро* ва *Самарқанд* марказҳои муҳими иқтисодӣ ва сиёсӣ буданд. Бухоро дар Шарқ ҳамчун яке аз марказҳои дини ислом, фарҳанг, савдо ва ҳунармандӣ машҳур буд. Аз ин сабаб сулолаҳои дар Осиёи Миёна ба сари ҳокимият омада, ин шаҳрҳоро ба сифати маркази маъмурии худ интихоб кардаанд. Шаҳрҳои давлатҳои мусулмонии Осиё дар асоси тарҳи умумӣ: дар



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Шаҳристон*

марказ **арк** – қалъаи ҳокими шаҳр, дар атрофи он **шаҳристон** – гузарҳои асосии истиқоматӣ барпо карда мешуданд. Дар атрофи шаҳр работ мавҷуд буда, дар он гузару маҳаллаҳои ҳунармандон ҷойгир буданд. Дар шаҳрсозии Шарқ масолеҳи асосии сохтмон сангу хишт буданд. Ҳукмдорон, бойҳо қасрҳо ва ҳавлиҳои худро аз хишти пухта ва мармар, камбағалон бошанд, хонаашонро аз пахса ва кулӯх месохтанд. Хонаҳои камбағалон ба қадри кифоя мустаҳкам набуд ва зуд-зуд таъмирро талаб мекард. Хонаҳои меросмонда аксар вақт вайрон карда, ба ҷойи онҳо хонаҳои нав сохта мешуданд.

## ҲУНАРМАНДӢ

Ҳунармандони Шарқ қисми зиёди маъ-тоҳои шоҳӣ, ашёҳои зебу зиннатро барои фурӯхтан ба хориҷ тайёр мекарданд.

Дар шаҳрҳои Осиё ва Африкаи Шимолӣ ҳам сехҳои ҳунармандӣ баробари шаҳрҳо пайдо шуда буданд. Дар Шарқ аввал аҳолии шаҳр аз андоз озод буданд. Бо мурури вақт аз савдогарон ва ҳунармандон андозҳои гуногун ситонида мешуданд. Дар хилофати Араб, Япония ва Хитой оқсоқолҳои сех аз устоён ва савдогарон андоз ҷамъ мекарданд.

Дар Хитой ҳамаи устоён маҷбуран аъзои сех мешуданд. Соҳаҳои асосии ҳу-



*Намунаи ҳунармандии асрҳои миёна. Коса*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





*Киштии Хитой – ҷонка*

нармандӣ дар Хитой ба дараҷаи баланд расида буданд. Хусусан, фақат хитоиҳо киштиҳои калон – **ҷонкаҳо** месохтанд, ки ба он 600–700 кас ва борҳои зиёд мегунҷид.

Шаҳрҳои дар Роҳи бузурги абрешим ҷойгирифтаи Осиёи Миёна маркази савдои транзитӣ буданд. Когазу матоъҳои Самарқанд, ашёҳои кулолони Гиҷдувон, матоъҳо ва либосҳои устоёни Марв баҳои баланд доштанд.

Дар асрҳои миёна устоёни эронӣ бо парча ва матоъҳои шоҳӣ, қолинҳои пашмини худ шӯҳрат доштанд. Савдогарон аслиҳаҳои пӯлодин, зарфҳои мисин ва нуқрагини Эронро харид мекарданд.

## САВДО

Ба вуҷуд омадани давлатҳои калони мутамарказ, монанди хилофати Араб, империяи Тан, савдоро ба манбаи даромади баланд табдил дод. Дар ҳудудҳои аз Шарқи Дур то баҳри Миёназамин савдо танҳо бо роҳҳои корвонӣ маҳдуд набуд. Дар халиҷи Форс ва баҳри Сурх даҳҳо киштиҳои савдогарони араб, ҳинд ва хитой шино мекарданд. Баръакси Осиё, ақибмонии иқтисодии Африка ва ҷангҳои беамон дар он қитъаро ба манбаи ашёи хом, намак, тилло, устухони фил, зиравориҳо ва қисман ғуломон табдил дод. Бозорҳои Осиё бо серодамӣ ва ғалоғулаҳои худ фарқ мекарданд. Бозорҳои асримиёнагӣ аксар вақт дар назди дарвозаҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Истеҳсоли чинӣ дар Хитой

шаҳр ҷойгир буданд. Дар дохили шаҳр бозорчаҳо фаъолият доштанд, ки онҳо ба фурӯши маҳсулоти маълум ихтиссосонида шуда буданд. Бозорҳои калони Осиёи Миёна ва Эрон ба якчанд растаҳо тақсим шудаанд. Ҳар як раста савдогарон ё ҳунармандони гуногунеро, ки бо як намуди мол машғул буданд, ҷамъ меовард. Ҳанӯз дар аввали асрҳои миёна бозорҳои мардикорон дар Бағдод, Ишбилия (Севиля) ва Ғарнота (Гранада, дар Испания) вуҷуд доштанд. Дар бозорҳои Шарқ низ устохонаҳо ва дӯконҳои ҳунармандӣ мавҷуд буданд. Дар баъзе мавридҳо бозорҳои сайёр низ ташкил мегардид. Он савдогарони сайёр ва сокинони деҳаҳои гирду атрофро, ки ба фурӯши маҳсулот ниёз доштанд, гирд меоварданд. Шаҳрҳои асримиёнагии Япония: дар наздикии ибодатхонаҳои буддоӣ Нара ва Хейян, Отсу дар чорраҳа ва роҳи корвонгузар; шаҳрҳои Хёго, Сапаи дар соҳили баҳр; шаҳри Нагоя дар наздикии қалъа сохта шудааст.



Корвоне, ки дар Роҳи бузурги абрешим ҳаракат дорад

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар харита бузургтарин шаҳрҳои асримиёнагии Осиёро нишон диҳед.
2. Шаҳрҳои Осиё ва Европа дар пайдоиш ва болоравӣ чӣ умумият доранд?
3. Дар бораи ҳаёти шаҳрҳои Осиё чиҳоро хондед? Ҳикоя карда диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 21-ум

# Маданияти Европа дар асрҳои миёна



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- чаро Карли Кабир мактабҳои халқӣ таъсис дод;
- Эйнгардро чаро ба мӯрча монанд карданд;
- дар бораи чӣ тавр рушд кардани илму фан дар Византия.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## МАДАНИЯТИ ДАВРИ КАРОЛИНГҲО

Ба Карли Кабир барои идора намудани ҳудудҳои калон амалдорони босавод, андозчиён ва судяҳо лозим буд. Ӯ дарк кард, ки барои барқарор кардани империяи Рим маданият, махсусан илмҳои антиқиро барқарор кардан лозим аст. Дар замони ӯ, болоравии фарҳангӣ бо номи “Бедоршавии Каролингҳо” оғоз ёфт.

Карл одамони бомаърифатро аз Италия, Испания, Англия, Ирландия ба қасри худ даъват карда, ба амалдорони олимартаба фармон дод, ки “мактабҳои халқӣ” кушоянд ва онҳоро ба олими англосакс, роҳиб Алкуин месупорад. Алкуин на танҳо сохтори маорифро барпо кард, балки аввалин китобҳои дарсиро низ навишт.

Дар Ахен дар қасри Карл “Академия”-и юнонӣ таъсис дода шуда, дар он ҳукмдор ва оилаи ӯ, ходимони қаср, муаллимон ва донишҷӯён, калисо ва муаллифони антиқӣ, асарҳои офаридаи аъзоёни “академияи қаср”-ро муҳокима мекарданд. Аз асари яке аз олимони



*Эйнгард*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте



муаррих Эйнгард, мо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Карли Кабир маълумотҳо мегирем. Эйнгардро ҳамзамононаш барои ташнаи дониш ва меҳнатдӯстиаш **“мӯрчаи меҳнатдӯст”** меномиданд. Карл ду овозхони маъруфро аз Италия даъват карда, дар қаср як хори (дастаи) овозхонҳоро ташкил кард. Император бо забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ҳарф мезад ва дар зери болишташ ҳамеша тахтаи навишти мумдор буд: дар вақтҳои холӣ ҳаракат мекард ҳарфҳоро зебо нависад, аммо навиштанро аз худ карда натавонист. Бо фармони Карл як қатор қасрҳо ва ибодатхонаҳои сангин сохта шуданд, аз онҳо танҳо копеллаи қасрӣ (ибодатхонаи хурди католикҳо) дар Ахен боқӣ мондааст.

## МАДАНИЯТИ ВИЗАНТИЯ

### МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Князи Рус Владимир мақсад дошт, ки дар охири асри X ба рои халқаш дин интихоб кунад. Сафирони он дар Константинопол дар бораи ибодатхонаи “Аё София” (Авлиё София чунин ба хотир меоранд: “Онҳо моро ба ибодатгоҳи худоёни худ бурданд: оё мо дар рӯйи замин ҳастем, ё дар осмон ҳастем, намедонистем, зеро дар рӯйи замин чунин манзараи аҷиб ва зебоӣ нест, чӣ тавр дар ин бора сухан рондан мумкин аст, мо намедонем, танҳо як чизро медонем, Худо дар он ҷо бо одамон ҳамроҳ мешавад”. Ин воқеа дар дини насрониро қабул кардани князи Киев аз Византия воқеа эҳтимол нақши муҳим бозидааст.*

Дар даврҳои асрҳои миёна Византия бо маданияти баланди хоси худ пешрафтатарин кишвари Европа буд. Вай дахлнопазирии худро нигоҳ дошта тавонист, аз ин рӯ маданияти Византия мисли бӯҳрони Европаи Ғарбӣ дучори бӯҳрон нашуд. Дар баробари ин, маданияти ӯ зери таъсири дини насронӣ тағйир ёфт. Фалсафаи антиқӣ ҳамчун маҷусигӣ маҳкум шуда, ҷойи онро илоҳиёт гирифт. Дараҷаи баланди таълим дар мактабҳо фарқ мекард. Рушди иқтисодии империяи Рими Шарқӣ марказҳои нави таълимӣ ва илмиро ба вуҷуд овард. Дар асри IX дар Константинопол мактаби олии Магнавр ва дар миёнаи асри XI университети дорои факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва фалсафа кушода шуд. Дар пойтахт мактаби олии тиббӣ фаъолият бурдааст. Византиягиҳо аз география донишҳои зиёде ҷамъ кардаанд. Онҳо харитаҳо ва лоиҳаҳои шаҳрҳоро кашидаанд. Савдогарон ва сайёҳон тавсифи кишварҳо ва халқҳои гуногунро гузоштаанд. Дар Византия ба офаридани асарҳои таърихӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Намуди дохилии ибодатхонаи “Аё София” (Софияи Авлиё)

диққати калон дода мешуд. Прокопийи кесариягӣ (асри VI) ва Лев Диакон (асри X) барин таърихчиён асарҳои хеле шавқовар навиштаанд.

Ҳунармандӣ, баҳрнавардӣ, савдо, тиббиёт, соҳаи ҳарбӣ ва илмҳои табиатшиносӣ, ки ба рушди кишоварзӣ хизмат мекарданд: математика, астрономия, кимиё инкишоф ёфтанд. Махсусан, “оташи юнонӣ” (омехтаи сулфур, селитра, қатронҳои гуногун), ки дар асри VII ихтироъ карда шуда буд, муддати тӯлонӣ дар ҷангҳои баҳрӣ бартариятро таъмин кард.

Аз мозаика (кошин, санг чӯб, мармар, нақшҳои шишагии ранга, расм), фрескаҳо (тасвирҳои ранга дар гаҷҳои тар) ва иконаҳо (одатан аз навъи чӯби сахт, расмҳои Исо, Биби Марям, саҳнаҳои Инҷил, тасвири авлиёҳо) истифодабарӣ дар меъмории ибодатхона ва дайрҳо санъати тасвирии, ки соҳаи аз ҳама машҳури маданияти Византия буд, ба дараҷаи баланд бардошт.

Дайри “Хори” (ҳоло масҷиди Қаҳрия дар Истамбул) бо мозаика ва фрескаҳои худ машҳур аст, ёдгории бошукӯҳи меъморӣ мебошад. Аё София (Софияи Авлиё), ки дар Константинопол (532–537) дар замони ҳукмронии император Юстиниани I сохта шудааст, бешубҳа, боҳашаматтарин иншооти меъмории ибтидои асрҳои миёна мебошад. Гунбази он азим (диаметраш 31,5 метр) буда ва бо 40-то гулчанбарҳои тиреза иҳота шудааст. Гунбази ибодатхона ба шахсе, ки дар зери он дар дохили бино меистад, мисли гунбази осмон дар ҳаво муаллақ ба назар мерасад.



Оташи юнонӣ



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE



# МАОРИФ

*Маориф дар асрҳои миёна*

Дар асрҳои миёна системаи маориф дар Европа дар асоси анъанаҳои аз замонҳои антиқӣ (қадимӣ) меросмонда ташкил, ғанӣ ва ба шароити нав мутобиқ карда мешуд. Дар ин давра калисо (мактабҳои дайрӣ, епископӣ ва калисо) ва мактабҳои дунёвӣ кушода шуданд. Дар ин гуна мактабҳо фарзандони ашрофон, аҳолии шаҳр, коҳинон ва деҳқонони сарватманд таҳсил мекарданд. Грамматика (модари ҳама фанҳо ҳисобида мешавад) дар мактабҳо “ҳафт санъати озод” номида мешавад, суханварӣ (риторика), диалектика (мантиқ номида мешавад), арифметика, геометрия, астрономия ва мусиқӣ омӯзонида мешуд. То охири асрҳои миёна дар тамоми мактабҳои Европаи Ғарбӣ ба забони лотинӣ таълим дода мешуд. Ба асри XIV омада мактабҳо ба забони миллии ҳар як кишвар кушода шуданд. Хондан дар мактабҳои асримиёнагӣ осон набуд. Раванди омӯзиш хотираи хуб, иродаи оҳанин ва саломатиро талаб мекард. Мавзӯи таълим ба ақидаҳои динӣ асос ёфта буд. Дар мактаб хонандагон аз рӯйи синну сол ба синфҳо ҷудо карда намешуд ва бачаҳои хурдсол ва калонсолон низ дар як синф мехонданд. Ба бачагон дар мактаб сахтгирона муносибат мекарданд: ба онҳо бо овози баланд гап задан, суруд хондан, бозӣ кардан манъ буд, барои ҳар гуна рафтори ношоиста ҷазо медоданд. Агар дар рафти дарс ягон мушкилоти интизомӣ ба миён ояд, аз ёрии химчӯб истифода мебурданд, донишомӯзони беитоатро сахт калтак мекарданд. Дар Германия, аз ҷумла, донишҷӯён бо роҳнамоии омӯзгорон соле чанд маротиба ба ҷангал рафта, химчӯб тайёр мекарданд.

Баробари ташкил ёфтани давлатҳои мутамарказ дар Европа талабот ба одамони маълумотнок зиёд шуд. Ба шоҳон барои пеш бурдани корҳои идоракунии давлат мансабдорони соҳибихтисос, ҳуқуқшиносони пуртаҷриба лозим буданд. Шаҳриён, савдогарон, ҳунармандон, ки боз ҳам фаъолияти тадбиркории худро бомуваффақият пеш баранд, мехостанд аз риёзиёт, астрономия ва тиббиёт



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

маълумоти бештар дошта бошанд. Аммо мактабҳое, ки дар калисоҳо ва дайрҳо мавҷуд буданд, чунин одамонро тайёр карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, донишгоҳҳо (ҷамоаи муаллимон ва донишҷӯён) ба кушодани донишгоҳҳое шурӯъ кардаанд, ки донишҳои муосир ва босифат диҳанд, мутахассисонро дар соҳаҳои гуногуни дониш омода кунанд. Аввалин донишгоҳҳо дар Европа дар асрҳои XI–XII пайдо шуданд. Онҳо ба ҳокимияти давлатӣ ё калисои маҳаллӣ итоат намекарданд. Донишгоҳҳо танҳо ба папаи Рим тобеъ ва таҳти сарпарастии папа буданд.

Аввалин донишгоҳҳои Европа донишгоҳҳои Болонияи Италия ва Парижи Франсия буданд. Баъдтар донишгоҳҳои Оксфорду Кембриҷ дар Англия, Севиля ва Валенсия дар Испания, Тулуза дар Франсия ва Неаполи Италия таъсис ёфтанд. Донишгоҳҳо маъмулан аз чаҳор факулта: санъат, тиббиёт, ҳуқуқшиносӣ ва илоҳиёт иборат буда, ҳар яки онро декан роҳбарӣ мекард. Дар сари ҳамҷамъият ректори интихобшуда ё канслери аз тарафи ҳукумат таъингардида меистод.

Дар асрҳои миёна донишҷӯёни донишгоҳҳо асосан тиббиёт, ҳуқуқ ва идеологияро меомӯхтанд. Дарсҳо ба забони лотинӣ гузаронида шуда, дар рафти маърӯза профессор (муаллими соҳибихтисос) дастнависҳо ва китобҳои ба забони лотинӣ навишташударо бо овози баланд хонда, ба донишҷӯён қисмҳои душвори матнро мефаҳмонд.

Аксари донишҷӯён дар хобгоҳҳои коллеҷ (коллегия) зиндагӣ мекарданд, ки аз ҷониби донишгоҳҳо, калисоҳо ё шахсони сарватманд идора карда мешуд. Донишҷӯёне, ки ба коллегия дохил шуда натавонистаанд, маҷбур мешуданд аз сокинони шаҳр хонаву ҷойро ба иҷора гиранд. Бо гузашти вақт, коллегияҳо дар Англия ва Франсия ба муассисаҳои нави таълимӣ – ба коллеҷҳо асос шуд.



*Мактаби олии Магнавр*

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Фикр карда ҷавоб диҳед: барои чӣ Карли Кабир академияи қасрро ташкил кардааст?**
2. **Дар Византия (империяи Рими Шарқӣ) сабабҳои болоравии маориф ва илму фан аз чиҳо иборат буд?**
3. **Ибодатхонаи “Софияи Авлиё” қариб дар давоми як аср музей буд. Ҳоло вай кадом вазифаро иҷро мекунад, аз манбаъҳои интернетӣ аниқ намуда гуфта диҳед.**
4. **Фарқиятҳо ё шабоҳатҳои байни донишгоҳҳои аввалин ва ҳозираи Европаро тавсиф кунед.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мавзӯи 22-юм



# Маданияти мамлакатҳои хилофати Араб



**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- чаро арабҳо аз мамлакатҳои ишғолкардаашон илму маданиятро азхуд кардаанд;
- алломаҳои бузурги мо: фаъолияти илмии Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Аҳмад ал-Фарғонӣ, Абурайҳон Берунӣ ва Абуалӣ ибни Сино;
- дар бораи меъморӣ, адабиёт, шеърият, шароити зиндагонии аҳолӣ ва урфу одатҳои хилофати Араб.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ИЛМУ-ФАН

Арабҳо комёбиҳои илмӣ ва анъанаҳои мамлакатҳои забтшударо на танҳо аз худ мекунанд, балки дар заминаи ислом ва забони арабӣ ба қуллаҳои нав мебароранд. Оҳиста-оҳиста забони арабӣ ба забони маориф, илм ва фарҳанг табдил ёфт ва забонҳои кишварҳои забтшударо ба як сӯ дур кард. Ҳуҷҷатҳо ба забони арабӣ расмӣ карда шуда, музокираҳо бурда мешуданд. Ҷиҳати дигари муҳим ин аст, ки осори мутафаккирони қадим – Арасту, Гиппократ ва Евклид ба забони арабӣ тарҷума шудаанд. Бисёр асарҳои муаллифони Юнони қадим танҳо ба забони арабӣ то замони мо омада расидааст. Математикҳо, астрономҳо ва бисёр дигар олимоне, ки дар ин давра ба камол расидаанд, ба пешрафти илму фан ҳиссаи калон гузоштанд.

Дар ин давра фанҳои дақиқ ва табиӣ – математика, астрономия, география инкишоф ёфта, ба пешрафти иқтисодиёт, ҳунармандӣ ва савдо такон бахшида, ба пешрафти минбаъдаи ҷамъият роҳ кушод. Ҳамватанамон **Муҳаммад**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

...кистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Нилометре, ки дар Миср тахти роҳбарии ал-Фарғонӣ сохта шудааст*

**ал-Хоразмӣ** (783–850) ба таърихи математика як соҳаи нав – алгебра асос гузоштааст; дар асоси рақамҳои ҳиндӣ рақамҳои ҳозираи арабиро содда ва васеъ кардааст, ба паҳншавии он саҳм гузоштааст. Ҳамватани дигари мо **Аҳмад ал-Фарғонӣ** (797–865) аввал дар расадхонаи Бағдод кор карда, сипас бо супориши Маъмун дар расадхонаи Дамашқ ҳаракат ва мавқеъи ҷирмҳои осмониро муайян кардааст, дар офаридани зиҷи нав (ҷадвали астрономӣ) роҳбарӣ кардааст. Ал-Фарғонӣ дар тадқиқоти муҳими астрономҳои юнон, аз ҷумла дар китоби "Ҷадвали ситораҳо"-и Птоломей барои аз нав муайян кардани координатаҳои географии тамоми мавзеъҳои асосии он вақт фаъолона иштирок намуд. Инчунин дар ихтирои баъзе асбобҳои астрономӣ, дар корҳои ривоҷ додани дониши ибтидоии фалакиётшиносӣ бо забони арабӣ саҳми муҳим гузоштааст. **Абурайҳони Берунӣ** (973–1048) мудаввар будани Заминро муайян кардааст, тахминеро ба миён мегузорад, ки маркази коинот Замин набуда Офтоб аст, Замин бошад, дар атрофи Офтоб давр мезанад. Дар ченкунии Замин бо усули нави ченкунӣ дарозии камони меридиани як дараҷаро ҳисоб карда баромад ва дар ҳамин асос дарозии доираҳои меридиани Заминро ҳисоб кард. Берунӣ аз усулҳои тригонометрӣ истифода бурда, дар чен кардани баландии кӯҳ аз астрономҳои қаблӣ ба натиҷаҳои дақиқтар муяссар гашт. Ҳамватани машҳури мо **Абуалӣ ибни Сино** (980–1037) махсусан, дар соҳаи тиббиёт шуҳрат дошт. Ӯро дар Европа Авитсенна меномиданд. Ӯ шоҳасари худ "Ал-қонун фит-тиб"-ро офарид, ки таҷрибаҳои табибони Ҳиндустони қадим ва Осиёи Миёнаро ҷамъбаст кардааст.

Сайёҳоне, ки дар рушди фанни география саҳми калон гузоштаанд: **ал-Маъсудӣ, ибни Даст, ибни Фадлан** ва **ибни Баттута** ҷаҳонро аз Атлантика то уқёнуси Ором, аз Африка то Рус сафар карда, дар бораи аҳолӣ, табиат, олами наботот ва ҳайвоноти он ҷойҳо маълумоти зиёде гузоштаанд.

Киштиҳои онҳо бо эътимоднокӣ ва устувории худ, харитаҳо ва асбобу ускунаҳои баҳриашон бо амиқиашон фарқ мекарданд.

Арабҳои ба кишварҳои дорои маданияти олии Осиёи Ғарбӣ омада, нисбат ба юнониҳо, яҳудиҳо, суриягиҳо, форсҳо, суғдҳо ақибмонда буданд. Аммо маданияти ин халқҳоро аз худ карда, боз ҳам ба вуҷуд омадани маданияти волотар шароит фароҳам оварданд.



*Болоравии илму фан*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар замони хилофати Араб, дар асри VIII дар Тунис, аз қабили “Зайтуна”, дар асри IX дар Бағдод, “Байт ул-ҳикма”, дар Форс (Марокаш) “Қаровиюн”, дар асри X дар Қоҳира, “ал-Азҳар” даргоҳҳои илмӣ ташкил карда мешавад. Қуллаи тамаддун таъсиси “Байт ул-ҳикма” – “Хонаи хирад” дар пойтахти Бағдод, дар замони ҳукмронии халифа Ҳорун ар-Рашид ва вориси ӯ Маъмун буд. Аксари ин даргоҳҳои илмӣ дар олами ислом беш аз ҳазор сол боз фаъолият доранд.

**ИНРО ДАР ХОТИР НИГОҲ ДОРЕД!**

*Байт ул-ҳикма як му ассисаи илмиест, ки оли монро муттаҳид мекунад ва дорои китобхонаи хеле бузург ва ғанӣ мебошад. Китобхона дорои 400 000 ҷилд дастхатҳои ҳиндӣ, юнонӣ, арабӣ ва форсӣ мебошад. Муассисаро бо академияи юнониёни қадим Афлотун (Платон) муқои са кардан мумкин аст.*



*Тадқиқотҳои илмии олимон*

Таърихи хаттӣ дар арабҳо бо дини ислом дар як вақт ба вуҷуд омадааст. Ривоятҳо ва маълумотҳо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти пайғамбар Муҳаммад (с.а.в.) ва чӣ гуна пайдо шудани дини Ислом ба он асос гузоштааст. Муаррихон номи ҳудудҳоеро, ки арабҳо ишғол кардаанд, ба ҷаҳон паҳн кардаанд, ва инчунин таърихи ҳукмдорони Рим, Византия ва Эронро мухтасар тавсиф кардаанд.

Арабҳо аз Хитой парвариши чой, ба ҷойи пергаменти гаронбаҳо коғазҳои арзон тайёр карданро, истифода бурдани борут ва компасро омӯхтаанд. Тоҷирони араб бо воситаи баҳр ба Ҳиндустон “роҳи зиравориҳо”-ро аз худ карда, бо ҳиндҳо тиҷорат мекарданд. Арабҳо аз ҳиндҳо рақамҳоро (онҳо ба таърих ҳамчун рақамҳои арабӣ дохил шуданд), аз найшакар шакар гирифтанро, афлесун ва лимӯ парвариш карданро омӯхтаанд.

## АДАБИЁТ



Адабиёти мусулмонӣ аввал ба забони арабӣ офарида мешавад. Баъдан дар асри X ба форсӣ тарҷума мешавад ва ба забони форсӣ навишта мешавад. Шеърияти мусулмонӣ ба дараҷаи баланд расида, шаклҳои зиёди он ташаккул ёфтааст. Тоҷирон ва сайёҳони араб аз кишварҳои дур на танҳо чизҳои аҷиб, балки ҳикояҳои оиди саргузаштҳои аҷиб,афсонаҳо ва ривоятҳои ба худ хоси халқҳои дигарро ҳам меоварданд. Онҳоро дар қасри халифаҳо ва ашрофон, дар базмҳо, бозору кӯчаҳо ва дар хонаҳои бағдодиён нақл мекарданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар асоси ҳамин гуна достонҳо, ривоятҳо ва афсонаҳо баъдтар дурдонаи аҷиби оламшумули адабиёти араб – “Ҳазору як шаб” ба вуҷуд омад, ки он дар худ эҷодиёти даҳонии халқҳои зиёдро дар бар гирифтааст.

Дар арабҳо то пайдоиши дини ислом шеърияти бой буд, он дар худ зиндагӣ ва урфу одатҳои мардуми бодиянишинро инъикос мекард. Дар ҳар як қабила шоирони маъруфе буданд, ки дар ҳама ҷашнҳо ҳунарнамоӣ мекарданд.

Ин шоирон ҷанговарони далер, одамони ба қавли худ содиқу саховатмандро васф кардаанд. Шинос шудан бо маданияти халқҳои забтшуда шавқи арабҳоро тағйир медиҳад. Акнун шоиронро мавзӯъҳои абадӣ: некӣ ва бадӣ, ҳаёт ва марг, сарвату бенавоӣ, ишқу хиёнат, зебоии олам ва ташвишҳои он илҳом мебахшанд.

## МЕЪМОРӢ



Дар хилофат меъморӣ назар ба тамоми соҳаҳои санъат бештар инкишоф ёфт. Дар давлатҳои таркиби хилофат қасрҳои муҳташам, масҷидҳо, мадрасаҳо ва қалъаҳо сохта шуданд. Қасри “ал-Ҳамро” дар Гранадаи Испания, масҷид ва қасри “ал-Қасар” дар Севиля, масҷид дар Кордова, масҷиди Ҳасан дар шаҳри Қоҳираи Миср, ва мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро дурдонаҳои меъмории даври арабҳо ҳисоб мешаванд.

Дар ҳар як шаҳри мусулмон мактабҳои махсуси олӣ – мадрасаҳо сохта шудаанд. Дар онҳо пеш аз ҳама Қуръон омӯхта мешуд. Дар назари мусулмонон ин дониш инъоми Худованд ба инсон аст. Фаҳмидани он хеле душвор аст, зеро маънои калимаҳои арабӣ тобишҳои зиёд доранд ва инсон бузургии тамоми коинотро дар худ ҷамъбаст карда наметавонад. Одамон низ дар масоъили тақсими мерос, бастани шартномаҳо, ҳисоби майдонҳои замин, сохтмони каналҳо ва муайян кардани вақти намоз ва рӯза ба он такя мекарданд. Ду манораи дар масҷиду мадраса –

*Архитектураи қасри “ал-Ҳамро”*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Бахси олимон*

рамзи дастони инсон, ки бо имон ба Худо бардошта шудаанд. Дар ҳавзи ҳавлии масҷид аз об таҳорат карда чун мусулмон аз остонаи масҷид мегузарад, ба ҷое, ки Худованд муқаррар кардааст, ворид мешавад. Намозгузор рӯяшро ба сӯйи Каъбаи Макка (дар он тараф рафи махсус – меҳроб ҳаст) карда, зону зада намоз мехонад.

Ислом тасвири расми инсон ва ҳайвонҳоро манъ кардааст, зеро инсон ба ҷонзотҳое, ки рассом тасвир кардааст, ҳаёт бахшида наметавонад. Аз ин рӯ, деворҳои масҷиду мадрасаҳо бо навиштаҷоти кандакорӣ бо алифбои арабӣ оро дода шудаанд, ки оятҳои Қуръонро ҷамъбаст мекунанд.

## ТАРЗИ ҲАЁТ

Сарватҳои халифа ва равнақи иқтисодии он барои рӯзгори ҳаррӯзаи мардум, махсусан сарватмандон шароитҳои нав ба вуҷуд меоварад. Арабҳо бо аз худ кардани бисёре аз анъанаҳои зиндагии Византия ва Форс тавонистанд, зиндагӣ ва фароғатии худро зебо ташкил кунанд. Чизҳои боҳашамат: матоъҳои нафис, истеҳсоли гулдонҳои шишагин ривоҷ ёфт. Дар ороиши қасрҳо ва барпо кардани боғҳо ба арабҳо баробар шуда наметавонистанд. Онҳо китобро дӯст медоштанд. Дар асри VIII аз худ кардани истеҳсоли коғаз арзон ва ҳамабоп шудани китобҳоро таъмин намуд. Калонтарин китобхонаҳо на танҳо дар Дамишқ ва Бағдод буданд, аз ҷумла дар асри X дар китобхонаи халифаи Қурдоба 400 ҳазор нусха дастхат мавҷуд буд.

Базми арабҳо бо назокати худ фарқ мекард. Одобу меъёрҳои нозук дар гирди дастархон, кашидани таомҳо, шӯстани дастҳо пеш аз хӯрок ва баъд аз хӯрок, тартибҳои тоза кардани дандонҳо ҷорӣ шуда буд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Чаро илму фан ва маданияти хилофатро “тамаддуни арабӣ” меноманд?**
2. **Ба болоравии илму фан ва маданият дар хилофат кадом омилҳо таъсир расонидаанд?**
3. **Дар бораи алломаҳои Осиёи Миёна, ки дар халифагӣ фаъолият нишон доданд, гуфта диҳед.**
4. **Дар соҳаи адабиёт, меъморӣ ва санъат кадом комёбиҳо то ба имрӯз нигоҳ дошта шудааст?**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU



# Мавзӯи 23-юм

# Маданияти халқҳои Хитой, Корея, Япония ва Ҳиндустон




**ШУМО ДОНИСТА МЕГИРЕД:**

- урфу одат ва анъанаҳои хитоиҳо;
- маданияти Корея;
- маданияти Япония;
- дар бораи маданияти ҳинд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ ХИТОИҲО

Хитоиҳо дар хонаҳои бешифт зиндагӣ мекарданд. Онҳо дар хона болои тахтаҳо менишастанд, хӯрок мехӯрданд ва мехобиданд. Саҳни ҳавлӣ қалъаи хурдеро ба ёд меовард. Бе иҷозат ба ҳавлии дигарон даромадан манъ буд. Хитоиҳо либоси оддию якхела мепӯшиданд. Онҳо озуқаро интихоб намекарданд, қариб ҳама чизро мехӯрданд. Пас аз хӯрок об нӯшидан дар хитоиҳо одат буд. Дар асрҳои III–IV, пас аз он ки хитоиҳо бо растании чой шинос шуданд, онҳо дӯстдорони ин гиёҳи шифобахш шуданд. Чойро шоирон васф мекарданд ва дар ин бора китобҳо навиштаанд. То асри XIV чой ҳамчун таоми моеъ пухта мешуд.

Дар Хитой идҳоро хеле дӯст медоштанд. Бузургтарин ҷашни онҳо Соли нав буд. Дар рӯзҳои таҷлили соли кӯҳна ва таҷлили соли нав одамон дар зери садоҳои думбираву зангӯла гӯшҳои мардумро ба қомат расонда, дар тан либоси мавҷудоти афсонавӣ пӯшида, аз одамҳои ҷамъшуда ҳадяҳо мехостанд.



*Кишоварзии Хитой*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Илова бар ин, онҳо карнавали халқӣ – “иди фонусҳо”-ро баргузор мекарданд. Тамоми шаҳрро бо фонусҳои зебо оро додаанд. Он шаб ҳамаи оташҳо хомӯш карда шуда, хӯроки хунукшуда истеъмол мекарданд, ва аз нав оташ меафрӯхтанд. Иди ҳосил низ ботантана қайд карда мешуд.

Дар Хитой бозии аз ҳама оммавӣ бозии тӯб аз дастаҳои дах нафара иборат буд. Ин бозиро аҷдоди деринаи футболи муосир гуфтан мумкин. Хитоиҳо бозии чавгонро низ дӯст медоштанд.






*Парвариши чой дар Хитой*

## ДИН ВА МАДАНИЯТ

Аз миёнаҳои ҳазораи I пеш аз милод дар байни намояндагони табақаҳои болоии Хитой дини буддоӣ паҳн шудан гирифт. Аммо халқи оддӣ, ки абадиятро ваъда дода буд, талоши қудрат, сарват ва шӯҳратро маҳкум карда ва ба баробарӣ даъват карда буд, **даосизм**ро тарафдорӣ карданд. Дар баробари ин дар мамлакат нуфузи конфутсиягӣ меафзояд. Тибқи ақидаи Конфутсӣ, инсон бояд дилсӯз бошад, ба дигарон озор надиҳад ва ба калонсолон, хусусан ба падару модар эҳтиром дошта бошад. Хитоиҳо, ки ин қоидаҳои ахлоқро ба қонунҳои қатъӣ табдил додаанд, ҳаёти худашонро ба ин ё он дараҷа ба тартиб андохтанд.

Давлат дар бораи таълим ғамхорӣ мекард. Зеро ба ӯ амалдорони таълимгирифта лозим буд. Барои соҳиби маълумот ҳисоб шудан ғайр аз хондан, навиштан, ҳисобкунӣ, боз камонварӣ, маҳорати идора кардани аробаи ҷанг ва донистани мусиқӣ талаб карда мешуд. Дар баъзе *дайрҳо* санъати ҷангӣ – у шу низ омӯзонида мешуд. Хитоиҳо дар соҳаи математика, астрономия ва тиббиёт муваффақиятҳои калон ба даст овардаанд. Онҳо борут (аз он аввал дар мушакбозӣ истифода бурдаанд), компас ва сейсмографро ихтироъ кардаанд. Ҳанӯз дар асри IX дар Хитой аввалин китоби иероглифдори барҷаста аз чоп баромадааст. Аввалин рӯзнома чоп гардидааст. Китобхонаҳои азим кушода шудааст. Фанҳои таъриху география ривоҷ ёфтанд. Энсиклопедияҳои азими аз 11000 ҷилд ва 900 ҳазор варақ иборат буда тартиб дода шудааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Чараёни тайёркунии коғаз*

## МАДАНИЯТИ КОРЕЯ

Дар гузашти дур кореягиҳо мисли дигар халқҳо қувваҳои табиатро илоҳӣ карда, ба қатори онҳо рӯҳҳои гуногун ва қувваҳои ғайритабииро ҳамроҳ кардаанд. Таълимоти конфутсӣ, ки дар Хитой васеъ паҳн шуда буд, ба кишварҳои ҳамсоя, бахусус Корея таъсири қавӣ дошт. Ҳарчанд эътиқод ба конфутсигӣ дар ин ҷо аз замони қадим сарчашма мегирад, замони дақиқ дар се давраи шоҳӣ: Когурё дар асри III, баъд Пекче дар асри IV ва ниҳоят Силла дар асри VI мушоҳида мешавад.

Паҳншавии буддизм дар Корея ба охирҳои асри IV рост меояд. Маълум аст, ки Сурхондарё яке аз ҷойҳое буд, ки дини буддоӣ пеш аз Корея омада буд. Услуби сохтмони ибодатхонаҳои буддоӣ дар воҳа дар Хитой низ истифода шудааст. Ин маънои онро дорад, ки буддоӣ аз ҳудудҳои Осиёи Марказӣ то Хитой ва аз онҷо ба Корея ба муҳити эътиқодоти гуногуни мазҳабӣ мутобиқ шудааст. Барои ҳамин таълимоти Буддо дар Корея мисли Хитой нисбатан зуд паҳн шудааст. Дар пеши назари ҳукмдорони маҳаллӣ пайдо шудани эътиқоди нав ба роҳибон имкон дод, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ-ю сиёсии кишвар нақши ҷиддӣ ва фаъол дошта бошанд. Дар шоҳии Силла ба вазифаи мушовири шоҳ сардори роҳиби буддоӣ таъин карда шуд. Ин имкон дод, ки дастурҳо ва нишондодҳои буддоӣ тавассути қаср паҳн карда шаванд. Ба ин ҳамчун мисол матнҳои зерини панҷ ва ҳафт фармоишро овардан мумкин аст.

### ПАНҶ ФАРМОИШ:

1) садоқати дӯстро омӯхтан;
2) аз майдони ҷанг ақибнишинӣ накардан;
3) аз рехтани хуни бесабаб пешгирӣ кардан;
4) ба подшоҳ босадоқат итоат кардан;
5) ба падару модар босадоқат хизмат кардан.

### ҲАФТ ФАРМОИШ:

1) ба ҳама гуна мавҷудоти зинда зиёну заҳмат нарасонидан;
2) танбалӣ накардан, ба фаҳш машғул нашудан;
3) дар суханронӣ бемулоҳизагӣ ва бепарвогӣ накардан;
4) худдорӣ аз нӯшокиҳои сармасткунанда;
5) худро ҳеҷ гоҳ аз дигарон болотар нагузоштан;
6) аз гиёҳҳои бӯи хуш паҳнкунанда истифода набурдан;
7) ҳамеша аз гулҳо ва ҳузуру ҳаловат дур гаштан.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*Бозори Корея*

Вақте ки дини буддоӣ мақоми дини давлатӣ гирифт, ҳуҷумҳои хони муғул оғоз ёфт. Сабабҳои шикаст аз муғулҳоро дарбориён аз буддоӣ диданд. Дирӯзакак ибодатхонаҳои буддоӣ аз андоз озод буд аз ҷониби давлат рад карда шуд. Дар шаҳр зистани роҳибон ба синфи ҳукмрон малол омада, онҳо аз оғӯши кӯҳҳо макон ҷуста, дар он ҷойҳо ба сохтани ибодатхонаҳои худ шурӯъ карданд. Дар натиҷа, ибодатхонаҳое, ки дар Корея пас аз асри XIII сохта шудаанд, дар ҷойҳои душворгузар сохта шуданд.

Ба сарзамини Корея ворид шудани дини ислом ба асрҳои VII–X рост меояд, ки тоҷирони араб бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тавассути роҳҳои баҳрӣ робитаҳои тиҷоратӣ барқарор карданд. Бино ба манбаҳои таърихӣ, ин кишвари нав ва сокинони он ба арабҳо маъқул шуда, дертар дар нимҷазира растаҳои савдои мусулмонӣ пайдо шуданд. Аз ҷумла, дар ҳуҷҷати дар бораи баҳрнавардони арабӣ оиди асри IX гуфта мешавад: *“Дар заминҳои кӯҳсори он тарафи баҳри паси Хитой кишвари аз тилло бой Силла вуҷуд дорад”*. Киштиҳои тиҷоратии араб ба Корея асосан растаниҳои шифобахш, доруворӣ, мис, ангур ва шарбати ангур меоварданд. Тоҷирон дар ин ҷо молҳои худро ба тилло, нуқра ва либосҳо иваз мекарданд. Маданияти мусулмоние, ки арабҳо ба Корея оварда буданд, арзишмандтарин ва нодиртарин дастовардҳои илмӣ барои кореягиҳо – тақвими мусулмонӣ буд, ки вақти гирифтани офтоб ва моҳро муайян мекард.



*Ибодатхонаи буддоии корейс*

Аввалин навиштаҷоти арабӣ дар Корея нисбат ба навиштаҳои европоиҳо арзишмандтар аст, ки чаҳор-панҷ аср аввал навишта шудааст. Алоқаҳои тиҷоратӣ ва маданӣ арабҳо ва корейсҳо, то таназзули сулолаи Корё давом кардааст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАДАНИЯТИ ЯПОНИЯ ДАР АСРҲОИ МИЁНА



*Аҳолии шаҳри Япония дар асрҳои миёна*

Буддизми аз Хитой ворид шуда, ба маданияти маънавӣ, урфу одатҳо ва меъёрҳои одобу ахлоқи Япония таъсири калон расондааст. Дар мамлакат роҳибони буддоиро аҳли илм мегуфтанд. Ҳанӯз дар асри VIII дар Япония барои фарзандони ашрофон мактабҳо ташкил карда мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда як қисми ҷавонон барои омӯзиши қонунҳо ва адабиёт ба Хитой рафтанд. Японҳои босавод бо иероглифҳои қадимии Хитой менавиштанд. Дар миёнаи асри IX алифбои японӣ ихтироъ карда шуд. Ҳарчанд он ба хатти хитоӣ асос ёфтааст, барои навиштан то андозае қулай буд. Дар Япония низ шеър навиштан ва навохтани асбобҳои мусиқӣ барои одамони босавод зарур даниста мешуд. Дар байни аҳолии шаҳр шоирон зиёд буданд ва ҳатто мусобиқаҳои онҳо низ гузаронида мешуданд.



*Навозандагони япон*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## МАДАНИЯТИ ҲИНД


*Ғор-ибодатхонаҳои шаҳри Аҷантаи Ҳиндустон*

Дар асри миёна дар Ҳиндустон илмҳои табиӣ хеле инкишоф ёфтанд. Ҳиндҳо системаи даҳии рақамҳои муосири арабиро сохтанд. Арифметикаи мактаб низ ихтирои ҳиндҳо ҳисобида мешавад. Усулҳои қадимии муолиҷа бо гиёҳҳои шифобахши ҳиндҳоро табибон – олимон то ҳол меомӯзанд.

Дар ин давра адабиёт бо забони санскритӣ инкишоф ёфт. Пъесаҳо ва асарҳои драматурги бузурги замони худ Калидаса ба бисёр забонҳои ҳозира тарҷума шудаанд. Дар даври мусулмонӣ дар кишвар адабиётҳо бо забони форсӣ низ ба вуҷуд меоянд.

### БАРОИ ПУРДОНҲО

*Санскрит забони адабии қадим ва асримиёнагии Ҳиндустон аст. Усто – бинокорони ҳиндӣ сангҳоро меканданд ё аз санг ибодатхонаҳои маҳобатнок месохтанд. Ин ибодатхонаҳо бо релъеф, ҳайкал ва нақшҳо оро дода шудаанд. Дар султонии Деҳлӣ масҷидҳои аҷоиб сохта шудааст.*

*Ҳиндҳо мусиқӣ ва рақсро дӯст медоштанд. Онҳо рақсро ҳамчун рақс на дида бо воситаи он, дар бораи муҳаббат, илоҳҳо ва қаҳрамонони афсонавӣ ҳикояҳо нақл кардаанд. Дар рақси онҳо ҳар як ҳаракати тана, ҳар як имову ишора (хусусан ба воситаи ангуштон) мазмуни чуқур ифода кардааст. Касби раққос ё раққосаро дар давоми солҳо аз худ кардаанд.*


*Калидаса*

Ҳиндҳо низ сохтмон ва анъанаҳои меъмории нотакрори худро доранд ва дар ин соҳа ба пешрафтҳои бузург ноил шудаанд. Машҳуртарини онҳо ибодатхонаи буддоии **Аҷанта** буд, ки дар давоми нӯҳ аср (асри II – и пеш аз милод то VII милодӣ) сохта шудааст. Ибодатхона аз 29 хонаи дар сангҳо кандакорӣ карда иборат буда, деворҳои онҳо бо релйефҳо пӯшида, бо ҳайкалҳо ва нақшҳои кандакорӣ оро дода шудаанд. Баробари ба ба сари ҳокимият омадани мусулмонон дар шимоли Ҳиндустон масҷиду мадрасаҳо, мақбараҳо ва манораҳои нав сохта мешаванд. Аз ҷумла, дар пойтахт бо манораи 70 метр доштаи "Қутб минор" сохта шудааст. Дар давраи ҳукмронии мусулмонон, ҷамоаҳои деҳоти Ҳиндустон дар асоси қонунҳои кӯҳнаи каста зин-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



дагӣ мекарданд. Қасрҳои ҳукмдоронро бинокорони ҳиндӣ сохтаанд, андозҳоро мирзоҳои ҳинд ба ҳисоб мегирифтанд ва тангаҳоро ҳиндҳо сикка мекарданд. Дар қасри султонии Деҳлӣ браҳман-мунаҷҷимон зиндагӣ карда, рӯзҳои некро пешгӯӣ мекарданд ва табибони браҳманӣ беморонро табобат мекарданд.

## МУШОҲИДАИ ТАЪРИХӢ

*Дар асрҳои миёна дар Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубӣ-Шарқӣ дар зери таъсири динҳои ҳиндуизм, буддизм ва ислом тамаддуни ҳинд ташаккул мeёбад.*

## ҲАЁТИ РӮЗМАРРА, УРФУ ОДАТҲО, АНЪАНАҲО

Ҳиндҳои сарватманд дар ҳавлиҳои калон зиндагӣ мекарданд. Аз ҷиҳозҳои хона курсиҳои нарми такядор ва катҳо доштанд. Фарш бо палос, қолинҳо ё пӯстҳои ҳайвонот пӯшида мешуд. Камбағалон дар кулбаҳои қамишин зиндагӣ мекарданд. Либоси мардону занон хеле содда буд. Вақте ки мардон ба берун мебаромаданд, онҳо куртаҳои дароз ва ҷомаи дароз мепӯшиданд, занон бошад, барои пӯшидани танаашон аз матои дарозиаш якчанд метр либоси печон (сари) мепӯшиданд. Дар зери таъсири мусулмонон баъдтар куртаҳо ба урф даромад. Ҳиндҳо зебу зинатҳо ва атриётро хеле дӯст медоштанд. Занҳо ва духтарон дар рӯзҳои ид худро бо гулчанбарҳо оро доданро дӯст медоштанд. Аксарияти ҳиндҳо ширӣ ва аз растанӣ тайёркардашударо истеъмол мекарданд. Онҳо қариб гӯшти гов ва нӯшокиҳои спиртӣ истеъмол намекарданд. Зеро дин онҳоро манъ кардааст. Ҳиндҳо шоҳмотро ихтироъ карда, аз бозии ошиқ завқ мегирифтанд. Онҳо ба бозиҳои спортӣ аҳамияти зарурӣ медоданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. **Дар бораи зиндагии ҳаррӯзаи хитоиҳо, хона, либос ва таомҳои онҳо гуфта диҳед.**
2. **Комёбиҳои асосии маданияти Хитой дар асрҳои миёна дар чиҳо буд?**
3. **Ба конфутсизм, буддизм ва ислом, ки дар Корея паҳн шуда буд, баҳои муқоисавӣ диҳед.**
4. **Шумо дар бораи маданияти Япония чиҳоро донистa гирифтед?**
5. **Ба дараҷаи тараққиёти тамаддуни ҳинд баҳо диҳед.**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# МУНДАРИЧА

**Муқаддима.** ...........................................................................................3



## БОБИ I. ХАЛҚҲОИ ЕВРОПА ДАР АСРҲОИ МИЁНА

**Мавзӯи 1-ум.** Қабилаҳои германӣ ва империяи Рим ....................................... 6
**Мавзӯъҳои 2–3-юм.** Давлати франкҳо: аз шоҳигарӣ ба империя......................12
**Мавзӯи 4-ум.** Аз Британия то Англия ..........................................................22
**Мавзӯи 5-ум.** Империяи муқаддаси Рим ........................................................30
**Мавзӯи 6-ум.** Византия: дар байни Ғарб ва Шарқ .........................................36
**Мавзӯи 7-ум.** Ташкилёбии давлатҳои славянӣ ..............................................42



## БОБИ II. ОСИЁ ВА АМЕРИКА ДАР АСРҲОИ V–VIII

**Мавзӯи 8-ум.** Гаҳвораи дини нав..................................................................50
**Мавзӯи 9-ум.** Хилофати Араб: барпо шудани олами ислом...........................56
**Мавзӯи 10-ум.** Давлати Салҷуқиҳо.................................................................62
**Мавзӯи 11-ум.** Давлати муғулҳо ....................................................................66
**Мавзӯи 12-ум.** Ҳиндустон – “мамлакати ҳазор аҷоиботҳо” ..............................72
**Мавзӯи 13-ум.** Хитой – “Империяи зериосмонӣ”– болоравӣ ва таназзулҳо ........78
**Мавзӯи 14-ум.** Корея дар асрҳои миёна...........................................................84
**Мавзӯи 15-ум.** Мамлакати офтоббаро – Япония дар асрҳои миёна .................88
**Мавзӯи 16-ум.** Америка дар асрҳои миёна .......................................................92



## БОБИ III. ТАҒЙИРОТҲО ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА МАДАНИИ ХАЛҚҲОИ АСРҲОИ МИЁНА

**Мавзӯи 17-ум.** Дар асрҳои миёна дар олами насронӣ тағйиротҳои содиршуда .. 100
**Мавзӯи 18-ум.** Юришҳои салибӣ ...................................................................106
**Мавзӯи 19-ум.** Хусусиятҳои ба худ хоси шаҳрҳои Европа дар асрҳои миёна......116
**Мавзӯи 20-ум.** Шаҳрҳои Осиё дар асри миёна.................................................124
**Мавзӯи 21-ум.** Маданияти Европа дар асрҳои миёна .......................................130
**Мавзӯи 22-юм.** Маданияти мамлакатҳои хилофати Араб....................................136
**Мавзӯи 23-юм.** Маданияти халқҳои Хитой, Корея, Япония ва Ҳиндустон ........ 142



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Таърихи ҷаҳон [Матн]: китоби дарсӣ барои синфи 7-ум / Л. М. Насруллаев [ва диг.].
- Тошканд: Маркази таълими Республика, 2022. - 152 саҳ.

ISBN 978-9943-8373-9-3

УЎК 94(100)(075.3)
КБК 63.3(0)я72

***O‘quv nashri***

# JAHON TARIXI

*Umumiy o‘rta ta’lim*
*maktablarining 7-sinfi uchun darslik*
*(Tojik tilida)*

Тарҷумон Баҳодирҳон Элибоев
Муҳаррир Мухаббат Жиянбоева
Мусаҳҳиҳ Равшанбек Каримов
Муҳаррири техникӣ Акмал Сулаймонов
Рассом Фирдавс Толипов
Саҳифабанд-дизайнер Артур Нуруллаев

Ба чопаш иҷозат дода шуд: 09.07.2022. Андозаи 60x84 1/8
Гарнитураи “Ариал”. Кегли 12 шпондор. Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 17,67. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 19,76.
Адади нашр _____. Фармоиши №____.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда**

| Т/р | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| 7 | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи роҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқова бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова даридааст, хат кашида шудааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ёки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE